PDF Compressor Free Version



# САНГ ҲАМ ДИЛЕ ДОРАД

ПАЖӮҲИШГОҲИ ФАРҲАНГИ
ФОРСӢ - ТОҶИКӢ

Аҳрор Мухторов

Душанбе 1999

PDF Compressor Free Version

# Санг ҳам диле дорад

Пажуҳишгоҳи
фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ

Аҳрор Мухторов

Душанбе -1999

КИТОБХОНАИ ШАХСИИ
№______
Академик Ахрор Мухторов

# ФЕҲРИСТ

PDF Compressor Free Version

1. Анъанаи ҳазорсола ........................................ 5
2. Кӯҳистон ............................................................ 10
а. Очерки ҷуғрофӣ ва таърихӣ ........................... 10
б. Марҳиллаҳои асосии таърихи Кӯҳистон ........... 12
3. Азоби роҳ .......................................................... 14
4. Оббурдон ва оббурдониҳо ................................. 19
5. Сифати зан дар қайроқсангҳо ........................... 22
6. Зиёваддин ........................................................... 26
7. Муҳаммад ........................................................... 29
8. Ҳоҷӣ Маҳмуд ва ворисони ӯ ............................. 31
9. Аловаддин ва писараш Султон ......................... 39
10. Абдувалӣ ва ворисони ӯ .................................. 40
11. Устокорони яғнобӣ ........................................... 44
12. Шеърҳое, ки аз асрҳои XV-XVI дар мадди назар будаанд ............................................................ 47
13. Хатте, ки Бобур Мирзо бо дасти худ кандааст ... 53
14. Маҳсули канандагони асрҳои XVII-XIX ............ 58
15. Хатҳои бесана ................................................... 66
16. Катибаҳои дорои маълумоти таърихӣ ............. 72
17. Инъикоси орзуҳои гузаштагони мардуми Бадахшон дар рӯи санг ................................................... 76
18. Таърихи набардҳои хунин ................................ 79
19. Хатҳои девор .................................................... 82
20. Хатҳои рӯи зарф ва дигар олот ....................... 92
21. Қитъа ................................................................. 99
22. Дар сари турбати ниёгон ................................ 106
23. Катибаҳои Озарбойҷон ................................... 110
24. Катибаҳои шаҳри Ғазнин ................................ 115
25. Интихоб аз матнҳои мазороти Ҳирот ............ 119
26. Матнҳо аз мазороти шаҳри Кобул ................. 129
27. Дар сари турбати Хусрави Деҳлавӣ ва ҳамдиёрони ӯ ............................................................ 143

Бисмихи таъоло

PDF Compressor Free Version

# Мукаддима

Ин китоб шомили теъдоде аз навиштахои кухани катибахо ва зарфхою лавхахои когазии минтакахои мухталифи Осиёи Марказй аст ва аз Хиндустон то Кафкозро фаро мегирад ва зиндагии ичтимой ва умури иктисодиву фархангии мардумони ин навохиро аз карнхои миёна то карни 19 мелодй мунъакис мекунад. Ин навиштахо ба лихози мухталиф дархури таваччух ва дорои ахамияти таърихй, адабй ва фархангй мебошанд.

Бархе аз ин сангнавиштахо, лавхахо ва зарфнавиштахо, ки хам ба забони форсй ва хам ба забони арабй мебошанд, гушахои торики фарханги Эронзаминро равшан карда, иттилооти китобхои мухталифи калимиро комил сохта ва масоили номаълуми таърих ва фарханги хунари мардуми Осиёи Марказиро то худуде ошкор менамоянд ва хамчунин матолиб ва маводи арзишмандеро чихати тахкик ва баррасии масоили хунарй ва фолклорй, хаттотй ва адабй дар ихтиёри мутахассисон ва пажухишгарон карор медихад. Намунахои катибахо ва навиштахои гуногуне, ки дар ин китоб оварда шудааст, ба бахшхои зерин таксим гардидааст.

1. Санги кабрхо.

2. Сангнавиштахои мухталифи адабй ва таърихй.

3.Деворнавиштахо ва дару панчаранавиштахо.

4. Зарфнавиштахо ва хатхое, ки руи васоили мухталиф канда ва навишта шудааст.

5. Лавхахои когазй.

Ин катибаҳо ва осори марбут ба минтақаҳои кӯҳистони Зарафшон, бархе аз ноҳияҳои Балахшон, Ўзбекистон, Қирғизстон, Озарбойҷон, баъзе минтақаҳои Афғонистон ва Ҳиндустон мебошанд.

PDF Compressor Free Version

Бештари ин катибаҳо аз минтақаи қисмати саргаҳи рӯдхонаи Зарафшон, ки дар осори таҳқиқӣ бо номи Кӯҳистон ё Ғарҷистон зикр шудааст, ҷамъоварӣ шудааст.

Таърихи ин катибаҳо мухталиф аст ва дар байни онҳо сангнавиштаҳое аст, ки дар ноҳияи Айнӣ ва Мастчоҳ пайдо шуда ва дорои аҳамият аст. Масалан, дар рустои Оббурдон, катибае пайдо шуда, ки бо дасти Заҳириддин Бобур, муаллифи "Бобурнома" ва муассиси давлати Гурконӣ, дар соли 917 ҳиҷрӣ канда шуда ва ҳамчунин қадимтарин катиба, ки аз ҳамин минтақа мебошад, санги қабр аст, мутааллиқ ба шахсе ба номи Носир писари Муҳаммад, ки пир ва шайхи оҳангарон будааст, дар соли 484 ҳиҷрӣ кандакорӣ шудааст.

Теъдоде аз ин сангнавиштаҳо ҳокӣ аз он аст, ки шеъру адаб ва фарҳанг танҳо дар шаҳрҳо ва минтақаҳои марказӣ роиҷ набуда, балки дар рустоҳои дур ва минтақаҳои кӯҳистонӣ низ ривоҷ доштааст ва шоирону ҳунармандоне дар ин минтақаҳо вуҷуд доштаанд, ки гумном монда ва осорашон ба рӯзгори мо нарасидааст. Хушбахтона, номи чандин шоири маҳаллӣ тавассути ин сангнавиштаҳо шинохта ва пайдо шудааст ва ҳамчунин номи ҳаккокони маъруфе, ки ин сангнавиштаҳоро ба ёдгор мондаанд, мушаххас ва маълум шудааст. Теъдоди бештари сангнавиштаҳо тавассути худи ҳаккокон ва ё бо хоҳиши дигарон ҳаккокӣ шуда ва теъдоде низ бо фармони ҳокимон ва бузургони он рӯзгор кандакорӣ шудааст.

Бахше аз ин навиштаҳо ашъор ва суханони мардумӣ ва омиёна ва бахши дигар ашъор ва аҳволи бузургони шеъру адаб ва навиштаҳои динӣ ва Қуръонӣ аст.

PDF Compressor Free Version

Ба ҳар сурат навъҳои ин сангнавиштаҳо, лаҳваҳо, зарфнавиштаҳо ва ғайра намоёнгари тамаддун ва фарҳанги куҳан ва густурдае аст, ки то дили рустоҳо ва минтақаҳои кӯҳистонӣ низ нуфуз доштааст.

Китоби "Санг ҳам диле дорад", ки тавассути пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсии тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон тақдими хонандагони гиромӣ мебошад, натиҷаи кӯшиши чандин ва чандин солае аст, ки ҷиҳати шиносоии навъҳои сангнавиштаҳо ва лаҳваҳо сурат гирифтааст.

Ин гуна осор, ки дар воқеъ ҷузви осори ҷамъоварӣ нашудаи фарҳанги эронӣ мебошад, аз нигоҳи масоили адабӣ, таърихӣ ва ҳунарӣ саҳм ва ҷойгоҳи вижаеро доро ҳастанд. Ин китоб бо муъаррафии теъдоде аз осори кандакорӣ ва ҳаккокӣ шуда дар нуқтаҳои мухталиф, ба вижа Тоҷикистон, ин имконро фароҳам сохтааст, то дӯстдорони фарҳанги эронӣ битавонанд ба гӯшаҳои ношинохтаву торик ва дар парда мондаи фарҳангу тамаддуни дурахшони эронӣ воқиф шаванд ва заминаҳои тоза ва навинеро ҷиҳати таҳқиқоти таърихӣ, адабӣ ва ҳунарӣ ба даст оваранд.

**Сайид Расул Мусавӣ**
**Сафири фавқуллода ва мухтори**
**Ҷумҳурии Исломии Эрон**
**ноябри соли 1999**

*Дар ба дар мегарду мерав кӯ ба кӯ*
*Ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ.*

**«Тӯҳфат-ул-зоирин»**

PDF Compressor Free Version

## АНЪАНАИ ҲАЗОРСОЛА

Ҳангоми ҳафриёт олимон аз зери кӯшкҳои хароб шуда, хазинаҳои бесоҳибмонда, пасандозҳои истифода нашуда, сафолпора, сангҳо, порчаи устухон, филизот ва дигар асбобҳои зиндагиро пайдо кардаанд, ки ба рӯи онҳо гузаштагони халқи мо хатеро навишта ё кандаанд. Мазмуни хатҳо гуногун аст.

Сарфи назар аз мазмун ҳар кадоми пораҳои нотамом ё матнҳои пора-пора шудаи аҷдодони мо, аз таърихи худ-муносибати тиҷоратӣ, хоҷагӣ, оилавӣ ва дигар ҳаёти пурошӯби худ шоҳиде боқӣ гузоштаанд.

Хонандагони имрӯза аз хатҳои ба забони суғдӣ навиштаи кӯҳи Муғ (ноҳияи Айнӣ) огоҳанд. Онҳо саҳифаи тозаи таърихи натанҳо халқи тоҷик, балки дигар халқҳоро низ кушода доданд.

Бесабаб нест, ки Рудакии бузургвор гузаштаи ин анъанаи қадимаро як навъ ҷамъбаст намуда, гуфтааст:

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз,*
*Мардумони бихрад андар ҳар замон,*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон,*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг-андар ҳаме бингоштанд:*
*«Дониш андар дил чароғи равшан аст*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст».*

Мардуми хирадманди тоҷик роҳи донишро ба сафол, устухон ва санг, баъди қабули алифбои арабӣ ҳамчун расмул хат бингоштаанд.

Катибаҳо таърихи ҳазорсола доранд.

Шумо таърихи Тоҷикистонро варақ зада дар аксар боби он аз гузаштаи аҳолии саргаҳи Зарафшон-Фалғар, Яғноб ва Матчоҳ саҳифае хонда метавонед. Вакте ки музейҳои кишваршиносии шаҳри Душанбе, Панҷакент, Ўротеппа, Москва, С.Петербург, Хуҷанд ва Тошкандро тамошо мекунед аз маҳсули кори косибон, ҳунармандони ин води антикае ба назари шумо намоён мешавад. Китобҳои таърихӣ ва матоъҳои дар музейҳо махфуз буда шуморо даъват менамоянд, ки ба тамошои ин водии пурасрор сафар намоед.

PDF Compressor Free Version

Ҳангоми сафар ба назари шумо манораҳои лойин, ки тақрибан дах аср пеш қомат рост карда, шоҳиди воқеаҳои гуногуни ҳаёти халқи ин водӣ шудаанд, намоён мегарданд.

Шумо калъаҳоеро мебинед ки ҳанӯз асрори худро ниҳон медоранд ва ҳанӯз навбати ҳафриёти онҳо нарасидааст.

Хулоса дар аксар кишлокҳои ин водии куҳан боқимондаҳои маданияти аҷдодони худро мебинед. Ҳунармандон, наққошон, сангтарошон ва кандакорони асрҳои мухталиф ранҷ бурда ҳунари ҷовид ба бозори ҳунармандон арза кардаанд.

Ҳар қадом аз ин ҳунарҳо шоҳиди безабони таърих буда, танҳо дар дасти мутахассисони соҳаҳои гуногун «забон бароварда» аз гузашта хабар медиҳанд. Афсӯс ки аксари ҳунармандон ва косибон, ки дастони мӯъҷизакори онҳо маданияти бои халқи Куҳистонро то замони мо оварда расонидааст, бе ному нишон мондаанд.

Вале мо номи онҳоро донистан мехоҳем.

Танҳо катибаҳои сершумори кӯҳдевор, сангҳои сари роҳ ва сари қабр номи хаттоти моҳирро нигоҳ дошта омадаанд.

Катибаҳо шоҳиди «забондорӣ» асрҳои куҳан мебошанд. Бозьёфтҳои пурқимати ин водӣ шаҳодат медиҳанд, ки мардуми Куҳистон шомили маданияти ба худ хос буда, дар ташаккулу такомулоти минбаъдаи маданияти халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна саҳми арзандае гузоштаанд. Дар ин бора асарҳои олимон ки дар Душанбе, Тошканд, Москва ва С.Петербург нашр шудаанд, гувоҳӣ

медиханд.

Бобур Мирзо (1483-1530) ба Масчох сафар карда, дар асараш «Бобурнома» навиштааст, ки «дар кӯҳхо дар рӯи санг навиштани шеър ва баъзе чизҳои дигар барои аҳолӣ одат будааст».

PDF Compressor Free Version

[illegible] Кухистон матни рӯи сангро аз классикони адабиёти точику форс ва аз шоирони то хол номаълуми Кухистон интихоб кардаанд. Омӯхтани ин матнҳо бори дигар собит мекунад, ки мардуми Кухистон аз эҷодиёти Низомӣ, Саъдӣ, Хайём, Хофиз, Ҷомӣ, Бедил ва дигар классикони адабиёт воқиф будаанд. Як қисми шеърҳо аз китобҳо дар байни аҳолӣ пахн гардида шаклҳои гуногун, баъзан вайрони он, аз даҳони халқ ба рӯи сангҳо канда шудаанд.

Хулас, сарчашмаи шеърҳои истифода шудаи канандаҳо фольклор ё адабиёти хаттӣ буд.

Дар ин бора хатканҳои маъруфи Кухистон Ҳоҷӣ Маҳмуди калонӣ (асри XV) ва Абдулвалӣ (асрҳои XV-XVI) ба рӯи сангҳои сари роҳ такрори ҳамдигар намуда як байти маъруфи замони худро канда, аҳамияти касби худро таъкид кардаанд:

*Бинвиштаам аз он ки бишнавидам дар хабар,*
*Монад ба ёдгорӣ к-ан-нақши фи-л-ҳаҷар.*

Кухистониён одамони шеърдӯсту шеърфаҳм буданд, худашон шеър мегуфтанд.

Далели ин инкишофи ҳаматарафаи эҷодиёти даханикии мардуми саргаҳи Зарафшон аст, ки намунаҳои он чун китоби алоҳида ва дар асарҳои фольклорӣ ба чоп расидаанд. Шоира Дилшоди Барно (1800-1905) дар асари худ «Таърихи муҳоҷирон» навиштааст, ки «халқи кӯҳсори Масчоҳу Фалғар шоирони барҷаста ва сурудҳои аҷиб доранд». Ин ҷо ҳаминро бояд қайд кард, ки бо сабаби печ дар печии хат ё расидани осебе ба сангҳо хондани шеърҳо душвор буд. Дар навбати худ дар баъзе шеърҳои рӯи санг сакта ё худ норасоии вазну қофия ҳис карда мешавад.

Як сабаби ин навъ камбудиҳо камсаводии муаллифон ва канандаҳо буд. Ба ин монанд камбудиҳо дар эҷодиёти шоирони халқӣ, ки ҳатто хатту савод ҳам доштанд, кам набуданд.

Масалан, шоири шодравони тоҷик Аминҷон Шукӯҳӣ дар тарҷумаи ҳоли худ, дар ҳаққи амаки калониаш Мирмуҳаммад навишта буд: Он кас «хатту саводи нағз дошт. Табъи шоирӣ ӯро маҳбуби шиносҳояш карда буд. Худ ҳам гоҳ-гоҳ шеър мегуфт. Шеърҳояш асосан аз ҳаёти оилавию хешу табор ва шиносҳояш иборат буд. Онҳо осон, бо усули халқӣ-фольклорӣ навишта мешуданд. Аз ҷиҳати вазну қофияи арӯз хароб бошанд ҳам, шира ва мазмунҳои бикр доштанд». Шоиру шеърдӯстони Кӯҳистон ҳам аз ҳамин қабил одамон буданд.

PDF Compressor Free Version

Матнҳои дар ин китоб гирд омада хатҳои рӯи санг мебошанд, ки мо онҳоро ҳангоми кофтуковби ҳарсолаи худ дар давоми зиёда аз си сол, асосан аз сарғаҳи Зарафшон ва як миқдор аз кӯҳистони Помир, районҳои гуногуни ҷумҳурии ҳамсоя — Ӯзбекистон ва Қирғизистон гирд овардем.

Барои исботи ҳамраъйии мардуми Бадахшон, ҳатто Озарбойҷон, Афғонистон ва вилоятҳои дигар бо сокинони Кӯҳистон, мо дар ин китоб шеърҳои аз он ҷойҳо пайдо кардаро ҳамчун намуна илова намудем. Матнҳои дар ин китоб гирд омада танҳо як қисми ками хатҳои рӯи сангҳои Кӯҳистон мебошанд.

Дар ин водӣ хатти зиёдеро мо пайдо намудаем.

Вале равшан аст, ки қисми ин навъ хатҳо дар таки ярчу тарма монда ё вақти роҳсозӣ нобуд шудааст.

Омӯхтани катибаҳои Кӯҳистон ба мо имкон медиҳад тасдиқ намоем, ки Кӯҳистон дар гузашта ноҳияи хилвати пасмонда набудааст. Авҷи инкишофи маданияти он ба асрҳои XV-XVI рост меояд. Инро ҳатто муосирони ҳамон давр низ таъкид кардаанд. Масалан, ворисони канандаи маъруфи Кӯҳистон Абдувалӣ /1461-1541/ ин давраи таърихи Кӯҳистонро «Аср-ул-улум-в-ал-таква» номидааст.

Канандаҳои дар ин китоб номбаршуда ва онҳое, ки бо сабабе номбар нашудаанд, аз табақаи бомаърифати мардуми Кӯҳистон буда, дар инкишофи ҳаёти маънавии на танҳо диёри худ, балки умуман Осиёи Миёна саҳми босазое гузоштаанд. Хатҳои нодири онҳо аз қадима будани маданияти халқҳои Осиёи Миёна гувоҳӣ медиҳад. Номбурдагон мактаби хаттотии ба худ хос доштаанд ва

PDF Compressor Free Version

ба инкишофи маданияти Кӯҳистон, ки яке аз маконҳои қадимии маданияти тоҷик аст, хизмат кардаанд.

Хатҳои рӯи санги Кӯҳистон ба андозае дараҷаи саводнокии мардумро ҳам нишон дода метавонанд. Даҳҳо хатҳои шаҳҳо, қайроқсангҳои рӯи қабр, рӯи чӯбу гаҷ, деворҳо, зарфҳоро нафақат канандаҳои касбӣ балки бисьёр ҳаваскорон ҳам иҷро кардаанд. Ҳамаи инҳо дараҷаи саводнокии як қисми аҳолиро нишон медиҳанд.

Дар бораи нисбатан саводнок будани мардуми Кӯҳистон гап зада, набояд фаромуш кард, ки ин саводнокӣ ба ислом ва ба ақоиди шариат асос меёфт ва бечуну чаро иҷро шудани шартҳои динро талаб мекард.

Катибаҳо далолат мекунад, ки таъсири дин, ҳукмронии он дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти кӯҳистониён дар охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX хеле пурқувват будааст. Канандаҳои Кӯҳистон аз қабили шахсони маърифатноке будаанд ва барои тозагии забони тоҷикӣ ҳисса гузошта, кӯшиш кардаанд, ки ҳатто дар катибаҳои рӯи қабр ибораи арабиро бо тоҷикии ба аҳли Кӯҳистон фаҳмо иваз намоянд.

Катибаҳо дар омӯхтани таърихи забони тоҷикӣ ҳамчун сарчашмаи нодир ҳиссаи арзандае мегузоранд.

Хатҳои девор ва рӯи зарфҳо низ ҳамин навъ мақсадро доранд. Чунки баъзе байтҳои аз сангҳо кучонида дар деворҳо низ дучор омадаанд. Байтҳои ҳаммазмун аз маконҳои гуногун барои омӯхтани ҳаёти маданӣ ва адабии гузаштагонамон аз манфиат холӣ нест.

Мақсади ин китобча шиносо кардани хонандагони тоҷик бо мероси кандакорони Кӯҳистон, бо табъи шоирӣ ва шеърдустии онҳо мебошад, ки дар замонҳои гуногун ҳаёт ба сар бурда, аз худ мероси гаронбаҳое гузоштаанд. Шиносоӣ бо мероси арзанда-омӯхтани як соҳаи маданияти халқи тоҷик дар асрҳои гузашта мебошад.

Дар пайдо кардани хатҳои рӯи санги Сарғаҳи Зарафшон ва ҷойҳои дигар ба ғайр аз аъзоёни отряди археографии шӯъбаи таърихи асрҳои миёнаи институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши Академияи Фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сокинони деҳаҳои гуногуни Масчоҳу Фалғар кӯмак расонида ҳиссаи худро гузоштанд:

Масчохихо; мархум Хамдамов Бобохон (аз дехаи Ярм), Қобилов ва Окиловхо (аз Оббурдон) Сафоев Абдуллохон (аз дехаи Рог), Гадо Умарӣ ва Давлатов Муллохамид (аз дехаи Пастиғав); Аз нохияи Айнӣ шодравон Шарипов Абдуҷалил ва Зарипов Сиддиқ (аз дехаи Шамтич), мархум Мамадшоев Шучоъ (аз дехаи Томин), Аслиддинов Муллорахим (аз дехаи Анзоб). Аз нохияи Панҷакент: Каравулов Неъматулло, Бобоев Хӯҷабек (аз дехаи Моғиён), Ҷумъаев Ашурбой (аз дехаи Ёрӣ), собиқ мудири маорифи Панҷакент, шодравон Боймуродов Абдунабӣ. Муаллиф ба хамаи номбурдагон, инчунин ба муаллимон, мактаббачагони дехаи Шамтич, нохияи Айнӣ ва сокинони дехахое, ки аз сангхои хатдор бо мо дарак дода, хабари ҷойхои онхоро расонида буданд, миннатдорӣ изхор намуда, арзи эхтиром ба хотири муборaки онхо дорад.

Мо умедворем, ки дар оянда хар як шахси ба таъриху маданияти зодгохи худ хавасманд аз пайдо шудани хатхои рӯи санг ба мо маълумоте мефиристад ё имкон пайдо намуда акси онхоро гирифта равон мекунанд.

*Агар бинад хаташро чашми савсан,*
*Саводаш мешавад нохонда равшан.*

Мулло Туғро

## КӮХИСТОН

### 1.ОЧЕРКИ ҶУҒРОФӢ ВА ТАЪРИХӢ

Кӯхистон ба маънои кӯхсор бошад хам, хамчун исми хос номи нохияи саргахи дарёи Зарафшони Тоҷикистони имрӯза аст. Дар бораи таърихи «Кӯхистон» номида шудани саргахи ин дарьё олимон фикрхои гуногун рондаанд. Ба ақидаи баъзе олимон ахли Мовароуннахр мардуми нохияхое, ки дар шарқ, дар шимолу шарқ ва ҷануби Самарқанд воқеъ буд, «ғарча кӯхистон» мегуфтанд. Ин истилох, аз калимаи қадимии бохтарӣ «ғар-ғара» баромадааст. Баъзе олимони олами ислом ин махалро ба кӯхистони Мовароуннахр нисбат медиханд. Номи Ғарҷистон



PDF Compressor Free Version

ҳам аз ин истилоҳ бароьмадааст. Дар ҳамин асос олимон истилоҳи «ғарҷистони Самарқанд»-ро, ки дар асри XII Самъонӣ ном бурдааст, тахминан ба номи саргаҳи Зарафшон вобаста мекунанд. Ҳақ будани ин ақида бо мисолҳои зерин исбот мешавад. Масалан, хаттоти асри XIV Зиёвуддин дар санги сари роҳи Пули куҳани деҳаи Оббурдони Масчоҳ шеъре сабт намуда, ин маконро «Кӯҳистон» номидааст. То ба ҳол ин аввалин маълумоте мебошад, ки аз таърихи истифодашавии ин истилоҳ, дар байни аҳолии маҳаллии ин водӣ (дар асри XIV) гувоҳӣ медиҳад.

Истилоҳи «Кӯҳистон» дар асари Масъуд бини Усмони Кӯҳистонӣ «Таърихи Абдулхайронӣ» зикр ёфтааст. Ин асар доир ба таърихи халқи тоҷик маълумотҳои нодири таърихиро низ доро мебошад. «Таърихи Абдулхайронӣ» дар солҳои 1539-1540 навишта шуда доир ба муаллифи он дар вараки аввали ленинградии асар чунин қайд шудааст: «Ин китоби «Таърихи Абдулхайронӣ», асари Ҳофиз Масъудӣ бини Усмони Кӯҳистонӣ, аз вилояти Масчоҳи Уротеппа». Маълум мешавад, ки истилоҳи «Кӯҳистон» барои муаллифи масчоҳӣ ҳамчун нисба интихоб шуда, аз кӯҳистони саргаҳи Зарафшон будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Истилоҳи «Кӯҳистон» нисбат ба ин водӣ дар маъхази нодири таърихии асри XVI, асари Ҳофизи Таниши Бухороӣ - «Абдулloнома» (ё худ «Шарафномаи шоҳӣ») ҳам дучор меояд.

Дар сарчашмаи таърихии асри XVII, асари Саид Роқим - «Таърихи касира» гуфта шудааст, ки Абдуллохон (1583-1598) ба салотини Самарқанд ғолиб омад ва ҳамаро ба қатл расонид, наввоб Абдол Султон гурехта ба Кӯҳистон афтод ва аз он ҷо ба вилояти Ҳисори Шодмон мутаваттин гашт. Аз ин порча маълум, ки сухан аз Кӯҳистони саргаҳи Зарафшон меравад.

Олим ва шоири охири асри XVIII- нимаи аввали асри XIX Мулло Ҷумъақул, мутахаллис ба Ҳумулӣ ба ноҳияи Кӯҳистон Фалғару Фону Мастчоҳро дохил кардааст.

Тадқиқотчиёни рус ҳам дар нимаи дуюми асри XIX ин номи қадимаи саргаҳи Зарафшонро нигоҳ дошта, дар асарҳояшон истифода намуданд. Ҳамин, тариқ, вақте ки дар ин китоб сухан аз Кӯҳистон меравад саргаҳи дарёи

Масчоҳиҳо; марҳум Ҳамдамов Бобохон (аз деҳаи Ярм), Кобилов ва Окиловҳо (аз Оббурдон) Сафоев Абдуллохон (аз деҳаи Рог), Гадо Умарӣ ва Давлатов Муллоҳамид (аз деҳаи Пастиғав); Аз ноҳияи Айнӣ шодравон Шарипов Абдуҷалил ва Зарипов Сиддиқ (аз деҳаи Шамтиҷ), марҳум Мамадиев Шукур (аз деҳаи Томин), Аслиддинов Мулло-
PDF Compressor Free Version
раҳим (аз деҳаи Анзоб). Аз ноҳияи Панҷакент: Қаравулов Неъматулло, Бобоев Хӯҷабек (аз деҳаи Моғиён), Ҷумъаев Ашурбой (аз деҳаи Ёрӣ), собиқ мудири маорифи Панҷакент, шодравон Боймуродов Абдунабӣ. Муаллиф ба ҳамаи номбурдагон, инчунин ба муаллимон, мактаббачагони деҳаи Шамтиҷ, ноҳияи Айнӣ ва сокинони деҳаҳое, ки аз сангҳои хатдор бо мо дарак дода, хабари ҷойҳои онҳоро расонида буданд, миннатдорӣ изҳор намуда, арзи эҳтиром ба хотири муборакии онҳо дорад.

Мо умедворем, ки дар оянда ҳар як шахси ба таъриху маданияти зодгоҳи худ ҳавасманд аз пайдо шудани хатҳои рӯи санг ба мо маълумоте мефиристад ё имкон пайдо намуда акси онҳоро гирифта равон мекунанд.

*Агар бинад хаташро чашми савсан,*
*Саводаш мешавад ноханда равшан.*

Мулло Туғро

## КӮҲИСТОН

### 1. ОЧЕРКИ ҶУҒРОФӢ ВА ТАЪРИХӢ

Кӯҳистон ба маънои кӯҳсор бошад ҳам, ҳамчун исми хос номи ноҳияи саргаҳи дарёи Зарафшони Тоҷикистони имрӯза аст. Дар бораи таърихи «Кӯҳистон» номида шудани саргаҳи ин дарьё олимон фикрҳои гуногун рондаанд. Ба ақидаи баъзе олимон аҳли Мовароуннаҳр мардуми ноҳияҳое, ки дар шарқ, дар шимолу шарқ ва ҷануби Самарқанд воқеъ буд, «ғарча кӯҳистон» мегуфтанд. Ин истилоҳ, аз калимаи қадимии бохтарӣ «ғар-ғара» баромадааст. Баъзе олимони олами ислом ин маҳалро ба кӯҳистони Мовароуннаҳр нисбат медиҳанд. Номи Ғарҷистон

ҳам аз ин истилоҳ баромадааст. Дар ҳамин асос олимон истилоҳи «ғарчистони Самарканд»-ро, ки дар асри XII Самъонӣ ном бурдааст, тахминан ба номи саргаҳи Зарафшон вобаста мекунанд. Ҳақ будани ин ақида бо мисолҳои зерин исбот мешавад. Масалан, хаттоти асри XIV Зиёвуддин дар санги сари роҳи Пули кӯҳани деҳаи Оббурдони Масчоҳ шеъре сабт намуда, ин маконро «Кӯҳистон» номидааст. То ба ҳол ин аввалин маълумоте мебошад, ки аз таърихи истифодашавии ин истилоҳ, дар байни аҳолии маҳаллии ин водӣ (дар асри XIV) гувоҳӣ медиҳад.

PDF Compressor Free Version

Истилоҳи «Кӯҳистон» дар асари Масъуд бини Усмони Кӯҳистонӣ «Таърихи Абдулхайронӣ» зикр ёфтааст. Ин асар доир ба таърихи халқи тоҷик маълумотҳои нодири таърихиро низ доро мебошад. «Таърихи Абдулхайронӣ» дар солҳои 1539-1540 навишта шуда доир ба муаллифи он дар вараки аввали ленинградии асар чунин қайд шудааст: «Ин китоби «Таърихи Абдулхайронӣ», асари Ҳофиз Масъудӣ бини Усмони Кӯҳистонӣ, аз вилояти Масчоҳи Уротеппа». Маълум мешавад, ки истилоҳи «Кӯҳистон» барои муаллифи масчоҳӣ ҳамчун нисба интихоб шуда, аз кӯҳистони саргаҳи Зарафшон будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Истилоҳи «Кӯҳистон» нисбат ба ин водӣ дар маъхази нодири таърихии асри XVI, асари Хофизи Таниши Бухорой - «Абдуллонома» (ё худ «Шарафномаи шоҳӣ») ҳам дучор меояд.

Дар сарчашмаи таърихии асри XVII, асари Саид Роқим - «Таърихи касира» гуфта шудааст, ки Абдуллохон (1583-1598) ба салотини Самарканд ғолиб омад ва ҳамаро ба катл расонид, наввоб Абдол Султон гурехта ба Кухистон афтод ва аз он чо ба вилояти Ҳисори Шодмон мутаваттин гашт. Аз ин порча маълум, ки сухан аз Кухистони саргаҳи Зарафшон меравад.

Олим ва шоири охири асри XVIII- нимаи аввали асри XIX Мулло Ҷумъақул, мутахаллис ба Ҳумулӣ ба ноҳияи Кухистон Фалғару Фону Мастчоҳро дохил кардааст.

Тадқиқотчиёни рус ҳам дар нимаи дуюми асри XIX ин номи қадимаи саргаҳи Зарафшонро нигоҳ дошта, дар асарҳояшон истифода намуданд. Ҳамин, тариқ, вақте ки дар ин китоб сухан аз Кӯҳистон меравад саргаҳи дарёи

Зарафшон ба назар дошта мешавад.

Сархади чуғрофии Кухистон аз шимол каторкўхи Туркистон ва аз чануб каторкўхи Хисор, ба шарк то кўхсори Кук-су ва ғарб то дарёи Вору (ё худ Киштут дарё) рафта мерасад. Худуди Кухистонро чанд каторкўххо ба нохияхои алохида таксим кардаанд. Сархади суфакўхи Уротеппа ва саргахи Зарафшон каторкўхи Туркистон мебошад. Каторкўхи Зарафшон бошад, гўё каторкўхи «дохилии» Масчохху Фалғар аст.

PDF Compressor Free Version

Каторкўхи Хисор бошад, онро аз водии Хисор чудо мекунад. Куххои байни водихои Фолдарё ва Вору куххои Фон ном доранд. Кўли маъруфи Искандар ва дехаи зебоманзари Саратоғ дар хамин чо вокеъ аст. Аксари дехоти Масчоху Фалғар дар доманаи чанубии каторкўхи Туркистон ва кисман дар ёнаи шимолии каторкўхи Зарафшон чой гирифтаанд.

Мухити чуғрофии Кухистон ба мардуми он имкон медод, ки бештар машғули зироат, чорводорӣ ва шикор бошанд.

## 2.МАРХИЛАХОИ АСОСИИ ТАЪРИХИ КУХИСТОН

Тадкикотчиён муайян кардаанд, ки кишоварзӣ дар Кухистон чандин аср кабл аз эраи мо вучуд доштааст.

Кадимтарин ёдгорихои таърихии ин водӣ ба давраи кўшониён дахл дошта аз гўшахои гуногуни Кўхистон пайдо шуданд.

Чуғрофиядонони арабзабон саргахи Зарафшонро «Ал-Буттам», вазири сомониён Чайхонӣ дар асари худ «Ашкол ул-олам» «Буттам» ва муаллифи гумноми асари чуғрофии «Худуд ул-олам», бошад, саргахи Зарафшонро «Буттамон», номидаанд.

Тахмин шудааст, ки Буттам дар хайати Уструшана (Истравшан) буд. Ба акидаи дигар дар даврай истилои арабхо саргахи Зарафшон як кисми нохияи суғдиён Панча (Панчакент) хисоб мешуд.

Баъди асир афтодани хокими суғдхо Дивоштак дар соли 722 Фалғару Масчох, ба дасти арабхо афтод. Дар асри IX, яъне дар даврай Тохирихо Буттам вилояти мустакил буд.

Дар асри X азбаски Уструшан қаламрави сомониҳо буд, аз ин рӯ Масчоҳу Фалғар ҳам андозу хироҷи худро ба сомониҳо медод. Паҳншавии дини исломро дар саргаҳи Зарафшон олимон ба ҳамин асри X тахмин кардаанд.

Мулоҳизаи далелҳои таърихии дастрасшуда шаҳодат медиҳанд, ки Кӯҳистон дар ҳаёти сиёсии давлатҳои Осиё Миёна роли муайяне бозӣ кардааст. Дар ин водӣ тартиботи сиёсие, ки ин ё он сулола дар давоми асрҳо ҷорӣ кардааст, дертар аз ҳама боқӣ мемонду тартиботи нав нисбат ба дигар ноҳияҳо дертар ҷорӣ мешуд.

Масалан, баъди ҳокимони суғдро шикаст додани арабҳо дар Кӯҳистон нисбат ба дигар ҷойҳои Осиёи Миёна тарзи идоракунии пештара, забон ва дини пешина дертар аз ҳама боқӣ монданд. Ё худ, дар ибтидои асри XVI, вақте ки Шайбонихон ба Мовароуннаҳр ҳамла кард, Бобур маҳз дар Кӯҳистон паноҳ ёфта, аз ин ҷо борҳо пойтахти темуриён-шаҳри Самарқандро гирифта ворисӣ тахту тоҷ шуданӣ буд.

Аз рӯи санадҳо ҳокимони Уротеппа, ки ҳоло дастраси мо гардидааст, тасдиқ мешавад, ки то охири асри XVIII Масчоҳ, Фалғар ва ҳатто Панҷакент тобеи ҳокимони Уротеппа будаанд. Уротеппа бошад, он вақт на ба хонии Бухоро нигоҳ мекарду на ба хонии Хӯқанд.

Дар ибтидои асри XIX Кӯҳистон аз тарафи амири Бухоро забт мешавад.

Аз рӯи ҳуҷҷатҳои расмӣ (санадҳо) маълум мешавад, ки Масчоҳу Фалғар доими дар ҳайати аморати Бухоро намонда, гоҳ-гоҳ зери тасарруфи ҳокимони Уротеппа низ мегузашт.

Дар давраи забти хонигариҳои Осиёи Миёна аз тарафи Русия, дар саргаҳи Зарафшон боз авзои ноороми сиёсӣ ба вуҷуд омад.

Ҷангу низои байни бекиҳо дар Кӯҳистон авҷ гирифт. Вале ворушии аскарони ҳукумати подшоҳии Русия, махсусан бо муваффақият пеш рафтани «Экспедисияи Искандаркӯл», ки соли 1870 ба саргаҳи Зарафшон дохил шуд, ба низои байни бекиҳои Кӯҳистон хотима дода, авзои сиёсии ин ноҳияро мустаҳкам намуд. Дар «Рӯзнома»-и махсуси «Экспедицияи Искандаркӯл» бо санаи 27 апрель



PDF Compressor Free Version

соли 1870 қайд шудааст, ки қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ аз маҳалли Дупула (дар қарибии деҳаи Ёрии райони Панҷакент) то Самҷон ном деҳаи Масчоҳ рафтаанд. Дар харсанги калони соҳили Искандаркӯл солдатҳои рус санам «26 июни соли 1870»-ро сабт кардаанд, ки далели ба тасарруфи ҳукумати подшоҳӣ даромадани ин водӣ буд.

PDF Compressor Free Version

Баъди забти Русия ҳамаи бекии Кӯҳистон ба ҳайати округи Зарафшон дохил шуданд, ки маркази он ш.Самарқанд буд. Соли 1871 ба сифати уезд тумани Кӯҳистон ташкил шуд, ки ба ҳайати он ба замми ноҳияҳои Панҷакенту Ургут тамоми бекиҳои Кӯҳистон дохил шуданд ва ҳамаи онҳо се волостро ташкил доданд- Урметан, Масчоҳ ва Искандаркӯл (дар водиҳои Фону Яғноб).

Соли 1886 округи Зарафшон ба вилояти Самарқанд табдил дода шуд. Тумани Кӯҳистон ҳам бархам хӯрда вай ба ҳайати уезди Самарқанд дохил шуд.

Дигаргуниҳои маъмурии Кӯҳистон дар давраи охири асри XIX-аввали асри XX низ ҷой доштанд.

Бояд қайд намуд, ки ҳайати сиёсӣ ва маъмурии Кӯҳистон дар охири асрҳои Миёна, баъзе хусусиятҳои ба худ хос дошт.[1]

*Чаҳор чиз аст, ки дар санг агар ҷамъ шавад,*
*Лаълу ёқут шавад санг бадин хорой.*
*Поктиннат, асли насаб, истеъдод,*
*Тарбият кардани меҳр аз фалаки миной,*
*Бо ман ин ҳарсе сифат ҳаст чу дар меёбед,*
*Тарбият аз ту, ки хуршеди ҷаҳонорой.*

Мавлоно Шамсиддин
(соҳиби рисолаи «Шамсия»)

## АЗОБИ РОҲ

Соли 1953 соли дуввуми таҳсил дар аспирантура. Мавзӯи кори тадқиқоти ман, бо тавсия роҳбари илмӣ,

1. Доир ба таърихи нисбатан муфассали Кӯҳистон нигаред: А.Мухторов. Кӯҳистон (очерки таърихӣ). «Асрори замони кӯҳан». Нашриёти «Ирфон», Душанбе. 1974. саҳ.93–142

шарқшиноси маъруф, профессор А.А.Семенов «Очерки таърихи Уротеппа дар нимаи дуввуми асри XIX» муайян шуда буд.

Доир ба ин мавзўъ сарчашмаҳои таърихиро аз назар гузаронида, материал гирд меовардам. Ба ин мақсад асари маъруфи Бобур «Бобурнома»-ро хонда ба як ҳодисаи зикрёфта диққат додам. Сухан дар бораи хатҳои рўи санг мерафт. (Дар ин бора ба қисмати «Хатҳое, ки Бобур Мирзо кандааст» нигаред.) Ба худ қарор додам, ки ин хатро мебояд пайдо намоям.

PDF Compressor Free Version

Бо ин мақсад бо сокинони Масчоҳ шахсони корди-даву манзилшинос - раисони колхоз Ҳамдамов ва Қобилов дучор омада маслиҳат пурсидам. Онҳо мавҷуд будани хатҳоро дар ҳудуди Мастчоҳ тасдиқ намуда, маро ба диёрашон таклиф намуданд. Мебоист бо роҳбари илмии худ профессор А.А.Семенов маслиҳат кард.

Ў барои ба Масчоҳ сафар кардани ман розиги ва маслиҳатҳои муфид дод.

Вале роҳи мошингард ҳанўз кушода нашуда буд. Ман ба Уротеппа омада бо ёрй ва ҳамроҳи акаи худ, сардори идораи роҳҳои ноҳия - Мухторов Ҳайдар бо як мошинаи боркаш ба деҳаи Овчй омадем. Дар ин ҷой акаам аз шиносҳои худ ду асп пурсида моро бо роҳи ағбаи Оббурдон гусело-нид.

Ағбаҳои Куҳистон аксаран мушкилгузар буда як муддати тўлонй барфпўш ё яхпўш мешаванд. Аз онҳо дар як фасли сол танҳо 4-5 моҳ пиёда ё савора гузаштан мумкин буд. Вале яке аз ин ағбаҳо, ки номи калонтарин деҳаи Мастчоҳ-Оббурдонро дорад, имконият медиҳад, ки дар зимистон ҳам Куҳистониёни эҳтиёҷманд рафту омади худро қатъ нагардонанд. Бинобар он ағбаи Оббурдон натанҳо байни мардум, балки дар асарҳои муаррихони асри миёна номбар шудааст. Одамони маъруфи замонҳои гузашта, шоиру адибон, тоҷирон ва косибон, чорводорон ва деҳқ-онон аз ин ағба гашту гузор кардаанд.

Мирзо Бобур бошад аз ағбаи Оббурдон гузашта тасвири онро дода, сарҳади байни Мастчоҳу Фалғарро муайян намудааст.

Ин ағба Куҳистониёнро ба бозори Уротеппа мера-сонад.

Харчанд, ки ағбаи Оббурдон нисбат ба 20 ағбаи аргахи Зарафшон «хамворгузар» буд, вале танхо нисба-ан. Бозоракихо аз Уротеппа сахари солихон баромада евактии рӯз ба дехаи кухии Овчӣ мерасиданд. Борашон ангин бошад, онхо то Овчӣ, ки такрибан дар 40 км. масофа з Уротеппа вокеъ буд, шабро дар рох мегузарониданд. Рӯзи дигар рахгузарон ин дехаро тарк намуда бо улави уд ба зери ағба меомаданд. Дар ин чой, дар камари санг оре буд, ки зери он кулбаи лоинро бо номи чойхона «обод» карда буданд. Чойхона панохгохи рахакихо буд. Дар ин ой рахакихо бо улавашон дам мегирифтанд ва обу хавои мувофикро барои аз ағбаи Оббурдон гузаштан интизор мегаштанд.

Мушкилтарин кисмати ағбагузарӣ-ин кухи сангло-ки барфпӯш буд, ки баромаданаш, аз сабаби амудии он мушкил буд. Рахгузарон ин кисмати рохро «Дарвоза» номидаанд. Ба кадом маънӣ кӯх, ин номро гирифтааст маълум нест. Шояд сабаб он бошад, ки касе ин «Дарвоза»-ро гузарад дохили худуди Кухистон мегардид, яъне ин кӯхи мушкилгузар дарвозаи Саргахи Зарафшон буд.

Дар кисмати чанубии ағбаи Оббурдон, баъди сар-нишеб шуда гузаштан аз дарвоза, рох нисбатан «хамвор» шуда ба сӯи дехаи Оббурдон сарнишеб меравад. Вале аз чойхонаи номбар шуда барои то дехаи Оббурдон расидан ба рохгузарон зарур буд, ки боз дар як чойхонаи дигар шабро рӯз кунанд, ба чорпоёни худ дам дода худашон низ истирохат намоянд. Рохи байни кӯхи Дарвоза ва дехаи Оббурдон бо як ачоиботи худ диккатчалбкунанда аст. Рахгузарон бо улави худ харчо-харчо аз «тангкӯча» мегузаранд, ки ду тарафи он девори сангӣ дошта ба тангкӯчахои шахрхои кадимаи Уротеппаву Хучанд мо-нанд аст. Бори аввал пеши ман саволе омад, ки дар ин баландкухи бе одам деворхои зебоманзари сангиро кӣ ва бо кадом эхтиёч бино карда бошад? Чавоби ин савол бидуни пурсиш дар хамон «кӯчахо» пайдо шуд.

Пеш-пеши аспи ман ду-се нафар масчохӣ бо хархои пурбори худ мерафтанд. Рахакихо харзамон хам шуда аз зери пои худ сангеро бардошта ба чои нохамвори рӯи девор мегузоштанд. Ин кор чунон устокорона ичро мешуд,

ки пиёдагард суръати роҳгаштани худро дигар намекард ва аз шарикони худ ақиб намемонд. Ман ба чунин хулоса омадам, ки биноёбии ин деворҳои сангӣ солҳо, асрҳо тӯл кашида барои Кӯҳистониҳо анъанаи аҷдодӣ будааст. Бо ин кори ҳаҷиби худ кӯҳистониён зери пои худ ва молу маркабашонро аз пораи тахтасангҳои ҷумбонаки халал-
PDF Compressor Free Version
расонанда тоза мекунанд ва дар навбати худ деворҳо ва роҳҳоро аз бодрӯби барфӣ муҳофизат мекард.

Хуллас, баъди бозор кардан дар Уротеппа кӯҳистониён аз ин шаҳр то деҳаи Оббурдон дар шароити мусоиди тобистон дар давоми 3-4 рӯз мерасиданд. Пиёдагардон ва аспсаворҳо бошанд, камтар вақт сарф мекарданд. Дар шароити номусоиди зимистон тай намудани ин роҳ хатари зиёд дошт ва рӯзҳову ҳафтаҳо тӯл кашида метавонист.

Ман ағбаи Оббурдонро бори аввал нимаи якуми моҳи май соли 1953 гузашта будам. Дар баромадгоҳи Дарвоза аспи ҳамсафари ман, ки Корисолӣ ном доштанд, аз ҳаракат монда ба рӯи пайраҳа хоб кард. Ин шахс ки кӯҳансол буданд ва аз ағба пиёда гузашта наметавонистанд, ба аспи ман савор шуданд. Ҷавони овчигӣ, ки мебоист аспҳоро аз Оббурдон ба деҳаи Овчӣ баргардонад, аспи амаки Корисолиро аз лаҷомаш кашида меомаду ман бошам, пеш-пеши онҳо пиёда ба сари ағба баромада каме дар рӯи барф таваққуф намуда пас сарнишеб фаромадам. Вале нисбат ба боло баромадан аз кӯҳ сарнишеб шудан, мушкилтар будааст. Маҷбур шудам, ки дар қисми шимолии Дарвоза интизори шарикони худ шавам.

Баъди 30-40 дақиқа ман ба аспи худ савор шуда пеш аз дигарон бо тангкӯчаи сангиндевор роҳ, тай мекардам. Аввалин шахсе ки рӯ ба рӯи ман омад, ин кӯҳистонии миёнақади сиёҳпӯст ва серрише буд, ки болои чакмани сиёҳу кӯҳнаи худ як ҷуволи пашмиро сари китф карда буд. Баъди саломуалек ӯ аз лаҷоми аспи ман дошта савол кард, ки бо кадом сабаб ман ба ин роҳи пурмашаққат ҷуръат карда рафта истодаам? Ӯ илова намуд, ки аз Масчоҳ мешавад. Ҳафтаи гузашта ба Уротеппа рафта як ҷувол гандум харида ба золгоҳаш бармегашт. Вале дар баромади Дарвоза хари ӯ аз кӯҳ чар шуда ҳалок шуд. Ӯ маҷбур шудааст, ки ба деҳаи Оббурдон омада як ҷуволи дигар

хамрох барад ва чуволи гандуми зери санг пинхон кардаашро ду таксим намуда, пушт карда ба хонааш расонад. Аз баромадгохи Дарвоза, яъне аз кисмати шимолии ағба то дехаи наздиктарин - Оббурдон, такрибан 20 км. масофаро дар ду рӯз се маротиба пиёда бо чуволи гандум тай кардан, кори сахл набуд. Вале кухистонй мачбур буд. PDF Compressor Free Version Сабаб он ки рохи мошингард ба воситаи ағбаи Шахристон хануз кушода нашуда буд. Захираи зимистонии галла тамом шуда, ахли оила эхтиёч ба нон доштанд ва онро танхо аз бозори Уротеппа пайдо кардан мумкин буд. Ин буд мисоли сахтии зиндагонӣ дар Кухистони точик, баъди ғалабаи мо дар Ҷанги Бузурги ватанй ва окибатхои ин чанг.

Кухистониён аз овони кӯдакй бо ин рох рафту омад доштанд, хар як санги сари рох, хар кӯталу фарози он, девори сангини бино кардаи ачдоддонашон барояшон шинос буд. Вале ман надониста будам, ки онхо савораро аз дур дида, вазъияти одаму чорпоро мефахманд.

Баъди дучоршавй бо мастчохии эхтиёчманди ғалла, каме масофаро тай карда будам, ки як дастаи дигари рахакихо дучор омаданду хануз бо хам наздик нашуда ба чои салом, амр карданд, ки ман аз асп фароям. Агар дар ягон чои дигар ин амрро мегирифтам, гумон мекардам, ки ба дасти рохзанхо афтода бошам. Вале дар хамин холат хам аввалан нафахмида будам, ки сабаби ин амр чист. Ман аз асп фаромадам. Баъди пурсупоси мукаррарй дучоромадагон хӯрчини маро аз рӯи зини асп гирифта зинро канда, ба ман гуфтанд: «зин аз чояш бечо шуда аспро захмнок кардааст».

Масчоихо зини аспро аз нав чойбачой баста, хӯрчини маро ба рӯи асп партофтанд ва баъди ба асп нашастанам, савол карданд, ки «худро барохат хис мекунам ё на?» Дар хакикат барохат будам, чунки вакти аз сари кӯх сарнишеб фаромадан зини асп аз чояш бечо шуда хурчин хам пеш омада пойхои маро аз узангуи асп дур андохта буданд.

То расидан ба дехаи Оббурдон ман дар фикри тачрибанокии кӯхистониён будам. Онхо ёрии аз дасти худам намеомадаро расониданд. Аз ин вокеа зиёда аз 40

сол гузашта бошад ҳам, дар лавҳи хотири ман ҳамчун рамзи меҳрубонии кӯҳистониён нақш бастааст.

*Онҳо, ки сари китобаташ во карданд,*
*Фасли баҳорро тамошо карданд.*
Мулло Туғро

PDF Compressor Free Version

## ОББУРДОН ВА ОББУРДОНИҲО

Деҳаи зебоманзари Оббурдон, ки ба ағба номи худро «додааст» яке аз марказҳои Масчоҳ буд. Ба ин «илтифот» мавқеи ҷуғрофии он мусоидат кардааст: ағбаи Оббурдон, ки онро бо Уротеппа ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна мепайваст, дар сари чорроҳаи байни Фалғару Масчоҳ ва Уротеппаву Кӯҳистони саргаҳи Зарафшон ҷойгир шуда яке аз сабабҳои ободӣ ва серодамии деҳа гардидааст. Тадқиқу таҳрири катибаҳои аз Оббурдон пайдо кардаи мо ва шумораи онҳо гувоҳӣ медиҳад, ки ин қишлоқ маркази маъмурӣ ва маданиии Масчоҳ будааст. Ҳатто дар замонҳое, ки деҳаҳои Палдорак ва Мадрушкат маркази Масчоҳ муқаррар мешуданд, Обуррдон ҳамчун калонтарин маҳалли аҳолинишин дар таърихи ин сарзамин мақоми худро аз даст намедод. Дар давоми солҳои дароз ин деҳа яке аз марказҳои чор даҳаи Масчоҳ ба шумор мерафт.

Нишонаҳои таърихи қадимаи Оббурдон танҳо дар мазору қабристонҳои он боқӣ мондаанд. Ҳудуди Кӯҳистон мисли «анборхонае» буд, ки боқимондаҳои мероси аҷдодони халқи тоҷикро то замони мо расонида дастраси тадқиқотчиёни имрӯза гардонидааст.

Ҳамаи мо сутуну саросутунҳои кандакории зебоманзари деҳаи Оббурдонро медонем, акси онҳоро дар китобҳои доир ба таърихи Тоҷикистон ва мураккаъҳои соҳаи санъат дидаем. Онҳо маҳсули дасти устоҳои моҳири асрҳои IX-X буда, ҳоло музеи шаҳрҳои Панҷакент, Душанбе, Тошкандро зебу оро медиҳанд.

Кӯҳнатарин катиба, ки санаи 484 ҳиҷрӣ (1091 мелодӣ)-ро дорад аз қабристони атрофи мазори маъруфи Оббур-

дон пайдо шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки шайх оҳангарон Носир писари Муҳаммад дар аввали моҳи раҷаб ҳамин сол (яъне 19 августи соли 1091) вафот кардааст. Мазмуни кӯтоҳи ин катиба шаҳодат медиҳад, ки дар Кӯҳистон, дар асри XI оҳангарони зиёде будаанд ва онҳо сардори худро доштаанд, ки яке аз ин сардорҳо (шайх
PDF Compressor Free Version
оҳангарон) Носир ном доштааст.

Аз 11 адад катибаи асрҳои XI аввали XII ҳафт адад он аз мазору қабристонҳои Оббурдон пайдо шудаанд. Худ аз 12 адад кайроқсанги ба рӯи қабри олимони соҳаи фиқҳи асрҳои XIII-XIV гузошта шуда, ду ададашон аз ҳудуди ҳамин деҳа ба даст омадааст. Як чанд адади ин катибаҳоро ба рӯи қабри мансабдорон гузошта буданд. Мансабдори маъмӯрӣ ва судӣ дар Кӯҳистон дар давоми якчанд аср қозиҳо буданд. Кӯҳнатарин санг дар рӯи қабри қозӣ дар соли 604 хиҷрӣ (1208 милодӣ) monда шудааст. Маълум, ки қозиҳо ғайр аз вазифаи қозигӣ корҳои маъмуриро низ иҷро мекарданд. Катибаҳои аз Кӯҳистон пайдо кардаи мо, бисёр ҷиҳатҳои ин масъаларо равшан мекунанд.

Исмоил ном кандакор соли 1442 дар қайроқсанги рӯи қабри яке аз писарони Қозӣ Ҷунайд, ки Насрулло ном доштааст ва дар қабристони Хоҷаҳои Оббурдон мадфун аст, дар қатори дигар маълумотҳои таърихӣ, чунин рубоиро сабт кардааст:

*Ҷоно, дили маҳрамон зи баҳрат реш аст,*
*З-ин манзили ҳунхора, ки моро пеш аст.*
*Шамшодқаде бурида ин шамъи аҷал,*
*Ин ғам ба дил аз рӯзи қиёмат беш аст.*

Сабаби бо ин рубоӣ зеб ёфтани санги рӯи қабр дар он буд, ки Насрулло дар синни 20 солагиаш фавтида, кандакор ин матнро ба ин ҷавонмарг муносиб донистааст.

Аввалин шеърҳои рӯи санг ба асри XIV тааллуқ дорад. Матни ин шеърҳо оҳанги афсӯсу надоматро низ дорад. Масалан, соли 1378 Зайниддин ном котиб шахси фавтидаро чунин сифат кардааст:

*Ин соҳиби қабр номдоре будаст,*
*Дар вақти худаш бузургворе будаст.*

*Ба умр машав гурра, чунин хоҳад буд,*
*У ҳам ба бақо умедворе будаст.*

Котиби дигар, ки Заёваддин ном дошта, тақрибан дар як вақт бо Зайниддин дар Оббурдон ҳаёт ба сар бурдааст, зимистони соли 1385 дар як пахлуи қайроқсанг, ки ба рӯи қабри Аҳмад ном мансабдори деҳа гузошта шуда буд, чунин байтро муносиб дидааст:

PDF Compressor Free Version

*Риши сиёҳат ба хок чун шуд Аҳмад!*
*Қадди алифат магар чу «нун» шуд Аҳмад!*
*Дар ҳоли ҳаёт паҳлавоне мебуд,*
*Дар дасти аҷал, бубин забун шуд Аҳмад*

Барои канандаҳои Кӯҳистон дар рӯи санг ба ғайр аз рӯзу моҳу соли фавтида, синну соли онҳоро дар шеър зикр кардан анъана буд. Яке аз онҳо канандаи асри XV Исмоил писари шайх Исҳоқ чунин матнро ба рӯи санг аз худ боқӣ гузоштааст:

*Умраш санаи салосина сабъин буд,*[1]
*Бар рафтани умр зи худи ӯ оин буд.*
*Чун вақт басар шудаш, дуо суд накард,*
*Чандон, ки ду дасти халқ бар омин буд.*

Зикр ёфтани соли вафот ва синну соли фавтида ба мо имконият додааст, ки тарҷимаи ҳоли як зумра устодони соҳибхати Кӯҳистонро муайян намоем, ки номи онҳо дар ин китоб зикр ёфтааст.

Катибаҳо бештар ба рӯи қабри мансабдорони Кӯҳистон гузошта мешуданд. Яке аз ин навъ соҳибмансабон деҳқон-феодалҳо буданд, ки раиси худро доштанд. Онҳо соҳибони замину деҳ, чорпои зиёд буда дар хоҷагиашон деҳқонони безамин ё камзаминро кор фармуда истисмор мекарданд. Катибаи рӯи қабри деҳқон - феодалҳо бо байту рубоиҳо оро дода мешуданд. Умуман, ҳаминро бояд қайд намуд, ки барои кандакорони саргаҳи Зарафшон он ҳолат анъана шуда буд. Масалан, ба рӯи қабри «Раис-ал-деҳқон»-Абу Юсуф писари Саъдулло, ки соли 1537 дар деҳаи Оббурдон вафот карда буд, канандаи номаълум чунин байтҳоро зери матни катиба кандааст.

1. Яъне умраш ба 73 расида буд.

дон пайдо шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки шайхи охангарон Носир писари Мухаммад дар аввали мохи раҷаби ҳамин сол (яъне 19 августи соли 1091) вафот кардааст. Мазмуни кӯтохи ин катиба шаходат медихад, ки дар Кӯҳистон, дар асри XI охангарони зиёде будаанд ва онхо сардори худро доштаанд, ки яке аз ин сардорхо (шайхи охангарон) Носир ном доштааст.

PDF Compressor Free Version

Аз 11 адад катибаи асрхои XI аввали XII хафт адади он аз мазору кабристонхои Оббурдон пайдо шудаанд. Ё худ аз 12 адад кайроксанги ба рӯи кабри олимони соҳаи фикхи асрхои XIII-XIV гузошта шуда, ду ададашон аз худуди хамин деха ба даст омадааст. Як чанд адади ин катибахоро ба рӯи кабри мансабдорон гузошта буданд. Мансабдори маъмӯрӣ ва судӣ дар Кӯхистон дар давоми якчанд аср козихо буданд. Кӯхнатарин санг дар рӯи кабри козӣ дар соли 604 хиҷрӣ (1208 милодӣ) монда шудааст. Маълум, ки козихо гайр аз вазифаи козигӣ корхои маъмуриро низ иҷро мекарданд. Катибахои аз Кӯҳистон пайдо кардаи мо, бисьёр ҷихатхои ин масъаларо равшан мекунанд.

Исмоил ном кандакор соли 1442 дар кайроксанги рӯи кабри яке аз писарони Қозӣ Чунайд, ки Насрулло ном доштааст ва дар кабристони Хоҷахои Оббурдон мадфун аст, дар катори дигар маълумотхои таърихи, чунин рубоиро сабт кардааст:

*Ҷоно, дили маҳрамон зи баҳрат реш аст,*
*З-ин манзили гунхора, ки моро пеш аст.*
*Шамшодқаде бурида ин шамъи аҷал,*
*Ин ғам ба дил аз рӯзи қиёмат беш аст.*

Сабаби бо ин рубоӣ зеб ёфтани санги рӯи кабр дар он буд, ки Насрулло дар синни 20 солагиаш фавтида, кандакор ин матнро ба ин ҷавонмарг муносиб донистааст.

Аввалин шеърхои рӯи санг ба асри XIV тааллук дорад. Матни ин шеърхо оханги афсӯсу надоматро низ дорад. Масалан, соли 1378 Зайниддин ном котиб шахси фавтидаро чунин сифат кардааст:

*Ин соҳиби қабр номдоре будаст,*
*Дар вақти худаш бузургворе будаст.*

*Ба умр машав ғурра, чунин хоҳад буд,*
*У ҳам ба бақо умедворе будаст.*

Котиби дигар, ки Заёваддин ном дошта, тақрибан дар як вакт бо Зайниддин дар Оббурдон хаёт ба сар бурдааст, зимистони соли 1585 дар як пахлуи кайроксанг, ки ба рӯи кабри Ахмад ном мансабдори деха гузошта шуда буд, чунин байтро муносиб дидааст:

PDF Compressor Free Version

*Риши сиёҳат ба хок чун шуд Аҳмад?*
*Қадди алифат магар чу «нун» шуд Аҳмад?*
*Дар ҳоли ҳаёт паҳлавоне мебуд,*
*Дар дасти аҷал, бубин забун шуд Аҳмад*

Барои канандахои Кухистон дар рӯи санг ба ғайр аз рӯзу моху соли фавтида, синну соли онхоро дар шеър зикр кардан анъана буд. Яке аз онхо канандаи асри XV Исмоил писари шайх Исхок чунин матнро ба рӯи санг аз худ бокӣ гузоштааст:

*Умраш санаи салосина сабъин буд,*[1]
*Бар рафтани умр зи худи ӯ оин буд.*
*Чун вақт басар шудаш, дуо суд накард,*
*Чандон, ки ду дасти халқ бар омин буд.*

Зикр ёфтани соли вафот ва сину соли фавтида ба мо имконият додааст, ки тарҷимаи ҳоли як зумра устодони соҳибхати Кухистонро муайян намоем, ки номи онхо дар ин китоб зикр ёфтааст.

Катибаҳо бештар ба рӯи кабри мансабдорони Кухистон гузошта мешуданд. Яке аз ин навъ соҳибмансабон деҳқон-феодалҳо буданд, ки раиси худро доштанд. Онҳо соҳибони замину деҳ, чорпои зиёд буда дар хоҷагиашон деҳқонони безамин ё камзаминро кор фармуда истисмор мекарданд. Катибаи рӯи кабри деҳқон - феодалҳо бо байту рубоиҳо оро дода мешуданд. Умуман, ҳаминро бояд кайд намуд, ки барои кандакорони саргаҳи Зарафшон он ҳолат анъана шуда буд. Масалан, ба рӯи кабри «Раис-ал-деҳқон»-Абу Юсуф писари Саъдулло, ки соли 1537 дар деҳаи Оббурдон вафот карда буд, канандаи номаълум чунин байтҳоро зери матни катиба кандааст:

1. Яъне умраш ба 73 расида буд.

Харчанд, ки ағбаи Оббурдон нисбат ба 20 ағбаи саргаҳи Зарафшон «хамворгузар» буд, вале танхо нисбатан. Бозоракихо аз Уротеппа саҳари солиҳон баромада бевақтии рӯз ба деҳаи кухии Овчӣ мерасиданд. Борашон сангин бошад, онхо то Овчӣ, ки тақрибан дар 40 км. масофа аз Уротеппа воқеъ буд, шабро дар роҳ мегузарониданд. Рӯзи дигар раҳгузарон ин деҳаро тарк намуда бо улови худ ба зери ағба меомаданд. Дар ин ҷой, дар камари санг ғоре буд, ки зери он кулбаи лоинро бо номи ҷойхона «обод» карда буданд. Ҷойхона паноҳгоҳи раҳакиҳо буд. Дар ин ҷой раҳакиҳо бо улавашон дам мегирифтанд ва обу ҳавои мувофиқро барои аз ағбаи Оббурдон гузаштан интизор мегаштанд.

PDF Compressor Free Version

Мушкилтарин қисмати ағбагузарӣ-ин кухи сангло-хи барфпӯш буд, ки баромаданаш, аз сабаби амудии он мушкил буд. Раҳгузарон ин қисмати роҳро «Дарвоза» номидаанд. Ба кадом маънӣ кӯҳ, ин номро гирифтааст маълум нест. Шояд сабаб он бошад, ки касе ин «Дарвоза»-ро гузарад дохили ҳудуди Кӯҳистон мегардид, яъне ин кӯҳи мушкилгузар дарвозаи Саргаҳи Зарафшон буд.

Дар қисмати ҷанубии ағбаи Оббурдон, баъди сарнишеб шуда гузаштан аз дарвоза, роҳ нисбатан «хамвор» шуда ба сӯи деҳаи Оббурдон сарнишеб меравад. Вале аз ҷойхонаи номбар шуда барои то деҳаи Оббурдон расидан ба роҳгузарон зарур буд, ки боз дар як ҷойхонаи дигар шабро рӯз кунанд, ба чорпоёни худ дам дода худашон низ истироҳат намоянд. Роҳи байни кӯҳи Дарвоза ва деҳаи Оббурдон бо як аҷоиботи худ диққатҷалбкунанда аст. Раҳгузарон бо улави худ харҷо-харҷо аз «тангкӯча» мегузаранд, ки ду тарафи он девори сангӣ дошта ба тангкӯчаҳои шаҳрҳои қадимаи Уротеппаву Хуҷанд монанд аст. Пеш аз ҳама пеши ман саволе омад, ки дар ин баландкуҳи бе одам деворҳои зебоманзари сангиро кӣ ва бо кадом эҳтиёҷ бино карда бошад? Ҷавоби ин савол бидуни пурсиш дар ҳамон «кӯчаҳо» пайдо шуд.

Пеш-пеши аспи ман ду-се нафар масчоҳӣ бо харҳои пурбори худ мерафтанд. Раҳакиҳо ҳарзамон ҳам шуда аз зери пои худ сангеро бардошта ба ҷои ноҳамвори рӯи девор мегузоштанд. Ин кор чунон устокорона иҷро мешуд,

ки пиёдагард суръати роҳгаштани худро дигар намекард ва аз шарикони худ ақиб намемонд. Ман ба чунин хулоса омадам, ки биноёбии ин деворҳои сангӣ солҳо, асрҳо тӯл кашида барои Кӯҳистониҳо анъанаи аҷдодӣ будааст. Бо ин кори наҷиби худ кӯҳистониён зери пои худ ва молу маркабашонро аз пораи тахтасангҳои ҷумбонаки халалрасонанда тоза мекунанд ва дар навбати худ деворҳо ва роҳҳоро аз бодрӯби барфӣ муҳофизат мекард.

PDF Compressor Free Version

Хуллас, баъди бозор кардан дар Ӯротеппа кӯҳистониён аз ин шаҳр то деҳаи Оббурдон дар шароити мусоиди тобистон дар давоми 3-4 рӯз мерасиданд. Пиёдагардон ва аспсаворҳо бошанд, камтар вақт сарф мекарданд. Дар шароити номусоиди зимистон тай намудани ин роҳ хатари зиёд дошт ва рӯзҳову ҳафтаҳо тӯл кашида метавонист.

Ман ағбаи Оббурдонро бори аввал нимаи якуми моҳи май соли 1953 гузашта будам. Дар баромадгоҳи Дарвоза аспи ҳамсафари ман, ки Қорисолӣ ном доштанд, аз ҳаракат монда ба рӯи пайраҳа хоб кард. Ин шахс ки кӯҳансол буданд ва аз ағба пиёда гузашта наметавонистанд, ба аспи ман савор шуданд. Ҷавони овчигӣ, ки мебоист аспҳоро аз Оббурдон ба деҳаи Овчӣ баргардонад, аспи амаки Қорисолиро аз лаҷомаш кашида меомаду ман бошам, пешпеши онҳо пиёда ба сари ағба баромада каме дар рӯи барф таваққуф намуда пас сарнишеб фаромадам. Вале нисбат ба боло баромадан аз кӯҳ сарнишеб шудан, мушкилтар будааст. Маҷбур шудам, ки дар қисми шимолии Дарвоза интизори шарикони худ шавам.

Баъди 30-40 дақиқа ман ба аспи худ савор шуда пеш аз дигарон бо тангкӯчаи сангиндевор роҳ, тай мекардам. Аввалин шахсе ки рӯ ба рӯи ман омад, ин кӯҳистонии миёнақади сиёҳпӯст ва серрише буд, ки болои ҷакмани сиёҳу кӯҳнаи худ як ҷуволи пашмиро сари китф карда буд. Баъди саломуалек ӯ аз лаҷоми аспи ман дошта савол кард, ки бо кадом сабаб ман ба ин роҳи пурмашаққат ҷуръат карда рафта истодаам? Ӯ илова намуд, ки аз Масчоҳ мешавад. Ҳафтаи гузашта ба Ӯротеппа рафта як ҷувол гандум харида ба зодгоҳаш бармегашт. Вале дар баромади Дарвоза хари ӯ аз кӯҳ ҷар шуда ҳалок шуд. Ӯ маҷбур шудааст, ки ба деҳаи Оббурдон омада як ҷуволи дигар

хамрох барад ва ҷуволи гандуми зери санг пинхон кардаашро ду тақсим намуда, пушт карда ба хонааш расонад. Аз баромадгоҳи Дарвоза, яъне аз қисмати шимолии ағба то деҳаи наздиктарин - Оббурдон, тақрибан 20 км. масофаро дар ду рӯз се маротиба пиёда бо ҷуволи гандум тай кардан кори сахл набуд. Вале куҳистонӣ маҷбур буд. Сабаб он ки роҳи мошингард ба воситаи ағбаи Шаҳристон ҳанӯз кушода нашуда буд. Захираи зимистонии ғалла тамом шуда, аҳли оила эҳтиёҷ ба нон доштанд ва онро танҳо аз бозори Уротеппа пайдо кардан мумкин буд. Ин буд мисоли сахтии зиндагонӣ дар Кӯҳистони тоҷик, баъди ғалабаи мо дар Ҷанги Бузурги ватанӣ ва оқибатҳои ин ҷанг.

PDF Compressor Free Version

Кухистониён аз овони кӯдакӣ бо ин роҳ рафту омад доштанд, ҳар як санги сари роҳ, ҳар кӯталу фарози он, девори сангини бино кардаи аҷдоддонашон барояшон шинос буд. Вале ман надониста будам, ки онҳо саворaро аз дур дида, вазъияти одаму чорпоро мефаҳманд.

Баъди дучоршавӣ бо масҷоҳии эҳтиёҷманди ғалла, каме масофаро тай карда будам, ки як дастаи дигари раҳакиҳо дучор омаданду ҳанӯз бо ҳам наздик нашуда ба ҷои салом, амр карданд, ки ман аз асп фароям. Агар дар ягон ҷои дигар ин амрро мегирифтам, гумон мекардам, ки ба дасти роҳзанҳо афтода бошам. Вале дар ҳамин ҳолат ҳам аввалан нафаҳмида будам, ки сабаби ин амр чист. Ман аз асп фаромадам. Баъди пурсупоси муқаррарӣ дучоромадагон хӯрҷини маро аз рӯи зини асп гирифта зинро канда, ба ман гуфтанд: «зин аз ҷояш беҷо шуда аспро захмнок кардааст».

Масҷоиҳо зини аспро аз нав ҷойбаҷой баста, хӯрҷини маро ба рӯи асп партофтанд ва баъди ба асп нишастанам, савол карданд, ки «худро бароҳат ҳис мекунам ё на?» Дар ҳақиқат бароҳат будам, чунки вақти аз сари кӯҳ сарнишеб фаромадан зини асп аз ҷояш беҷо шуда хурҷин ҳам пеш омада пойҳои маро аз узангуи асп дур андохта буданд.

То расидан ба деҳаи Оббурдон ман дар фикри таҷрибанокии кӯҳистониён будам. Онҳо ёрии аз дасти худам намеомадаро расониданд. Аз ин воқеа зиёда аз 40

сол гузашта бошад ҳам, дар лавҳи хотири ман ҳамчун рамзи меҳрубоии куҳистониён нақш бастааст.

PDF Compressor Free Version

*[illegible] ки сари хитобатам во карданд,*
*Фасли баҳорро тамошо карданд.*

Мулло Туғро

## ОББУРДОН ВА ОББУРДОНИҲО

Деҳаи зебоманзари Оббурдон, ки ба ағба номи худро «додааст» яке аз марказҳои Масчоҳ буд. Ба ин «илтифот» мавқеи ҷуғрофии он мусоидат кардааст: ағбаи Оббурдон, ки онро бо Уротеппа ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна мепайвает, дар сари чорроҳаи байни Фалғару Масчоҳ ва Уротеппаву Куҳистони саргаҳи Зарафшон ҷойгир шуда яке аз сабабҳои ободӣ ва серодамии деҳа гардидааст. Тадқиқу таҳрири катибаҳои аз Оббурдон пайдо кардаи мо ва шумораи онҳо гувоҳӣ медиҳад, ки ин қишлоқ маркази маъмурӣ ва маданнии Масчоҳ будааст. Ҳатто дар замонҳое, ки деҳаҳои Палдорак ва Мадрушкат маркази Масчоҳ муқаррар мешуданд, Обуррдон ҳамчун калонтарин маҳалли аҳолинишин дар таърихи ин сарзамин мақоми худро аз даст намедод. Дар давоми солҳои дароз ин деҳа яке аз марказҳои чор даҳаи Масчоҳ ба шумор мерафт.

Нишонаҳои таърихи қадимаи Оббурдон танҳо дар мазору қабристонҳои он боқӣ мондаанд. Ҳудуди Куҳистон мисли «анборхонае» буд, ки боқимондаҳои мероси аҷдодони халқи тоҷикро то замони мо расонида дастраси тадқиқотчиёни имрӯза гардонидааст.

Ҳамаи мо сутуну саросутунҳои кандакории зебоманзари деҳаи Оббурдонро медонем, акси онҳоро дар китобҳои доир ба таърихи Тоҷикистон ва мураққаъҳои соҳаи санъат дидаем. Онҳо маҳсули дасти устоҳои моҳири асрҳои IX-X буда, ҳоло музеи шаҳрҳои Панҷакент, Душанбе, Тошкандро зебу оро медиҳанд.

Кӯҳнатарин катиба, ки санаи 484 ҳиҷрӣ (1091 мелодӣ)-ро дорад аз қабристони атрофи мазори маъруфи Оббур-

дон пайдо шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки шайхи оҳангарон Носир писари Муҳаммад дар аввали моҳи раҷаби ҳамин сол (яъне 19 августи соли 1091) вафот кардааст. Мазмуни кӯтоҳи ин катиба шаҳодат медиҳад, ки дар Кӯҳистон, дар асри XI оҳангарони зиёде будаанд ва онҳо сардори худро доштаанд, ки яке аз ин сардорҳо (шайхи оҳангарон) Носир ном доштааст.

PDF Compressor Free Version

Аз 11 адад катибаи асрҳои XI аввали XII ҳафт адади он аз мазору қабристонҳои Оббурдон пайдо шудаанд. Ё худ аз 12 адад қайроқсанги ба рӯи қабри олимони соҳаи фиқҳи асрҳои XIII-XIV гузошта шуда, ду ададашон аз ҳудуди ҳамин деҳа ба даст омадааст. Як чанд адади ин катибаҳоро ба рӯи қабри мансабдорон гузошта буданд. Мансабдори маъмӯрӣ ва судӣ дар Кӯҳистон дар давоми якчанд аср қозиҳо буданд. Кӯҳнатарин санг дар рӯи қабри қозӣ дар соли 604 ҳиҷрӣ (1208 милодӣ) монда шудааст. Маълум, ки қозиҳо ғайр аз вазифаи қозигӣ корҳои маъмурироро низ иҷро мекарданд. Катибаҳои аз Кӯҳистон пайдо кардаи мо, бисьёр ҷиҳатҳои ин масъаларо равшан мекунанд.

Исмоил ном кандакор соли 1442 дар қайроқсанги рӯи қабри яке аз писарони Қозӣ Ҷунайд, ки Насрулло ном доштааст ва дар қабристони Хоҷаҳои Оббурдон мадфун аст, дар қатори дигар маълумотҳои таърихи, чунин рубоиро сабт кардааст:

*Ҷоно, дили маҳрамон зи ҳаҷрат реш аст,*
*З-ин манзили хунхора, ки моро пеш аст.*
*Шамшодқаде бурида ин шамъи аҷал,*
*Ин ғам ба дил аз рӯзи қиёмат беш аст.*

Сабаби бо ин рубоӣ зеб ёфтани санги рӯи қабр дар он буд, ки Насрулло дар синни 20 солагиаш фавтида, кандакор ин матнро ба ин ҷавонмарг муносиб донистааст.

Аввалин шеърҳои рӯи санг ба асри XIV тааллуқ доранд. Матни ин шеърҳо оҳанги афсӯсу надоматро низ доранд. Масалан, соли 1378 Зайниддин ном котиб шахси фавтидаро чунин сифат кардааст:

*Ин соҳиби қабр комдоре будаст,*
*Дар вақти худаш бузургворе будаст.*

*Ба умр магшав гурра, чунин хоҳад буд,*
*У ҳам ба бақо умедворе будаст.*

Котиби дигар, ки Зайваддин ном дошта, тақрибан дар як вақт бо Зайниддин дар Оббурдон ҳаёт ба сар бурдааст, зимистони соли 1385 дар як пахлуи кайроксанг, ки ба рӯи қабри Аҳмад ном мансабдори деҳа гузошта шуда буд, чунин байтро муносиб дидааст:

PDF Compressor Free Version

*Риши сиёҳат ба хок чун шуд Аҳмад?*
*Қадди алифат магар чу «нун» шуд Аҳмад?*
*Дар ҳоли ҳаёт паҳлавоне мебуд,*
*Дар дасти аҷал, бубин забун шуд Аҳмад*

Барои канандаҳои Кӯҳистон дар рӯи санг ба ғайр аз рӯзу моҳу соли фавтида, синну соли онҳоро дар шеър зикр кардан анъана буд. Яке аз онҳо канандаи асри XV Исмоил писари шайх Исҳоқ чунин матнро ба рӯи санг аз худ боқӣ гузоштааст:

*Умраш санаи салосина сабъин буд,*[1]
*Бар рафтани умр зи худи ӯ оин буд.*
*Чун вақт басар шудаш, дуо суд накард,*
*Чандон, ки ду дасти халқ бар омин буд.*

Зикр ёфтани соли вафот ва сину соли фавтида ба мо имконият додааст, ки тарҷимаи ҳоли як зумра устодони соҳибхати Кӯҳистонро муайян намоем, ки номи онҳо дар ин китоб зикр ёфтааст.

Катибаҳо бештар ба рӯи қабри мансабдорони Кӯҳистон гузошта мешуданд. Яке аз ин навъ соҳибмансабон деҳқон-феодалҳо буданд, ки раиси худро доштанд. Онҳо соҳибони замину деҳ, чорпои зиёд буда дар хоҷагиашон деҳқонони безамин ё камзаминро кор фармуда истисмор мекарданд. Катибаи рӯи қабри деҳқон - феодалҳо бо байту рубоиҳо оро дода мешуданд. Умуман, ҳаминро бояд қайд намуд, ки барои кандакорони саргаҳи Зарафшон он ҳолат анъана шуда буд. Масалан, ба рӯи қабри «Раис-ал-деҳқон»-Абу Юсуф писари Саъдулло, ки соли 1537 дар деҳаи Оббурдон вафот карда буд, канандаи номаълум чунин байтҳоро зери матни катиба кандааст:

1. Яъне умраш ба 73 расида буд.

*Салимгоҳи сухан, молики он Абу Юсуф,*
*Ба иштиғоли замон буд ақли ӯ ба камол.*
*Дар он замон, ки сафар кард бурд имонро*
*Ки бувад дасту дили ӯ барӣ зи кору бор.*
*Зи насли фахру ҷалол, он раисул ал-уламо*
*Ҳисоби фатҳ аз он омадаш «зи фатҳи Ҷалол»*

PDF Compressor Free Version

Дар руи кабри дигар раис-ул-деҳкон, ки Мавлоно Муҳаммад Амин ном дошта, «машҳур ал-араб ва ал-аҷам ва маъруфи диёри худ» буд, дар соли 1544 дар Оббурдон низ мадфун шудааст, катиба гузошта, канандаи маъруф Боқӣ матни онро бо чунин мисраҳо хатм кардааст:

*Дар ҳар чамане лолаву варде[1] хезад,*
*Дар ҳар фасл зи шох барде[2] хезад,*
*Лекин ду ҳазор сол бояд бишумор,*
*То дар сафи мардон чу ту марде хезад.*

***Яке аз хок мекобад гиреҳи қисмати сангӣ,***
***Дигар дар санг ҳусни рӯзгори рафта мекобад.***

**Гулрухсор**

## СИФАТИ ЗАН ДАР ҚАЙРОҚСАНГҲО

Дар асрҳои миёна занҳо, махсусан занони ашроф дар ҷамъият мавқеи худро доро буданд. Мутаассифона, ин соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии занон дар гузашта ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. То ба наздикӣ байни олимон ақидае ҳукмфармо буда, ки гӯё ба рӯи кабри занони аҳолии муқимии Мовароуннаҳр санги катибанок намегузоштанд. Баъди пайдо намудани қайроқсангҳо аз саргаҳи Зарафшон ин ақидаи ғалат аз илм хориҷ шуд. Дар катибаҳои ба рӯи кабри занон гузошта шуда меҳру муҳаббати хешовандони онҳо бо як суханбозии ба худ хос, бо услуби

1. Вард–гули сурх.
2. Бард–сармо.

сачъ изҳор шудааст. Масалан оғози як матнро гирем: «Вафот ёфт солиҳа, карима, шарифа, зайн-ул-мастурот...».

Дигар матни ба ҳамин монанд ба қалами кананда Боқӣ тааллуқ дошта, аз ҳудуди қабристони Хоҷаҳои деҳаи Оббурдон пайдо шудааст. Ин санг бо насри мусаҷҷаъ ва хатти зебо (дар соли 1580) оро ёфтааст: «Вазидани (боди) аҷал дар фасли хазон ба нозукниҳоле, ки сарв аз қоматаш мутаҳайир монда, оразаш гулро зи рӯи нозукӣ бар хор монда, аз ҳуққаи лаъли ӯ писта худро дар пӯст печида ва

PDF Compressor Free Version



کتیبهٔ روی قبر زن که با قلم باقی کنده شده‌است.

Катибаи рӯи қабри зан, ки бо қалами Боқӣ канда шудааст.

аз наргиси маҳмураш... дар печу тоб уфтода, монанди қумрӣ модараш намади сиёҳ дар бар карда...»

Дар ин матн, ки ду сатри охири он уфтодааст, тасвири марҳума, ғаму андӯҳи модар ва одати пероҳани сиёҳпӯшии мотамзадагон ҳувайдо гардидааст (номи фавтида номаълум мондааст). Дар деҳаи Ярми Мастчоҳ соли 1408 занеро бо номи Мӯниса-хотун дафн карда буданд ва дар зери матне, ки аз ибораҳои арабӣ иборат аст чунин байтҳо муносиб дида шудааст:

*Эй, з-иштиёқи рӯят халқе хароб монда,*
*В-аз оташи фироқат дилҳо кабоб монда,*
*Мурдиву модареро зору назор кардӣ,*
*Тирӣ зи даст рафта, моҳ дар саҳоб монда.*

Дар қайроқсанги рӯи қабри Бика Султон ном зан, ки дар Таги Мазор ном қабристони деҳаи зеботабиати

Ревомутк, мадфун будааст, чунин матн хонда шуд:

*Кош он рӯз ки дар пои ту шуд хори аҷал,*
*Дасти гетӣ бизадӣ теғи ҳалокам бар сар.*
*То дар ин мулки ҷаҳон бе ту надидӣ чашмам,*
*Ин манам бар сари хоки ту, ки хокам бар сар.*

PDF Compressor Free Version

Ин матн ба қалами фӯлодии канандаи асри XVI Боқӣ тааллуқ дорад. Дар рӯи қабри Ҷаҳон Султон ном духтари Мир Шайх, ки дар деҳаи Оббурдон фавтидааст, чунин матн кандаанд:

*Эй сурмаи чашми ёр хоки роҳат,*
*Дар ҷаннату фирдавс бувад хиргоҳат.*
*Ҳар барги гулу лола, ки аз хоки ту раст,*
*Нақшест зи рухсораи ҳамчун моҳат.*

* * *

*Дар фасли баҳор шукуфа садранг шудаст,*
*Шамшодқаде дар лаҳади танг шудаст.*
*Маҷнунсифатам зи меҳри даврони шабоб,*
*Лайливаши ман, бишнав, ин санг шудааст.*

Дар мазори деҳаи Шавкати-Поёни ноҳияи Айнӣ ба рӯи қабри як зан, ки Хуҷчоча ном дошта духтари Мир шайхи Шамтичӣ будааст (шояд хоҳари Ҷаҳон Султон бошад), ду кайроқсанг гузоштаанд. У ҳамасри Бобур Мирзо буда, соли 916 ҳиҷрӣ (1510-1511 милодӣ) вафот кардааст. Дар зери матни яке аз кайроқсангҳо чунин байтҳо сабт шудааст:

*Эй хуфтаи адн манзилу маъвоят*
*Равзоти ҷунон турбати руҳафзоят.*
*Дар қурби ҷувори ҳақ расидӣ, хуш бод,*
*Дар паҳлуи хотуни қиёмат ҷоят.*

Марсияи ба Хуҷчоча хотун бахшида, калонтарин матни ба рӯи санг канда шуда дар музофоти Масчоҳу Фалғар мебошад, ки иборат аз 23 байт аст.

*Эй чархи нагун, ки сарнагунӣ,*
*В-ай қотили мардумони хунӣ,*

То кай зи ту меҳнату харобӣ,
Бошад, ки ҷазои хеш ёбӣ,
Эй ҳилласифат ҳазор фарьёд
Гар бар варасат нагашта обод.
Боз ин зи чӣ, эй сипеҳр, кардӣ,
Хун дар дили хастагон фикандӣ,
PDF Compressor Free Version
Аз боғи умеди навбаҳорӣ
Нашкуфт гули умедворӣ.
Бархост зи ҷайби домани гул,
Чун боди хазон бетааммул.
Бишкаст ниҳоли мева з-он бғ,
Мондӣ ба дили шикастаҳо доғ.
Дар мотами ин ҳуҷистасомон
Чун ғунчаи гул ба хеш пинҳон.
Зад чок қабои хеш ғунча,
Берун шуда аз ғамаш зи парда.
Лола бидарид хайма бар сар,
Хун дар ҷигару сиёҳӣ дар бар.
Нилисариву бунафша парчам,
Печида кабуду қомати хам.
Наргисруху гуназарду дили зор
Будӣ ҳама шаб зи ғусса бедор.
Мекард ҳазор нола булбул,
Мегуфт зи бебаҳоии гул.
Қумрӣ ҳамашаб ҳамин нидо дод,
К-ин олами бевафост барбод.
Аз нолаи зоғ шуд ба гӯшам,
К-аз мотами худ сиёҳпӯшам.
Онон ки зи мотамаш фигоред,
Хун дар ҷигар аз фироқ доред.
Ҷуз сабр нагашт чораи ғам,
Гар умр кунӣ ба дидаи нам.
Ин аст тариқи олами дун,
Ин бо ту накардааст акнун.
Бифрӯш, маҷӯ ғами ҷаҳонӣ,
Шодӣ бихар, ончӣ метавонӣ.
Оне ки бирафт, бурд ҷонаш,
Бо фотиҳа ёд кун, равонаш.

*К-аз ин ҳамаро ҷаҳон напардохт,*
*Аз баҳраи хеш дураш андохт.*
*Дар боғи ҷинон шавад ҷазояш,*
*Сад партави нур аз худояш,*
*Дар нўҳсаду шонздаҳ ин ҳикоят,*
*Кардем зи ҳасри дун шикоят.*

PDF Compressor Free Version

Матнҳои кайроқсанги руи қабри занони Кухистон на танҳо аҳамияти илмӣ-адабӣ доранд, балки баъзе урфу одати маросимии кухистониёнро то замони мо расонида, аз мавкеи иҷтимоии занони саргаҳи Зарафшон дар асрҳои XIV-XVI дарк медиҳанд.

***Намоён аст ҳоли рафтагон аз хоки ин води***
***Зи нақши по тавон кардан суроғи соғари ҷамъро.***

**Бедил**

## ЗИЁВАДДИН

Зиёваддин писари Мавлоно Баҳоваддин, яке аз кандакорони соҳибхатти Кухистон дар чаҳоряки охири асри XIV ва нимаи авали асри XV буд. Ҳамроҳ шудани истилоҳи «Мавлоно» ба номи падари ў аз он шаҳодат медиҳад, ки Зиёваддин дар оилаи соҳибмаълумоти асри XIV ба дунё омадааст. Мероси аз ин хаткан боқи монда дар ҳудуди деҳаҳои Оббурдони (7 адад) Масчоҳ ва Шамтичу (2 адад) Вешабӣ (1 адад) Фалғар дастраси мо гардиданд.

Яке аз аввалин хатҳои ба каламн фўлоддини Зиёваддин таалук дошта рубоие мебошад, ки соли 1380 дар рўи санги сари пули кўҳнаи Оббурдон, ки раҳгузарон аз ин деҳа ба Дашти Хартарош ном манзил мегузаштанд, канда шуда буд:

*Ин пул чу мармари ҷумла Кухистон аст,*
*Ҳарду сари вай, нигар, ба Кухистон аст.*
*Эй корикалон, зиёрати ҳаъба расӣ,*
*Дарҳоҳ, зи худо, ки банд бар исьён аст.*

PDF Compressor Free Version



تاریخ پل آب بردان که به قلم ضیاءالدین تعلق دارد.

Таърихи пули Оббурдон, ки ба қалами Зиёваддин тааллуқ дорад.

Дар матни ин рубой истилоҳи «корикалон» истифода шудааст. Мазмуни ин истилоҳ равшан нест. Шояд дар асри XIV дар Куҳистон ба ғайр аз қориҳои қурондону қуронхон қори калон ном шахсоне будаанд,ки дониши онҳо аз қориҳои дигар бо ягон ҷиҳати хоси худ фарқ мекард.

Ба ғайр аз ин, эҳтимол дар матни мазкур иштибоҳи котиб ҳам ҷой дошта бошад. Яъне ба ҷои «қози калон» «корикалон» кандааст. Вале агар ин тавр мебуд, кананда дар истилоҳи «қозӣ» ҳарфи «зод»-ро истифода мекард. Хол он ки дар матн баъди ҳарфи «қоф» ва «алиф» ҳарфҳои «ре» ва «ё» равшану хоно канда шудаанд.

Дар зери ин рубоии ба қалами Зиёваддин тааллуқ дошта, матни дигар кандаанд. Муҳаммад писари Шарафаддин шайх-ул-ислом, хабар мерасонад, ки дар ҳамин соли 1380 пулро бо ташаббус ва сарвати Муҳаммад писари Аҳмад, писари Алии вакил, ки бо номи Муҳаммад

Ҷалоладдин маъруф буд, бино кардаанд. Ин шахс шояд, яке аз сарватмандони Кӯҳистони асри XIV бошад.

Ин матн дар санги соҳили рости дарёи Масчоҳ боқӣ мондааст. Дар соҳили чапи он, дар рӯ ба рӯи ин санг, дар санге, ки шакли курраи заминро гирифтааст, канандаҳои асрҳои мухталиф хатҳо кандаанд. Ду адади ин хатҳо ба таърихи пули кӯҳнаи деҳаи Оббурдон тааллуқ доранд. Яке навбати дуюми таърихи тармими пулро дар соли 1667 ва дигараш таърихи тармими чаҳоруми ҳамин пулро дар соли 1782 зикр кардааст. Муқоисаи ин ду соли тармим (дуюм ва чаҳорум) нишон медиҳанд, ки пули кӯҳнаи Оббурдон, ки дар чаҳоряки охири асри XIV бино ёфта буд, баъди ҳар 55-60 сол тармим талаб мекардааст.

PDF Compressor Free Version



متن روی قبر، فرد و رباعی ضیاءالدین که سال ۱۳۸۹ کنده است.

Матни руи қабр, фард ва рубоии Зиёвуддин, ки соли 1389 кандааст

Зиёваддин аввалин канандаи матн ба забони тоҷикӣ, ородиҳандаи катибаҳои сари қабр бо шеъру рубоиҳо мебошад. Як рубоии ӯро дар сари қабри Аҳмад ном қозизода, дар боло оварда будем. Фард ва рубоии дигари ӯ аз рӯи қабри як ҷавон, ки Саид (писари Шайх Муборак) ном дошта, соли 1389 дар деҳаи Шамтичи Фалғар дафн шудааст, рӯйнавис шуд:

PDF Compressor Free Version

*Эй хок, агар хилоф кунӣ манам раво бувад,*
*Аз баски хуфтаанд дар ӯ шоду шакарлаб.*

*Гулбарг чу рухсораи поки ту набуд,*
*Оташ чу фироқи сӯзноки ту набуд.*
*Барбод шудӣ ту ногаҳон, бувад афсӯс,*
*Эй оби ҳаёт, вақти хоки ту набуд.*

Ин фарду рубоиҳои ба рӯи сангҳо сабт кардаи устоди ҳусни хатти девонӣ - Зиёваддин намунаи ашъори шоирони Кӯҳистон ё намунаи эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯҳистон дар асрҳои XIV-XV мебошад.

***Аз пуштаи сабзи хуфтагон бар гӯшам,***
***Ногуфта суруди рафтагон меояд.***

## МУҲАММАД

Канандаҳои соҳибкасб, «мӯқалам» ва сершумор аксар дар деҳаи Оббурдон ҳаёт ба сар бурдаанд. Дар ин бора миқдори катибаҳои дар ин деҳа боқимонда шаҳодат медиҳад. Канандаҳои оббурдонӣ на танҳо талаботи ҳамдиёронашро қонеъ мегардониданд, балки ба деҳаҳои ҳамсоя рафта, дар сангҳои сари роҳу шаххо ҳунарозмоӣ менамуданд. Яке аз ин гуна ҳунармандон Муҳаммад ном шахсе буд. Падари ӯ Шарофаддин ном дошта дар асри XIV вазифаи олии рӯҳонигӣ - шайх-ул-исломи-ро адо кардааст. Муҳаммад дар охири асри XIV ва нимаи аввали асри XV дар замоне, ки ҳанӯз хонадони сулолаи муғулҳо дар Осиёи Миёна ҳукмронӣ мекарданд, ҳаёт ба сар бурдааст.

Яке аз аввалин хатти бо дасти Муҳаммад канда

шуда дар сари пули кӯхнаи Оббурдон буд, ки он моро бо таърихи сохтмони пули кӯхна ва ташабускори ин сохтмон - Муҳаммад писари Аҳмад набераи Алии Вакил, дар соли 1380 хабар расонидааст.

Муҳаммад ба кандани катибаи қайроксанги рӯи қабрҳо низ машғул шудааст. Яке аз ин сангҳо дар ҳудуди қабристони кӯхнаи деҳаи Падрохи Масчоҳ дастраси мо гардид. Ин қайроксангро ба сари қабри Алимуҳаммад писари Алӣ набераи Кабир дар соли 1436 гузошта буданд, ки дар матни он фавтида «машҳури айём, мақбули хосу авом, соҳибзеҳн, воизи мулуку салотин, ходим ул-фуқаро» сифат шудааст.

PDF Compressor Free Version

Матни қайроксанг бо як байти сӯфиёна ба охир мерасад. Боз як чанд катибаҳои ба қалами Муҳаммад тааллуқ дошта, аз ҳудуди деҳаи Оббурдон - зодгоҳи кананда, ки нисбаи «Оббурдонӣ» дошт, пайдо шуданд. Яке аз онҳо соли 1448, дигараш соли 1453 канда шудааст. Маълум мешавад, ки Муҳамммад дар давоми зиёда аз 70 сол ба ин касб машғул буд. Дар навбати худ, ин таърих гувоҳӣ медиҳад, ки Муҳаммад умри дароз дидааст ва то охири ҳаёташ қалами фӯлодиро аз даст намонда ба касби интихоб кардааш шуғл дошт.

Аз чор катибаи ин канандаи хушхат, ки дастраси мо гардид, ҳоло як «зарра» таърихи Кӯҳистон дар охири асри XIV -ва нимаи авали асри XV аён гардида мо бо номи як силсила арбобони илму маърифат, ташаббускору сохтмони пул шинос шудем. Ин навъ кандакори соҳибистеъдод албатта хатҳои дигар ҳам аз худ боқӣ гузоштааст. Вале бо мурури замон ва сабабҳои гуногун ин хатҳо то замони мо омада нарасидаанд ё худ ҳанӯз дастраси таҳқиқотчиён нашудаанд.

*Эй хок, агар синаи ту бишкофанд,*
*Бас гавҳари қимате, ки дар синаи туст.*

**Хайём**

## ҲОҶӢ МАҲМУД ВА ВОРИСОНИ Ӯ

PDF Compressor Free Version

Яке аз кандакорони соҳибистеъдоду хушхат Ҳоҷӣ Маҳмуд буд. Мероси ӯ дар ҳудуди деҳаҳои Масчоҳу Фалғар дастраси мо гардид. Аввалин хати бо дасти ӯ канда шуда соли 1388 ва охиринаш соли 1408 иҷро шудааст. Яъне катибаҳои аз ӯ боқимонда 20 соли ҳунари сангкании хаттотро дар бар кардаанд.

Аз рӯи баъзе далелҳо тахмин меравад, ки Ҳоҷӣ Маҳмуд дар овони ҷавонӣ фавтидааст. Инро на танҳо аз санаи зери катибаҳо боқигузоштаи ӯ, балки аз он низ пай бурдан мумкин, ки номи ӯро ба писараш дода буданд. Ин одат дар байни бисёр халқҳо маълум аст. Агар падар то таваллуди фарзанд фавтида бошад, номи ӯро ба писараш медиҳанд. Писари Ҳоҷӣ Маҳмуд, яъне Ҳоҷӣ Маҳмуди хурдӣ, касби падарро ихтиёр намуда, яке аз кандакорони маъруфу мӯътабари асри XV-и Кӯҳистон мегардад. Инро дар мисоли катибаҳои бо дасти ӯ канда шуда дида метавонем.

Набераи Ҳоҷӣ Маҳмуд Ҷалоладдин ном дошта ӯ ҳам катибаканиро касб кардааст. Дигар набераҳои ӯ - Шарофаддин соли 1526 ва Зайниддин соли 1529 фавтидаанд. Ҳамаи онҳо аз худ дар рӯи сангҳо мероси гузоштаанд, ки шоҳиди авлодан кандани хатҳои рӯи санг будани онҳост.

Ҳар қалом аз номбурдагон услуби хатти худро, ки мувофиқи талаботи замонашон буд, хело хуб аз худ намуда, онро дар ниҳояти зебоӣ дар рӯи сангҳо сабт кардаанд. Масалан, Ҳоҷӣ Маҳмуди калонӣ устоди хатти мушкилхон, вале зебои девонӣ буд. Илова бар ин, ӯ табъи шоирӣ дошт ва дар байтҳои ба рӯи санг кандааш Ҳоҷӣ Маҳмуд кӯшиш кардааст, ки муҳити ҷуғрофии он ҷойро тасвир намояд.

Яке аз роҳҳои мушкилгузари Кӯҳистон, ки ҳоло ҳам дар ҳангоми бориши борон ва вазидани боди сахт, ба рӯи роҳи мошингард сангҳо чар шуда меистанд, тангии байни деҳаҳои Шаватки-Боло ва Вешаб мебошад. Дар зери

пайроҳаи пурхавфи дарьёи Масчоҳ ба харсангҳо бархӯр.
тугён мезанад. Бесабаб нест, ин муҳити роҳи кӯҳиро
инобат гирифта куҳистониён душманони ба хоки он
ҳамла кардаро кӯшиш мекарданд, ки дар ҳамин танги
кӯҳи лагж пешбанд карда, зарба расонанд.

Ҳочи Маҳмуди калонӣ ҳам дар ҳамин тангии кӯҳ б
рӯи са[illegible] б қувваи обу бод суфта шуда, чуни
байтро канда, бо ҳамин таъкид намудааст, ки роҳ хавф
нок аст, мебояд аз худо мадад талабид.

PDF Compressor Free Version

*Хуш гузарӣ бар сари ин дарьёи чу баҳр*
*Сад бор зиёд «оят-ул-курсӣ» бубар.*

(Оят-ул-курсӣ-яке аз сураҳои Қуръон)

Ҳочӣ Маҳмуд соли 1403 дар яке аз сангҳои сари роҳ
наздикии чашмаи Шоҳроҳи деҳаи Оббурдон, чуния мат
нро кандааст:

*Бар сари Шоҳроҳ, бар сари санг,*
*Бинавиштам хате ҳақ дар камар.*
*Сари худро ба қалби худ мегир*
*Пас бубинӣ ту ба пой роҳгузар*
*Гар чунинаш бурун намеорӣ,*
*Дон, ки таърихи ӯ бувад «дар ховар(хур)».*



خطهای سلطان محمود و بابر.

Хатҳои Султон маҳмуд ва Бобур

Ба ҳисоби абҷад аз ибораи «дар хур» санаи 806 ҳиҷрӣ (1403-1404 мелодӣ) ҳосил мешавад.

Аҳамияти ин матни носуфтаи Хоҷи Маҳмуд дар он аст, ки ӯ ин роҳро «Шоҳроҳ» номидааст. Маълум мешавад, ки дар ибтидои асри XV Шоҳроҳ, роҳи асосӣ ва бе хавфе (аз нуктаи назари эминӣ аз роҳзанҳо) будааст, ки саргаҳи Зарафшонро бо марказҳои маданӣ ва тиҷоратии онвақтаи Осиёи Миёна мепайваст. Дар асрҳои баъдина ҳам ин роҳ аҳамияти иқтисодӣ ва сиёсии худро гум накардааст. Бе сабаб нест, ки Бобур соли 1512 дар айни сафари Мастчоҳ, катибаи худро маҳз дар ҳамин ҷо, дар санги лаби чашмаи Шоҳроҳ кандааст.

Вақте аз як деҳ ба деҳи дигар рафта бо пайраҳаҳои қадима гузаштани мешавед, бе ихтиёр чашматон ба хатҳои мерос гузоштаи сокинони Кӯҳистон ва роҳгузарони дигар меафтад. Хоҷӣ Маҳмуди калонӣ натанҳо роҳгузари тамошобин буд, балки ӯ яке аз аввалин шахсоне мебошад, ки пайраҳаҳои пурхатарро бо хатти зебои худ шавқовар, назаррабо ва ҳатто гуфтан мумкин, ки «обод» ҳам кардааст. Чи навъе ки зикр ёфт ду матни болоиро вай дар сари роҳ ва матни саввумро соли 1388, дар шаҳҳои мушкилгузари роҳи байни деҳаҳои Ревомутк ва Хуфгифи-Офтобрӯй кандааст:

*Бар санги сиёҳи худ навиштаст Қубод,*
*Панде зи ҳакими оқилу некниҳод.*
*Кунҷеву қаноате агар даст диҳад,*
*Кай бохабарӣ зи оламӣ кину фасод.*

Дигар матни сари роҳ соли 1399 дар сари пули байни деҳаҳои Оббурдон ва Камодон бо дасти Хоҷӣ Маҳмуди калонӣ канда шуда буд:

*Аз пул гузар кунӣ ту бар сари роҳ,*
*Хатте бинӣ сафед, бар санги сиёҳ,*
*Бар умр машаф ғарра, ки рӯзе ногоҳ,*
*Не умр ба кас монаду не молу на ҷоҳ.*

Ин ақидаи насиҳатомези Хоҷӣ Маҳмуд канандаи номаълуми муосири ӯро водор намудааст, ки дар зери он ин байтро ба рӯи санг сабт намояд:

*Донӣ чӣ ҳикмат аст, ки фарзанд аз падар,*
*Минат надорад ар-чи диҳад рӯзу шаб ато!*

Дигар ду матни бо дасти Ҳоҷи Маҳмуд ба рӯи санг канда шуда мақсади аз худ ёдгор гузоштанро дорад. Яке аз ин [illegible] дар сари роҳи байни деҳаи Дашти Оббурдон ва Дашти Хартарош (дар соҳили чапи дарьёи Масчоҳ) канда шудааст, дастрас гардид, ки ин аст:

Бинвиштаам аз он ки, шунидам дар хабар,
Монад ба ёдгор, ки «ан-нақши фил-ҳаҷар»

Дарин мати Ҳоҷи Маҳмуд ба ҳамзамонони худ ва насли оянда таъкид карда аст, ки «Ҳар як матне ки дар рӯи санг канда мешавад, ба ёдгор хоҳад монд.»

Матни дигари ёдгории ба қалами Ҳоҷи Маҳмуд тааллуқ дошта аз канори роҳи байни деҳаҳои Оббурдон ва Шамтич пайдо шуда буд. Ин санги тақрибан як пудаи бо хатти зебои девонӣ оро ёфтаро мо ба Душанбе оварда ба музеи таърихию кишваршиносии ба номи Беҳзод супоридем. Ҳоҷӣ Маҳмуд мутаассифона санаи ин матнро нагузоштааст:

*Он ки дар бандагии маъбуд аст,*
*В-он ки ёри Ҳоҷӣ Маҳмуд аст.*
*Арз аз ин навиштанам ҳосил,*
*Ёдгоре бидон, ки мақсуд аст.*

Канандаи хушхат ба мисли Ҳоҷӣ Маҳмуд албатта наметавонист, ки ба қайросангҳои сари қабр «даст назанад». Яке аз сангҳои бо дасти ӯ зеб ёфта дар мазори деҳаи Роғи Масчоҳ ҳоло ҳам мавҷуд аст, ки онро соли 1405 кандааст. Аз мутоилаи мероси то замони мо омада расидаи Ҳоҷӣ Маҳмуд бо боварии комил гуфтан мумкин, ки ин шахси аҳли саводи асрҳои XIV-XV, табъи шоирӣ ва ҳусни хатти хуб дошта, ба қайроқсангҳои рӯи қабр хат канданро касби асосии худ накардааст. Ин ҳунарро ӯ ба писараш Ҳоҷӣ Маҳмуди хурдӣ мерос гузоштааст. Катибаҳои бо дасти ин усто канда шуда ба асри XV-XVI тааллуқ дошта, аз катибаҳои канандаҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки баъд аз иборахои арабӣ матни рӯи қабр бо шеърҳои тоҷикӣ ба поён мерасад.



PDF Compressor Free Version

Масалан, дар рӯи санги қабри Ҳусом писари Ифтихор, ки соли 1489 дар деҳаи Оббурдон фавтидааст, кандани чунин байтҳо муносиб шуморида шудааст:

*Бемор ҷавоне, ки рафти аз дори фано*
*Кардӣ ватани малак ба худ хоби бақо.*
*Хун шуд дили дӯстон зи фавтидани ту,*
*Бо ин умед, ки боши ту ба алтофи худо.*

PDF Compressor Free Version

Баъди чор соли дигар, яъне соли 1493, дар ҳамон деҳа Хоҷа Амин писари Мавлоно Амин вафот мекунад. Ба қайроқсанги рӯи қабри ӯ Хоҷӣ Махмудӣ хурдӣ чунин матнро муносиб донистааст:

*Он ки ҳарорат нагирифтиву хоб,*
*То гули насрин наяфшонд нахуст.*
*Гардиши гетӣ гули рӯяш бирехт*
*Хори бутон бар сари хокаш бираст.*



خط سلطان محمود خردی.
Хати Султон Махмуди хурдӣ

Ин кайроксанг барои омўхтани таърихи маданияти халки точик дар Кухистони дурдаст дорои ахамияти махсус аст. Чунки Хоча Махмуди курдӣ яке аз он намояндагони ахли илму адаби ин водӣ мебошад, ки чуръат намуда катибаи сари кабрро аз баъзе иборахои араби тоза намуда ба зери онхо истилоххои тоҷикиро дохил намудааст. Он коре, ки Хоча Махмуди курдӣ ибтидо гузошт, писарони ў минбаъд идома додаанд. Як писари ў ки Чалоладдин ном доштааст, хаткании рўи сангро низ касб карда буд. Ў ба рўи кабри фарзандаш Султон Махмуд, ки соли 1486 дар кабристони Хочахои Оббурдон дафн шудааст, чунин матнро муносиб дидааст. Дар рўи санг танхо чор калимаи аввал иборам куръонӣ буда бокимондаи матн ба забони точикӣ канда шудааст.

PDF Compressor Free Version

*Эй тоза гунчаи гул аз ин бўстон шудӣ,*
*Тарки чахон гирифта ба боги чунон шудӣ!*
*В-эй булбуле, ки аз паи баргу навои хуш,*
*Бар бўи гул ба чониби он гулистон шудӣ.*
*Ё тўтие, ки аз шакаристони хушмакол*
*Бо тоирони кудсу малак хамзабон шудӣ.*
*Маскан кусуру ходима хуру бихишт чой*
*Инхо сабаб шуданд, к-аз ин ошьён шудӣ.*
*Шархи гами фирок, чӣ гўям зи мотамат,*
*Бар мо чӣ рафт, то ту аз ин хонадон шудӣ.*
*Сина шикофу чон ба гаму дил дар изтироб,*
*Рух зарду тан заъиф, ки дур аз миён шудӣ.*
*Хушбод бар ту рахмати илтофи лоязол,*
*Чун дар харими хазрати хак дар амон шудӣ.*

Дар пахлуи ин матн падари чигарсўхтаи фавтида Чалоладдин (писари Хоча Махмуди курдӣ) ду байти зеринро хамчун илова сабт кардааст:

*Эй синаи махрамон зи фавти ту кабоб,*
*В-эй дидаи равшан аз фироки ту пуроб*
*Аз чони хароби дил хисобе набувад,*
*Таърих аз он шуд: «дилу чони хароб».*

Дар сатри охир иборам «дилу чони хароб» моддаи таърих буда аз он санаи 896 хичрӣ (1489-1490) хосил мешавад.

Аз ин ду санади ба рӯи санги қабри Султон Маҳмуд писари Ҷалоладдин сабт шуда, маълум мегардад, ки ӯ дар соли 1486 фавтида марсияи турбаташро баъди чор сол гузоштаанд.

Ҷалоладдин аз он падарони нокоме буд, ки ба рӯи кабри ду фарзанди азизу арҷмандаш матн интихоб намуда, онҳоро ба санг кандааст. Фарзанди ӯ - Саид Қосим ҷавонмарг шуда соли 917 хиҷрӣ (1511-1512), ҳамон соле, ки Бобур ба Мастчоҳ омада буд, фавтидааст.

PDF Compressor Free Version

*Марсияи қабри ӯ ҳамин аст:*
*Эй пайки аҷал, эй ахтари каҷрафтор,*
*Доғе ба дилам ниҳодӣ дар фасли баҳор.*
*Дар нӯҳсаду ҳафтдаҳ кард нақл аз олам,*
*З-он рӯй бар оинаи дил монд ғубор.*

Доғи фарзандон ба саломатии Ҷалоладдин таъсир расонида буданд. Дастонаш меларзид, ҳусни хаташ тағйир ёфт. Оқибат марг побандаш гашта дар соли 946 хиҷрӣ (1539-1540) вафот кард. Катибаи рӯи қабраш бо чунин байт хатм шудааст:

*Гар аз хайли фаромӯшон шавем, хок ёд орад,*
*Магар, к-огоҳ дар хотир кунӣ аз рафтанам ёро.*[1]

Аҳамияти ин матн боз дар он аст, ки номи шахси ба рӯи сангкананда - Боқӣ, сабт гардидааст. Боқӣ писари Муҳаммад, набераи Юсуф яке аз устодони хатти зебои шикастаи асри XVI буд. Бо дасти ин шахс дар ҳудуди деҳаҳои Оббурдон, Ревомутк, Худгифи-Октобрӯй, Дашти-Оббурдон якчанд катибаҳои дигар канда шудааст, ки ҳамаи онҳо бо як ё ду байт итмом ёфтаанд.

Бо насри мусаҷҷаъ ва байтҳо зеб додани матни кайроксангҳои рӯи кабри зану мард аз тарафи Боқӣ шоҳиди он аст, ки ӯ яке аз шахсони соҳибхат, босавод ва шоир-

---

1. Ин байт дар асри XVI маъруф буд. Масалан дар маноқиби шайх Ҳусайни Хоразмӣ – «Ҷодат-ул-ошиқин», ки низ дар асри XVI тасниф шудааст, байти мазкур ба таври зайл омадааст:

* *Чу аз хайли фаромӯшон шавем, аз мо кӣ ёд орад,*
*Магар гоҳе ба тақрибе ба ёд оем ёреро.*

табъи Кухистони асри XVI буд.

Ба мисли Боқӣ канандагони зиёде дар ин водӣ дар асрҳои мухталиф ҳаёт ба сар бурда, намунаи хатти онҳо то ба замони мо расидааст ва ин ягона шоҳиди ҳунари пурарзиши онҳост. Ин хатҳо садои дили пурармони фантидану канандагон мебошад.

PDF Compressor Free Version

Матнҳои боло,ки ба Ҳоҷӣ Маҳмуд ва ворисони ӯ тааллуқ доранд, намунаи кори як авлод, як оилаи мас-чоҳӣ мебошад, ки дар асрҳои XIV-XVI ҳаёт ба сар бурда, эҷод кардаанд. Онҳо аз қабили шахсони маърифатноке будаанд ва барои тозагии забони тоҷикӣ ҳисса гузошта, кӯшиш кардаанд, ки хатто дар катибаҳои рӯи қабр ибораҳои арабиро бо тоҷикии ба аҳли Кухистон фаҳмо иваз намоянд.

Мо боварии комил дорем, ки дар омӯхтани таърихи забони тоҷик катибаҳо, аз ҷумла катибаҳои бо дасти Ҳоҷӣ Маҳмуд ва ворисони ӯ канда шуда, ҳамчун сарчашмаи нодир ҳиссаи арзандае мегузоранд.



محصول دست علاءالدین (سال ۱۴۳۵).

Максули дасти Аловаддин (соли 1435)

*Сангро дил во нашуд, ҳарчанд дар дарё нишаст.*
**Бедил**

## АЛОВАДДИН ВА ПИСАРАШ СУЛТОН

Хатҳои бо дасти Аловаддин канда шуда хеле зебо буда, аксар аз ҳудуди деҳаи Оббурдон пайдо шудаанд. Дар зери матни рӯи санг Аловаддин писари Аҳмад ва наберaи Абдулло буданашро сабт кардааст. Якчанд хатҳои бо дасти ин кананда сабт гашта дастраси мо гардиданд.

Санаи аввалин дар зери катибаи бо дасти ин шахс канда шуда 1405 ва санаи охир - ба соли 1446 тааллук дорад. Яъне Аловаддин канандаи асри XV-и Кӯҳистон будааст.

Дар рӯи санги сари роҳӣ, начандон калони рӯяш сайқал ёфта Аловаддин бо ҳусни хатти печ дар печи зебо, вале начандон хоно чунин матнро кандааст:

*Гар касеро фитад бар ин ҳаҷар назарӣ,*
*Охирнамо шавад қадри доно зи бехабарӣ.*
*В-ар бигир таърих, аз ин ҷумла(?) талаб ҳисоб,*
*То шавад матлаб ҳосил аз руҳӣ.*

Аловаддин ба катибаи рӯи қабр байти зеринро кандааст. Ин сангро ба рӯи қабри Абунаср Аловаддин ном шахсе (соле 1435) гузоштаанд:

*Сар аз ин вартаи хунхора бадар натвон кард,*
*Оҳ аз ин роҳи хатарнок, ки дар пеши ман аст.*

Ин байтро канандаи асри XVI Боқӣ такроран дар рӯи қабри Азим (писари Усмон) ном шахс, ки олиму воиз буда, соли 1506 дар деҳаи Ревотмутк мадфун шудааст, истифода кардааст. Писари Аловаддин Султон ном дошта, касби падарашро аз худ накардааст. Ба ҳар ҳол, катибаҳои мукаммали бо дасти ӯ канда пайдо нашудаанд. Султон аз худ танҳо порчаҳои хурд-хурди хатро боқӣ гузоштааст, ки дар бораи ҳаваскорона ба рӯи санг хатҳои ёдгорӣ мондани ӯ шаҳодат медиҳанд.

Дар зери хатҳои хотиравии Султон, ки танҳо аз номи худи ӯ ва номи падараш иборатанд, санаҳои 1457 ва 1458 сабт гардидаанд.



PDF Compressor Free Version

*Ба хокам омадӣ аз баски бар гирди ту гардидам,*
*Ба раҳс омад чу сангӣ осиё лавҳи мазори ман.*
Бедил

## АБДУЛВАЛӢ (1461-1542) ВА ВОРИСОНИ Ӯ.

PDF Compressor Free Version

Абдулвалӣ писари Қозӣ Юсуф ягона канандаи кӯҳистонӣ мебошад, ки сангӣ сари қабрашро пайдо кардаем. Аз матни он маълум шуд, ки Абдулвалӣ дар синни 80-солагӣ, дар соли 948 хиҷрӣ (1542 мелодӣ) вафот карда, дар қабристони зодгоҳаш - деҳаи Оббурдон мадфун шудааст. Соли вафоти кананда ва синни ӯ, ки 80 сола будааст, имконият дод, ки таърихи таваллудаш соли 1461 маълум гардад.

Абдулвалӣ канандаи нимаи дуввӯми асри XV- ва нимаи аввали асри XVI, ҳамзамони канандаҳои маъруфи Кӯҳистон - Зиёваддин, Аловаддин ва дигарон буда, ҳатто бо Хоҷӣ Маҳмуд ошноиги наздик доштааст. Инро аз хатҳои ба рӯи қабри писарони Хоҷӣ Маҳмуди хурдӣ кандаи Абдулвалӣ - Зайниддин ва Ҷалоладдин пай бурдан мумкин.

Аввалин хатҳои ба рӯ сангҳо кандаи Абдулвалӣ ба солҳои 1496 ва 1499 тааллуқ дошта аз ҳудуди кишлоқи Поҳут ва Шаватки Поёни Фалғар пайдо шуданд. Дар солҳои 1531-1532 ӯ ба мансаби қозигӣ соҳиб шуда ҳамчун шахси маъруфи Кӯҳистон, одами аҳли савод ва дар навбати худ, канандаи маъруф шӯҳрат пайдо мекунад. Бесабаб нест, ки дар матни сангӣ болои қабр Абдулвалӣ «ҳокими шаръӣ, мақбули мулук ва салотин, имом ул-ҳумом, сайид ул-ҳуком, афзал ул-айём, мураббӣ ул-фуқаро, муқавӣ ул-зуафо..» ва ҳоказо сифат шудааст.

Матни катиба бо чунин байт хатм мешавад,

*Ғариқи раҳмати ҳақ он ҷавону он пире,*
*Ки ёд оварад аз котибаш ба такбире.*

Ин байт дар рӯи сангӣ сари роҳи байни кишлоқҳои Шамтич ва Оббурдон 8 сол пеш аз вафоти Абдулвалӣ канда шуда буд. Онро кананда ба рӯи қабри Абдулвалӣ такрор кардааст.

Дар наздикии ҳамин санг (баъдтар онро ҳангоми

PDF Compressor Free Version



خط روی شخ که به قلم یوسف تعلق دارد.

Хати рӯи шах ки ба қалами Юсуф таалуқ дорад.

васеъ намудани роҳ, мутаассифона, таркондаанд) дар рӯи санги калони сари роҳ, Абдувалӣ соли 1528 чунин байтҳоро кандааст:

*Эй солики ин роҳ, назар бо мо кун,*
*Аз фикри замона хотири худ во кун.*
*Ҳоҳӣ, ки ба айш бигзаронӣ ҳама умр,*
*Зулмат макуну хеш ба дилҳо ҷо кун.*

Ин байтҳо аҳамияти тарбиявӣ дошта мардуми Кӯҳистонро на ҳокимони онро ба ахлоқу одоби инсонӣ даъват менамуданд.

Байти дигари ба қалами Абдувалӣ тааллуқ дошта, аз ҳудуди деҳаи Шамтич пайдо шудааст, ки он такрори байти Хоҷӣ Маҳмуди калонӣ мебошад:

*Бинвиштаам аз он, ки бишнавидаам дар хабар,*
*Монад ба ёдгорӣ к-ин нақши фил-ҳаҷар.*

Абдулвалӣ ба ғайр аз хатҳои ёдгории мазмуни тарбиявӣ дошта ба рӯи қабри шахсони гуногун низ матн кандааст. Дар боло доир ба сангҳои рӯи қабри писарони Хоҷӣ

Маҳмуди хурдӣ ишора карда будем. Ба ғайри онҳо ӯ дар ҳудуди деҳаи Рончи Масчоҳ, дар рӯи қабри шайх Мирзои Зоҳид матн канда онро бо чунин байтҳо хатм кардааст.

*Ба дунъё дил набандад ҳар ки мард аст,*
*Ки дунъё сар ба сар андуҳу дард аст.*
PDF Compressor Free Version
*Ба гуристон назар кун то бубинӣ,*
*Ҳарифон ё шариконат чӣ кардааст?*

(Ин матн дар дигар сангҳои Кухистон вариантҳои худро дорад.)

Мактаббачагони мактаби Шамтич соли 1981 дар чарогоҳ санги хатнокро пайдо намуда ба деҳа меоранд. Бо ташаббуси муаллими деҳа Шарипов Абдучалил ин санг, ки дорои ду матн аст, ба институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши АИ Тоҷикистон расонида шуд. Матни аввали рӯи санг, ки соли 1531 Абдувалӣ кандааст, ин аст:

*Бо одамиён хуш аст дунё ҳама дам,*
*Ғайбат бувад аз ҳузури эшон ҳама ғам.*



خط روی شخ که به قلم عبدالولی تعلق دارد.

Хати рӯи шах, ки ба қалами Абдувалӣ таалуқ дорад

*Гар ёри мувофиқе ба дастат афтод,*
*Аз ҷаври замон наноли не бешу на кам.*
Сана 938 ҳиҷрӣ (1513-1532).

Матни дуввум дар рӯи сангҳои дигар дучор шуда бошад [illegible] он бори аввал дар ҳамин санг хонда шуд. Маълум мешавад, ки матни зеринро ӯ баъди гузаштани якчанд сол барои ёдоварӣ дар зери имзои Абдулвалӣ, ба ӯ пайрави намуда кандааст.

*Зинҳор дар ин ҷаҳони фонӣ,*
*Ғамнок мабош то тавонӣ.*
Кӯчакалӣ бинни Муҳаммад Абдулло ёд бод.

Аз хатҳои бо дасти Абдулвалӣ кандашуда равшан нест, ки ӯ худ шоир буд ё на. Вале Абдулвалӣ шахси шеърдӯст, бомаърифат ва хаткани устокор буд. Аз мазмуни хатҳои ӯ пай бурдан мумкин, ки Абдулвалӣ ба рӯи сангҳо барои кандани хат бештар матнҳои пандомезро аз забони халқ ва аз китобҳо интихоб кардааст. Яъне сарчашмаи шеърҳои истифода кардаи ӯ фолклор ё адабиёти хаттӣ буданд.

Дар ҳудуди қабристони Хоҷаҳои деҳаи Оббурдон санги рӯи қабри яке аз писарони Абдулвалӣ пайдо шуд. Аз сабаби шикастани санг як сатри хат бо номи фавтида боқӣ мондааст. Аз боқимондаи катиба маълум мешавад, ки ӯ шахси аҳли савод, обрӯманд ва маъруфи замони худ будааст. Ин сифатҳои фавтида дар ду байти зерини матн хонда мешавад:

*Ин соҳиби қабр номдоре будааст,*
*Дар вақти худаш бузургворе будааст.*
*Бар умр машав ғурра, чунин хоҳад буд,*
*Ӯ ҳам ба бақо умедворе будааст.*

Инҷо ҳаминро бояд қайд кард, ки байтҳои рӯи сангро ҳанӯз канандаҳои асри XIV ба рӯи сангҳои Кӯҳистон сабт карда буданд. Кананди асри XVI бошад онҳоро ба рӯи қабри писари Абдулвалӣ муносиб дидааст.

Дар шаҳи байни деҳаҳои Ревомутк ва Худгифи Офтобрӯи ҷиянаи Абдулвалӣ - Шоҳ Абдулло дар санаи 1187 ҳиҷрӣ (1773/74) чунин матнро кандааст.



PDF Compressor Free Version

*Ҷамъ месозад ба доман ҳаст ҳар ҷо санги кӯҳ*
*То занад бар шишаи ҷамъияти мо санги кӯҳ.*

Дар рӯи шаххо ва сангҳои рӯи кабр даҳҳо матнҳоеро пайдо кардаем, ки бо дасти Абдулвалӣ ва ворисони ӯ канда шудаанд. Аз рӯи санаи хатхо ва имзои канандаҳо хулосае хосил шуд, ки авлоди Абдулвалӣ дар Кухистон дар давоми зиёда аз дусад сол ба рӯи сангҳо кандани матнҳоро касби худ карда буданд.

PDF Compressor Free Version

*Сухан гавҳар шуда гуянда гаввос,*
*Ба сахти дар каф орад гавҳари хос.*
**Низомӣ**

## УСТОКОРОНИ ЯҒНОБӢ

Водии Яғноб аз кисмати шимол бо каторкӯҳи Зарафшон, аз тарафи ҷануб бо каторкӯҳи Ҳисор иҳота шуда, баъзе кишлокҳои он дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд.

Аз сабаби баландкӯҳу душворгузар буданаш ва дурии худ дар ин води яке аз лаҳҷаҳои забони кадимаи суғдӣ то замони мо бокӣ мондааст. Бинобар он дар давоми такрибан як асри охир водии Яғноб ва забони аҳолии он дар диккати таърихнигорон ва забоншиносон мебошад.

Ба максади омӯхтани катибаҳои водии Яғноб мо дар солҳои 1962 ва 1973 ба ин ҷой сафар карда будем. Вале то ин солҳо катибаҳои ба канандаҳои яғнобӣ тааллук дошта, дар саргаҳи Зарафшон низ дастраси мо гардида буданд. Аз рӯи санаи зери хат аввалин канандаи ин водӣ Малик Калони Яғнобӣ ном дошт. Соли 1428 дар шахи байни кишлокҳои Ревомутк ва Худфиги-Офтобрӯи Масҷох, ӯ чунин матнро кандааст:

*Бо ҳукми худо тайи ризо дар нагирифт,*
*Бо халқ ба ҷуз рӯи риё дар нагирифт.*
*Ҳар ҳилла, ки бо тасаррufи акл омад,*
*Кардем, валек бо қазо дар нагирифт.*

Ин матн бо хатти мушкилнавис ва мушкилхони девонӣ хело зебо канда шудааст. Маълум мешавад ки Малик Калони Яғнобӣ устоди асри XV буд.

PDF Compressor Free Version




خط ملک کلان یغنابی

Хати Малик Калони Яғнобӣ

Яке аз канандаи хушнависи хатти насталиқ, дар нимаи дуввуми асри XV ва нимаи аввали асри XVI Султон Ҳасан буд. Намунаи хатҳои ӯ дар ҳудуди деҳаҳои Мастчоҳ ва Яғноб ба даст омадаанд. Дар зери хатҳои берун аз ҳудуди Яғноб боқӣ монда Султон Ҳасан номҳои аҷдодашро сабт намуда худро «яғнобӣ» номидааст. Дар хатҳои аз ҳудуди Яғноб пайдо кардаи мо, нисбаи каннда гузошта нашудааст. Сабаб он, ки Султон Ҳасанро дар зодгоҳаш ҳама медонистанд, ки ӯ «яғнобӣ» аст ва ҳоҷати нисбагузорӣ набуд. Султон Ҳасан кандани матни қайроқсанги сари қабрро касб карда дар рӯи сангҳои сари роҳ ҳам шеърҳо кандааст.

Аввалин катибаи кандаи ӯ соли 1442 дар рӯи қабри Шарофаддин писари Абдулатобек ном шахс гузошта шуда буд, ки ӯ дар деҳаи Питипи Яғноб мадфун шудааст. Дар рӯи қайроқсанг Шарофаддин яке аз донишмандон ва «нодир-ул-замон»-и худ номида шуда, катибаи ӯро кананда бо чунин байтҳо ба охир расонидааст:

*Шоҳест, ки ҳарду кавн як донаи ӯст,*
*Шамъест, ки Ҷабраил парвонаи ӯст.*
*Эй аҳли хирад, чашми худро бикушо,*
*Шибливу Ҷунайду Лайс девонаи ӯст.*

*Ҷамъ месозад ба доман ҳаст ҳар ҷо санги кӯҳ*
*То занад бар шишаи ҷамъияти мо санги кӯҳ.*

Дар рӯи шахҳо ва сангҳои рӯи қабр даҳҳо матнҳоеро пайдо кардаем, ки бо дасти Абдулвалӣ ва ворисони ӯканда шудаанд. Аз рӯи санаи хатҳо ва имзои канандаҳо хулосае ҳосил шуд, ки авлоди Абдулвалӣ дар Кӯҳистон дар давоми зиёда аз дусад сол ба рӯи сангҳо кандани матнҳоро касби худ карда буданд.

PDF Compressor Free Version

*Сухан гавҳар шуда гӯянда ғаввос,*
*Ба сахтӣ дар каф орад гавҳари хос.*
**Низомӣ**

## УСТОКОРОНИ ЯҒНОБӢ

Водии Яғноб аз қисмати шимол бо қаторкӯҳи Зарафшон, аз тарафи ҷануб бо қаторкӯҳи Ҳисор иҳота шуда, баъзе қишлоқҳои он дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд.

Аз сабаби баландкӯҳу душворгузар буданаш ва дурии худ дар ин води яке аз лаҳҷаҳои забони қадимаи суғдӣ то замони мо боқӣ мондааст. Бинобар он дар давоми тақрибан як асри охир водии Яғноб ва забони аҳолии он дар диққати таърихнигорон ва забоншиносон мебошад.

Ба мақсади омӯхтани катибаҳои водии Яғноб мо дар солҳои 1962 ва 1973 ба ин ҷой сафар карда будем. Вале то ин солҳо катибаҳои ба канандаҳои яғнобӣ тааллуқ дошта, дар саргаҳи Зарафшон низ дастраси мо гардида буданд. Аз рӯи санаи зери хат аввалин канандаи ин водӣ Малик Калони Яғнобӣ ном дошт. Соли 1428 дар шахи байни қишлоқҳои Ревомутк ва Худфиги-Офтобрӯи Масчоҳ, ӯ чунин матнро кандааст:

*Бо ҳукми худо тайи ризо дар нагирифт,*
*Бо халқ ба ҷуз рӯи риё дар нагирифт.*
*Ҳар ҳилла, ки бо тасаррифи ақл омад,*
*Кардем, валек бо ҳало дар нагирифт.*

Ин матн бо хатти мушкилнавис ва мушкилхони девонӣ хело зебо канда шудааст. Маълум мешавад, ки Малик Калони Яғнобӣ устоди асри XV буд.

PDF Compressor Free Version

Яке аз канандаи хушнависи хатти насталик, дар нимаи дуввуми асри XV ва нимаи аввали асри XVI Султон Ҳасан буд. Намунаи хатҳои ӯ дар ҳудуди деҳаҳои Мастчоҳ ва Яғноб ба даст омадаанд. Дар зери хатҳои берун аз ҳудуди Яғноб боқӣ монда Султон Ҳасан номҳои аҷлодашро сабт намуда худро «яғнобӣ» номидааст. Дар хатҳои аз ҳудуди Яғноб пайдо кардаи мо, нисбаи кананда гузошта нашудааст. Сабаб он, ки Султон Ҳасанро дар зодгоҳаш ҳама медонистанд, ки ӯ «яғнобӣ» аст ва ҳоҷати нисбагузорӣ набуд. Султон Ҳасан кандани матни кайроксанги сари кабрро касб карда дар рӯи сангҳои сари роҳ ҳам шеърҳо кандааст.



خط ملک کلان یغنابی

Хати Малик Калони Яғнобӣ

Аввалин катибаи кандаи ӯ соли 1442 дар рӯи кабри Шарофаддин писари Абдулатобек ном шахс гузошта шуда буд, ки ӯ дар деҳаи Питипи Яғноб мадфун шудааст. Дар рӯи кайроксанг Шарофаддин яке аз донишмандон ва «нодир-ул-замон»-и худ номида шуда, катибаи ӯро кананда бо чунин байтҳо ба охир расонидааст:

*Шоҳест, ки ҳарду кавн як донаи ӯст,*
*Шамъест, ки Ҷабраил парвонаи ӯст.*
*Эй аҳли хирад, чашми худро бикушо,*
*Шибливу Ҷунайду Лайс девонаи ӯст.*

Хатти дигари Султон Ҳасан дар як пора санги мармари деҳаи Питип соли 1544 канда шудааст.

*Шоҳо, бақои умри ту бодо ҳазор сол,*
*Рӯзе ҳазор соату соат ҳазор сол.*

PDF Compressor Free Version

Ин байт маъруф буда, баъзеҳо ба шоир Мушфиқӣ нисбат додаанд.

Дар тарафи дигари ин санг шахси номаълум матни зеринро кандааст.

*Эй, чашми сиёҳи ту маро кушт сад бор,*
*Дида рухи раънои ту, девона шудам, ёр.*
*Чу ногаҳ (кам) шуд аз ҳусну ҷамолаш,*
*Ба ишқи дилсухтаи бенаво макун хор.*

Канандаи номаълуми ин хатти настаълиқ Ягнобӣ буда, шояд шогирд ё фарзанди Султон Ҳасан бошад.

Султон Ҳасан ба деҳаҳои ҳамсоя ва ба шаҳри Уротеппа сафарҳо кардааст. Дар санги сари роҳи ағбаи Оббурдон-Уротеппа дар рӯи санги калони лаби сой, ӯ соли 1545 чунин матнро кандааст.

*Рӯзе ки бувад из ас-самоъ ул-фатарат,*
*В-он дам, ки бувад из ан-нуҷум ул-кадарат.*
*Ман домани ту бигирам андар арасот*
*Гӯям санамо би аййи занбин қаталат.*



خط سلطان حسن يغنابى

Хати Султон Ҳасани Ягнобӣ

Ин матн ба рубоии Умари Хайём (чопи Истамбул, 1901, саф.18) монанд аст. Дар зери ин матн якчанд авлоди кананда номбар шудаанд: «Султон Ҳасан бинни Баҳри бинни Шарафаддин бинни Ҳасан ул-Боб аз Яғноб».

Хатҳои дигари Султон Ҳасан, ки дар ҳудуди деҳаи Оббурдон ва Кӯли Бодон Яғноб пайдо шудаанд, матнҳои бе шеър мебошанд. Вале дар ҳамаи хатҳои дастраси мо гардида услуби хатти настаълики ин кананда ва зебоги хатти ӯ, як намуд ниғох дошта шудааст.

Дар замони Султон Ҳасан, яъне дар асрҳои XV-XVI дар Яғноб хаттотони дигар, ба мисли Муҳаммад Шариф писари Авазбоқӣ ва Саид Ҳасан писари Хоҷадарвеш ҳаёт ба сар бурда, ба забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ хатҳои зебо аз худ боқӣ монда рафтаанд. Вале дар мероси аз онҳо боқимонда матнҳои ба ин китобча муносиб нестанд.

Бо вуҷуди ин хатҳои канандаҳои Яғноб шоҳиди он аст, ки дар асрҳои XV-XVI бидуни ҳукмронии лаҳҷаи яғнобӣ, аҳолии ин водӣ забони тоҷикиро ҳамчун забони модарии худ дониста бо ин забон шеърҳои классикони адабиёти тоҷикро мехонданд, эҷод мекарданд ва баробари аҳолии дигар водиҳои саргати Зарафшон, дар арсаи маданияти халқи тоҷик ҳиссаи арзандаи худро гузоштаанд.

*Ғараз нақшест, ки аз мо ёд монад.*
Саъдӣ

## ШЕЪРҲОЕ, КИ АЗ АСРҲОИ XV-XVI ДАР МАДДИ НАЗАР БУДАНД.

Дар давоми зиёда аз 580 сол раҳгузароне, ки аз деҳаи Падрохи Масчох гузашта ба саргаҳи Зарафшон мерафтанд, ба санги сари роҳ назар карда суханони зеринро такрор ба такрор хонда мегузаштанд:

*Ман навиштам ба рӯи санги сиёҳ,*
*Хонад он кас, ки меравад з-ин роҳ.*
*Котиб Алӣ, сана 806 (1403-1404).*



PDF Compressor Free Version

Муаллифи ин матн ва канандаи он, аз рӯи имзо ба ҳеҷ навъ унвону мансаб соҳиб набуда котиби оддӣ, вале аз шахсони аҳли савод будааст.

Соли 1473 дар сангҳои соҳили дарьёи Масчоҳ, байни деҳаҳои Мадрушкат ва Табушна чунин матнро шахси номаълум кандааст.

PDF Compressor Free Version

*Шоҳо! Ту чу хушнуд накардӣ нафас,*
*Савганд хурам, ки ман нагӯям ба шахс*
*Дар хонаи хилват худо рӯзӣ диҳад,*
*Ҳастам ба лаби қанди ту ҳамчун магас.*

Ин байтро Ибодулло писари Абдураҳим соли 1486 кандааст (дар байни деҳаҳои Поху́т ва Шаватки Поён).

*Рафтем аз ин диёр, дуоё ба дил кунед,*
*Ёрону дӯстон ҳама моро биҳил кунед.*

Дар ҳудуди Самарканд ва атрофи он кайрокcанги асрҳои XI-XIV боқӣ мондааст, ки қисми зиёди онҳо дар музейи ҳамин шаҳр гирд омадааст. Дар давоми солҳои 1963, 1968 ва 1981 мо ба ҷамъ овардан ва омӯхтани катибаҳои Самарканд машғул будем.

Дар рубоии зерин намунаи катибаҳои асри XIV Самарканд пешкаш мешавад.

*То зода шудем, ҷусту чолок шудем,*
*В-аз нуракли бар сари афлок шудем.*
*Ногоҳ зи зарбати аҷал чок шудем,*
*В-андар паи якдигар ҳама хок шудем.*

*Аз ҷаҳон рафтему дил бардоштем,*
*Бар ҷаҳондорон ҷаҳон бигзоштем.*
*Мо чунин пиндоштем к-аз дасти марг,*
*Эмине бошад, ғалат пиндоштем.*

Шаш байти зерин аз рӯи санги мармари сандукшакл дар назди масҷиди деҳаи Ҷӯши вилояти Самарканди Ӯзбекистон ба даст омад. Ҳаккори санг усто Муҳаммади Ҳиравӣ ва канандаи матнҳо усто Маҳмуди Нурӣ (Нуратоӣ) будаанд. Санаи хат - 1509.

*Ба дунё дил набандад ҳар ки мард аст,*
*Ки дунё сар ба сар андӯҳу дард аст.*
*Ба гӯристон гузар кун то бубинӣ*
*Ки даврон бо ҳарифонаш чӣ кардаст.*

PDF Compressor Free Version

*Олам, ки дар ӯ субот кам мебинам,*
*Дар ҳар фараҳаш ҳазор ғам мебинам.*

*Ин кӯҳна работест, к-аз ҳар тарафаш.*
*Роҳе ба биёбони адам мебинам.*

*Аз ишқи ҳақиқӣ мо фаноем ҳама,*
*В-аз меҳнату марг бедавоем ҳама.*
*Чун манзили мо ба зери хок аст яқин,*
*Дилбаста дар ин ҷаҳон чароем ҳама?*

Ба маҳсули канандаҳои асри XVI назар андохта, аввало меҳоҳем мероси Миракро ба хонандагон пешкаш намоем.

Аз имзои панҷ адад хатти рӯи шаҳхо пайдо кардаи



سنگ مزار دیهۀ جوش
Санги мазори деҳаи Ҷӯш.

мо маълум шуд, ки канандаи ҳаваскори Кӯҳистон - Мирак дар асри XVI ҳаёт ба сар бурда, дар ҳудуди деҳаҳои Оббурдону Палдрохи Масчоҳ ва Шамтичи Фалғар хатҳо кандааст.

Аввалин хатти Мирак санаи 1507 ва охиринаш соли 1570-ро дорад. Ӯ ҳамзамони натанҳо бисёр канандаҳои номии Кӯҳистон, инчунин шоҳиди истилои Мовароуннаҳр аз тарафи Шайбониҳо ва ҳукмронии ин хонадон буд. Мирак дар ҳудуди деҳаи Шамтич дар соли 1570 чунин байтҳоро ба рӯи санг кандааст:

PDF Compressor Free Version

*Дареғи умр, ки ба ёди хештан гузарад,*
*Фиғони дайр, ки гиребони хештан бидарад.*

* * *

*Эй он ки, дар ин макон гузар андозӣ,*
*Бояд, ки ба ин ҳаҷар назар андозӣ,*
*Донӣ, ки чӣ кардаанд пирони куҳан,*
*Он гоҳ ту низ ончунон пардозӣ.*

Аз ин сатрҳо маълум мешавад, ки Мирак ба канандаҳои пешинаи Кӯҳистон пайравӣ намуда ин хатҳоро канда ба насли оянда ин анъанро талқин кардааст.

Мисли Мирак дар Кӯҳистон канандагоне гузаштаанд, ки танҳо як адад катибаи ба дасти онҳо канда шуда то замони мо омада расидаанд ё худ хатҳои дар рӯи санг кандаи онҳо холӣ аз шеър аст. Яке аз ин шахсон Юсуф писари Саъдулло буда, дар охирҳои асри XV ва нимаи аввали асри XVI ҳаёт ба сар бурдааст. Дар катибаи рӯи қабри Мавлоно Саъдулло ном шахс, ки соли 1497 фавтида аст, Юсуф чунин матнро илова намуда бо ду байти дигар онро хатм кардааст.

*Кадом дона фурӯ рафт дар замин, ки наруст?*
*Чаро ба донаи одамият ин гумон бошад?*

*Эй азизон ба вафо номи маро ёд кунед,*
*Ба дуои нек нафси руҳи маро шод кунед.*
*Эй ҷавонон зи мани гум шуда ибрат гиред,*
*Хоки ин ..............................*

(Санги рӯи қабр шикаста сабаби нобуд шудани сатри чаҳорум гаштааст).

Канандаи асри XVI Сайид Муҳаммад дар шахи деҳаҳои Ревомутку Падроҳи Масчоҳ чунин ду фардро кандааст. Яке аз матнҳо дорои санаи 1563 мебошад:

*Дардо, ки дар диёри шумо дарди ёр нест,*
*Онҷо ки дарди ёр набошад, диёр нест.*

PDF Compressor Free Version

Фарди дигари Сайид Муҳамад сана надорад:

*Аз он ҳамгашта мегарданд пирони ҷаҳондида,*
*Магар дар хок меҷӯянд айёми ҷавониро.*

Ин фард яке аз вариантҳои мақоли халқи тоҷик мебошад ва дар эҷодиёти баъзе шоирони классик низ дучор меояд:

*Ҷавоне гуфт бо пири дилогоҳ,*
*«Чӣ гум кардӣ, ки ҳам гаштӣ дар ин роҳ?»*
*Ҷавобаш дод пири хуштакаллум,*
*«Ки, айёми ҷавони кардаам гум».*

Канандаҳои ҳаваскори асри XVI-и дар ин ҷой номбар шуда, шахсони чандон саводнок набуданд. Инро мо аз хатогиҳои имлоии дар матнҳо боқимонда пай бурда метавонем. Вале ҳамаи онҳо - Мирак, Юсуф ва Сайид Муҳаммад ифодакунандаи ақлу заковат, фикру ақидаи сокинони Кӯҳистони асрҳои XV-XVI буданд.

Дар асри XVI ба рӯи санги мармари гулкорӣ шуда кандани марсия анъана шудааст. Дар ин бора ба ғайр аз марсияи рӯи санги деҳаи Ҷӯш, марсияи рӯи санги сандукшакли мармар аз мазори Муҳаммад Башоро гувоҳӣ медиҳад. Матни зерин дар ҳаққи ҷавонмарг гуфта шудааст:

*Сару болои ту дар хок, дареғест, дареғ,*
*Шуда чун домани гул чок, дареғест дареғ.*
*Домани пероҳани ту, эй ҷони азиз,*
*Зери хок, эй гуҳари пок, дареғест, дареғ.*
*Ҷои он буд, ки ҷои ту бувад дар дида,*
*Ин замон ҷои ту дар хок, дареғест, дареғ.*
*Эй ба сад мартаба поки туро зи оби ҳайвон,*
*Бар дили нозуки ту шок, дареғест, дареғ.*

9 зулхиҷҷа, санаи 994 ҳиҷрӣ (22 ноябри соли 1586).

Ҳотам бинни Аҳмад ном кананда соли 1500 ба рӯи кайроксанги кабри Сайид Обид писари Хоча Мансур, ки даршашсолагӣ дар кабристони деҳаи Рарз мадфун шудааст, чунин марсияро кандааст.

*Гузашта буд зи таърихи Аҳмади Мухтор,*
*Зи соли нӯҳсаду шаш ин саҳфаро бишмор:*
*Шунав зи хомаи ҳадису ин маброр зи ёд,*
*Мабош ғофил зи аҳволи гардиши ғаддор.*
*Рабуд бод барг аз ниҳоли мурод,*
*Бидаронд пероҳани ғунчаро зи мотами ёр,*
*Яке ба сайри чаман бирав, ки сугворонанд,*
*Бубин нашаста гул аз ҳичри даст бар сари хор.*
*Ниҳод доғ ба дили лолаву ба хун ғарқ аст,*
*Бунафшаро аз он нилгун шудаст дастор.*
*Мабод дар шаби ғам касе чу наргис ошуфтае,*
*Бадан заъиф, рух зарду дидаи бедор.*
*Зи лаҳан нолаи қумрӣ буд, ки оғозад (?)*
*Аз он сиришк фишонад зи дида абри баҳор.*
*Чу боди субҳ диҳад ёд мотами дӯст(?)*
*Зи андалеб барояд ҳазор нолаи зор.*
*Дар ин чаман, ки шаш баҳори умр бирафт,*
*Ки гашт боғи ҷунонаш маҳомгоҳи қарор.*

PDF Compressor Free Version

Дар дохили бинои мазори Шоҳ-Фозил ва атрофи он, ки дар Сафед Ялон ном мавзеи ноҳияи Ала Букаи Қирғизистон мебошад, 14 қайроксанги сари қабри асрҳои XII-XIV махфузанд. Дар рӯи яке аз сангҳое, ки сана надорад, (номи фавтида ва котиби хат низ канда нашудааст), чунин матн хонда шуд:

*Дар вақти гули сурх маро гум шуд ёр,*
*Бар сар занам ин ду даст, ман гирям зор.*
*Ба хок ҳамегӯям: хоко зинҳор,*
*Аз ёри (вафодор) маро некудор!*

Аз рӯи ҳусни хат ва муқоисаи он бо дигар хатҳои ҳамин мавзеъ, тахмин кардан мумкин, аст ки ин матн дар асрҳои XII-XIII канда шудааст. Ин рубоӣ ба забони тоҷикӣ қадимтарин хаттест, ки аз водии Фарғона (Вилояти Ӯш) дастраси мо гаштааст.

*Ин қофилам умр аҷаб мегузарад.*
**Хайём**

## ХАТТЕ, КИ БОБУР МИРЗО БО ДАСТИ ХУД КАНДААСТ.

PDF Compressor Free Version

Захируддин Муҳаммад Бобур (1483-1530) дар таърих ҳамчун арбоби давлатӣ, лашкаркаш, воқеанигор ва шоир маъруф аст. Доир ба саргузашта ин шахси маъруф ба ғайр аз асарҳои худаш садҳо китобҳои дигар навиштаанд. Ҳар кадоми онҳо маълумотҳои гуногуни таърихиро дар бар намудаанд.

Дар ин китоб мо маълумоти нисбатан тозаеро, ки аз сарчашман номаълуми таърихӣ, соли 1985 аз шаҳри Кобул пайдо намуда будем, ба диққати хонандагон мерасонем. Ин асари муаллифаш номаълум «Таърихоти мутафаррика» ном дошта дар асрҳои XVII ё XVIII дар Ҳиндустон китобат шудааст. Дар ҳамин китоб роҷеъ ба Бобур чунин маълумот омадааст: таваллуди Бобурро «ба таърихи ҳаштсаду ҳаштоду ҳашт, гуфтанд.

*Андар шаши муҳаррам, зод он шаҳи мукаррам,*



آرامگاه بابر در شهر کابل.

Оромгоҳи Бобур дар шаҳри Кобул

Таърихи мавлудаш ҳам омад шаши муҳаррам[1]. Илтимоси ном (монданро) аз ҳазрати Хоҷа Аҳрор Носираддин Убайдулло намудаанд. (Он шахс) ба хитоб Заҳируддин Муҳаммад мушараф сохтаанд. Чун ба забони туркон Заҳируддин Муҳаммад ба осонӣ ҷорӣ намешуда (аст) Бобур ҳам ном ниҳоданд. Синни муборaки он ҳазрат ба дувоздаҳ расида буд, ки подшоҳ шуданд, ба таърихи панҷуми моҳи муборaки рамазон, рӯзи сешанбе санаи ҳаштсаду наваду нӯҳ, дар хиттаи Андиҷон, ки пойтахти вилояти Фарғона аст. Муддати ёздаҳ сол дар Мовароуннаҳр бо салотини Чағатой, Темурӣ ва Ӯзбек (яъне Шайбониён) ҷангҳо карда ва тарадудот намудаанд, ки забони қалам аз шарҳу таъдоди он оҷиз ва қосир аст».

PDF Compressor Free Version

Бо мақсади барқарор намудани тахту тоҷи сулолаи хонадони темуриён Бобур пойтахти ин давлат - шаҳри Самарқандро як чанд маротиба ишғол карда бошад ҳам, истодагарӣ карда натавониста онро тарк намуд.

Бобур дар асари худаш воқеаи соли 907 ҳиҷриро тасвир намуда, навиштааст, ки дар Ӯротеппа меистод, хабар расид, ки Шайбонихон шаҳри Хуҷандро ишғол намуд. Бобур, ки барои мубориза бо Шайбонихон қуввае надошт, маҷбур мешавад, ки дар Кухистон паноҳ ёбад. Ӯ аз ағбаи Оббурдон гузашта ба Масчоҳ меояд, бо урфу одати мардуми ин ҷой, аз ҷумла бо одати ба рӯи сангҳо кандани хат ошно шуда, худ ба ин кор машғул мешавад. Мувофиқи маълумоти дар «Бобурнома» зикр ёфта дар назди чашмаи Озухаки деҳаи Оббурдон Бобур аз «Бустон»-и Саъдӣ чунин порчаеро тасвири ҳоли худ шуморида ба рӯи санг кандааст:

*Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт,*
*Ба сарчашмае бар ба санге навишт:*
*«Бар ин чашма чун мо басе дам заданд,*
*Бирафтанд, то чашм барҳам заданд.*
*Гирифтем олам ба мардию зӯр,*
*Валекин набурдем бо худ ба гӯр».*

Ҳаррараху (яъне, канд)Бобур, 917.

Доир ба таърихи кандани ин хат Бобур дар «Бобурнома»-и худ иштибоҳ кардааст. Яъне хатти рӯи сангро на

1. 6 муҳаррам соли 888 ҳиҷрӣ мутобиқ аст ба 15 моҳи феврали соли 1483.]

PDF Compressor Free Version



خط بابر میرزا.

Хати Бобур Мирзо

дар соли 907 ҳиҷрӣ (1501-1502), балки соли 917 ҳиҷрӣ (1511-1512), баъди саввум бор аз шаҳри Самарқанд маҳрум гашта бо воситаи сарғаҳи Зарафшон ба ҳудуди Ҳисор гурехтанаш, кандааст. Сабаби иштибоҳи Бобур шояд дар он бошад, ки ӯ асари худро баъди якчанд соли тарк намудани Мовароуннаҳр, дар Ҳиндустон навишта, воқеаҳои солҳои гуногунро низ ҳам тасвир намуда натавонистааст, чунки Бобур рӯзнома надошт, ки воқеаҳои ҳаррӯзаро зикр намояд.

PDF Compressor Free Version

Хатти рӯи санг аз деҳаи Оббурдон ягона матнест, ки то ҳол аз мероси бо дасти худи Бобур навишташуда пайдо шуд. Аз рӯи хабаре, ки доир ба ин хат дар «Бобурнома» зикр ёфтааст, муаллифи ин сатрҳо соли 1953 ба кофтукоби он ба Масчоҳ рафта, сангро дар ҳамон ҷое, ки онро Бобур дар асараш тасвир кардааст, пайдо намуд. Хатти рӯи санг аз беаски аввалин ва то ҳоло охирин автографи Бобур мебошад, диққати натанҳо олимони советӣ, балки ҷаҳониро низ ба худ ҷалб намуд. Маълумотҳо ва мақолаҳо доир ба ин санг дар матбуоти зиёда аз 40 давлати ҷаҳон чоп шуд. Ин санг соли 1960, дар рӯзҳои кори конгресси XXV шарқшиносони дунё дар намоишгоҳи университети давлатии Москва ба номи М.В.Ломаносов ва соли 1985 дар Эрмитажи Ленинград, гузошта шуд.

Ҳоло ин санг дар шӯъбаи таърихи асрҳои миёнаи АФ Тоҷикистон маҳфуз аст.

Дар ҳудуди деҳаҳои Оббурдон ва Шамтич якчанд хатҳои рӯи санг пайдо шуданд, ки аз рӯи сана, имзо ва ҳусни хат тахмин мераванд, ки бо дасти Бобур Мирзо низ канда шудаанд. Ӯ дар ин макон на як маротиба балки ду маротиба - дар соли 907, ки худ дар асараш «Бобурнома» хабар додааст ва дар соли 917 ҳиҷрӣ сарпаноҳ ёфтааст. Дар бораи сафари дувуми Бобур матни болоӣ бо санааш гувоҳӣ медиҳад.

Ҳангоми сафари якуми худ дар соли 907 ҳиҷрӣ (1501-1502) Бобур Мирзо, ки ҷавон ва ҳаваскор шеъргӯӣ намекард, ба рӯи сангҳо байтҳои зебои Ҳофиз ва дигар шоирони маъруфи форсу-тоҷикро кандааст. Яке аз байтҳои кандаи ӯ аз ҳудуди қабристони деҳаи Шамтич:

*Кофаро, мардумшикоро, як замон оҳиста тоз,*
*К-оҳуи бечораро бо тири найкон кор нест.*

Дар шахи байни қишлоқи Вешаб ва Шамтич чунин байтро соли 907 хичрй Бобур кандааст:

*Дило маош чунон, ки гар билағжад пой*
*Фариштааш ба ду дасти дуо нигаҳ дорад.*

PDF Compressor Free Version

Дар шахи байни қишлоқҳои Вешаб ва Шамтич чунин байтҳо рўйнавис шудаанд, ки соли 907 хичрй бо дасти Бобур канда шудааст:

*Ба ҳеч ёр мадеҳ хотиру ба ҳеч диёр,*
*Ки бару баҳр фароғ асту одамй бисёр.*
*Гарат ҳазор бадеъ ул-чамол пеш ояд,*
*Бубину бигзару хотир ба ҳеч кас маспор.*

Ин байтҳо дар замони Бобур Мирзо байни аҳли илму адаб маъруф будаанд. Бе сабаб нест, ки муаррихи маъруф, яке аз наздикони ў - Хондамир дар асараш «Хаби-ас-сияр» байти аввали ин шеърро овардааст. Дар наздикии матни боло, дар рўи санги сари роҳ, Бобур Мирзо дар ҳамон соли 907 хичрй байти зеринро кандааст:

*Дареғи умр, ки бе рўи дўстон гузарад,*
*Хушо даме, ки бо ёрони меҳрубон гузарад.*

Кухистон барои Бобур роҳи гурез ва паноҳгоҳи муваккатй буд. Дар ин макон ў интизори вақти мувофиқ барои ишғоли Самарқанд шудааст. Вале кўшишҳои Бобур натича набахшиданд. Баъди шикастхўрии саввўм ў бори дигар бо ёрии лашкари Эрон қасди Самарқанд карда буд. Вале баъди шикастхўрй дар назди Ғичдувон ў абадй тарки Осиёи Миёна намуда ба Ҳиндустон меравад ва дар ин чой давлати Темуриёни Ҳиндро барпо кард. Дар ҳамин мулк Бобур якчанд асар офаридааст - «Бобурнома», девони шеърҳо, рисола доир ба арўз ва кофия. Шеърҳои ба рўи санг дар Кухистони точик аз худ боқй гузоштаи Бобур, сарфи назар аз кўтоҳмазмунии худ, натанҳо мероси ўро пурра мегардонанд, балки як саҳифаи тарчимаи ҳоли ин шахси таърихй мебошад.

*Кӣ донад дар ин дайри кинасиришт,*
*Кӣ моро куҷо зери сар монда хишт.*
Абдураззоқи Самарқандӣ

## МАҲСУЛИ КАНАНДАГОНИ АСРҲОИ XVII-XIX

PDF Compressor Free Version

Охирин хатти бо дасти канандаи асри XVII сабт шуда ба соли 1592 тааллуқ дорад. Баъди он давраи таназзули ин санъат дар Кӯҳистон оғоз меёбад. Тақрибан дар давоми як аср ба рӯи қабрҳо гузоштани сангҳои хатнок қатъ мегардад. Анъанаи ин санъати қадимаро танҳо дар шаххо ва сангҳои сари роҳ дидан мумкин буд. Матни асрҳои XVII-XVIII кӯтоҳмазмун буда бештар ба забони тоҷикӣ канда мешуданд. Яъне истеъмоли забони арабӣ дар ин асрҳо хеле маҳдуд мешавад.

Чанде аз катибаҳои асри XVII ба қалами Ёқуб ном кананда тааллуқ дорад. Соли 1636 ӯ дар санги гирд, ки дар соҳили чапи дарёи Масчоҳ, дар назди Пули Кӯҳнаи Оббурдон воқеъ аст, чунин матнро муносиб дидааст:

*Шабе, ки нола кушоям зи бедимоғии даҳр*
*Худо агар шунавад, бедимоғ мегардад.*

Дар худи ҳамин сол Ёқуб дар сари роҳи деҳаҳои Шамтичу Оббурдон чунин матнро кандааст:

*Ҳарчанд (пир) гаштаем, эй аҷал, бирав,*
*Мо бе ризои дӯст ба кас ҷон намедиҳем.*

Аз имзои зери матн гузоштаи Ёқуб маълум мешавад, ки ӯ писари Муҳаммадшоҳи Оббурдонӣ будааст.

Дар рӯи санги гирд, ки Ёқуб хатти аввали худро кандааст, канандаи номаълум чунин матнро соли 1714 илова кардааст.

*Он яке дарвешу дигар подшоҳи кишвар аст,*
*Вақти мурдан ҳардуро хишти лаҳад рӯ бар сар аст.*

Ин ибораи маъруф буда аз тарафи баъзе шоирон дар вариантҳои гуногун гуфта шудааст. Масалан, Ғании Кашмирӣ гуфтааст:

PDF Compressor Free Version




خط شاه عبدالله در «حاشية» متن عصر ۱۵.

Хати Шоҳ Абдулло дар «ҳошияи» матни асри XV.

*Иззати шоҳу гадо зери замин яксон аст,*
*Мекунад хок барои ҳама кас ҷо холӣ.*

Яке аз канандаҳои асри XVIII Мирак писари Мир Саидшариф буд. Ӯ аз худ якчанд байт боқӣ гузоштааст. Дар яке аз сангҳои сари роҳи Устонак-Шамтич, соли 1744 Мирак чунин матнро кандааст:

PDF Compressor Free Version

*Ҳар кӣ аз фарзанд помолӣ маломат мешавад,*
*Чун садаф бишкаст, об аз лахти гавҳар меравад.*

Мирак дар кандани хатти рӯи санг шояд таклидкори падараш бошад. Чунки падари ӯ Мир Саидшариф ҳанӯз соли 1728 ба рӯи ҳамон санги сари роҳ матнеро барои ёдоварӣ (ба қавли худаш) канда буд (Мутаассифона, ин матн осебе ёфта пурра хонда нашуд).

Соли 1761, яъне баъди 17 соли матни аввал, Мирак дар рӯи санг чунин матнро, кандааст:

*Дар дили халқ, ҷои холӣ нест,*
*Боғбони муҳаббат - зебоист.*

Яке аз канандаҳои ҳаваскор, вале хушхати асри XVIII Шоҳ Абдулло ном дошт. Аз маҳсули дастони ӯ якчанд матнҳои кӯтоҳмазмун дар сангҳои сари роҳ ва шахи деҳаҳои гуногуни Кӯҳистон боқӣ мондааст. Ҳамаи онҳо тақрибан дар як муддати нисбатан кӯтоҳ канда шудаанд.

Соли 1773 Шоҳ Абдулло дар наздикии деҳаи Ревотмутк чунин байтро кандааст:

*Ҷамъ месозад ба доман ҳаст ҳар ҷо санги кӯҳ,*
*То занад бар шишаи ҷамъияти мо санги кӯҳ.*

Дар зери матни сари қабри канандаи асри XV Аловаддин (дар деҳаи Рочии Масчоҳ) Шоҳ Абдулло чунин матнро соли 1774 кандааст:

*Ҳар кӣ зод аз модари айём бояд мурданаш,*
*«Кулли нафси зоиқа» моро бар ин даъви гувост.*

Дар ҳудуди Узвор ном боғи деҳаи Пастиғав Шоҳ Абдулло соли 1775 чунин байти насиҳатомезро кандааст:

*Як даста гули димоғпарвар,*
*Аз хирмани сад гиёҳ хуштар.*

Шоҳ Абдулло соли 1776 дар санги сари роҳи байни кишлокҳои Вешаб ва Остонак чунин байтрро кандааст:

PDF Compressor Free Version

*Ҷу аз ҳаром нестӣ корвони арўси ҷаҳон,*
*Ҳазор шавҳар агар мекунӣ, ҳалолат бод.*

Дар кабристони кўҳнаи деҳаи Падроҳ ба санги рўи кабри шахсе, ки ҳанўз соли 1446 фавтидааст, Шоҳ Абдулло дар соли 1773 чунин байтро илова кандааст:

*Булбули хушхону хушилҳон аз ин олам бирафт,*
*Эй дарего, ин замон тору навое камтар аст.*

Маълум мешавад, ки кабри асри XV ҳамвор шуда, санги онро ба рўи кабри ҳофизи асри XVIII гузоштаанд. Шоҳ Абдулло бо як байти худ хизмати ҳофизи беномро, ба таври худ қайд кардааст.

Шоҳ Абдулло яке аз одамони аҳли саводи Куҳистони асри XVIII буда бо эҷодиёти классикони адабиёти форсу тоҷик шиносоӣ дошт. Шоҳиди ин шиносоӣ як байт аз эҷодиёти шоиру файласуфи тоҷик Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад, ки онро Шоҳ Абдулло дар яке аз ҷойҳои душворгузари назди деҳаи Вешаб кандааст:

*Як қадам роҳаст, Бедил, аз ту то домони хок,*
*Дар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушьёр бош!*

Дигар канандаи асри XVIII Муҳаммад Юсуф ном дошт. Хатти аз ў боқӣ монда аз хатҳои ҳамзамонони ин кананда бо он фарқ дорад, ки дар зери ду байти кандааш ба ғайр аз номи худ шаш нафар номи аҷдоди гузаштаашро низ илова кардааст. Муҳаммад Юсуф устоди хати настаълиқ буд. Ба ҳар ҳол дар рўи сангҳои Куҳистон хатте, ки аз хатти Муҳаммад Юсуф майдатар бошад, то ҳол пайдо нашудааст:

*Ман навиштам сарф кардам рўзгор*
*Ман намонам, хат бимонад ёдгор.*
*Ҳар кӣ хонад нусхаи хатти маро,*
*Ёд орад дар дуои худ маро.*

Дар зери силсилаи номҳои сабт кардаи Муҳаммад Юсуф санаи 1189 ҳиҷрӣ (1775-1776) гузошта шудааст.

Яке аз шаш номҳои дар ин матн кандаи Муҳаммад Юсуф зери матне дучор омад, ки онро ҳанӯз соли 1760 дар назди деҳаи Ревомутк канда буданд:

*Носаҳеҳе ҳам гӯянд хубон дили ман, (?)*
PDF Compressor Free Version
*Эй Худо, аҳлаш бидеҳ бо ин дили ман.*
*Бахте дорам сиёҳ чун санг,*
*З-ин воқиа гаштаем дилтанг.*

Ракамӣ Мир Ёқуб, сана 1174 (1760-1761).

Баъзе аз канандаҳои асри XVIII матни асрҳои гузаштаро такрор ба такрор ба рӯи сангҳо кандаанд. Масалан, байти болои Бедил дар се ҷой дучор меояд. Байти зерин низ ба рӯи сангҳои гуногун се маротиба канда шудааст:

*Ҳар кас ки бар ин маком расад ёд кунад,*
*Аввал сухани гузашта бунъёд кунад.*

Сана 1091 ҳиҷрӣ (1679-1680), símана Неъмат бинни Муҳаммадшоҳ.

Дар асри XIX Исмоил ном кананда якчанд хати рӯи сангҳо аз худ боқӣ гузоштааст. Дар рӯи кайроксанги сари қабри падараш Хоҷимақсуд, ки соли 1819 вафот кардааст, Исмоил чунин матнро муносиб дидааст:

*Қутби даврон, он имоми олимон,*
*Рафт бо нури таҷаллӣ аз миён.*
*Аз паи таърихи ӯ ҷустам хабар,*
*Равнақи ислом рафта аз миён.*

Аз чанд хатҳои гуногунмазмун - порчаҳо аз эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедилро, дар рӯи санги калони назди чашмаи Шоробхи Поёни деҳаи Оббурдон рӯйнавис карда будем. Санаи зерини яке аз ин матнҳо 1860 аст. Аз рӯи ҳусни хат якин гуфтан мумкин, ки дигар хатҳо ҳам ба ҳамин сана наздик мебошанд. Котиби хат номи худро ногузошта аст. Вале ӯ матнҳои интихоб кардаашро бо чунин мисраҳо хатм кардааст:

*Эй он ки туро ғами ҷалолу ҷоҳ аст,*
*Андешаи боғу хирману хиргоҳ аст.*

*Мо сӯхтагони дорӣ ҳиҷронем,*
*Моро ғами ло илоҳ иллаллоҳ аст.*

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки кананда ба синфи доро муроҷиат намуда онҳоро ҳамчун шахсони хасис, парастори молу мулки шахсӣ маҳкум намуда, гуфтааст, ки шахсони бе чизу чора, яъне камбағалон, умеди худро танҳо ба худо баста метавонанд. Худи кананда ҳам ба қатори ҳамин навъ шахсони мӯҳтоҷ дохил мешудааст. Чунки ӯ анъанаи ҳазорсолаи канандаҳои Кӯҳистонро шикаста, номашро зери матн, шояд аз тарси ҷонаш бошад, нагузоштааст.

PDF Compressor Free Version

Матнҳои рӯи санг, мисраҳо аз Ҷомӣ, Бедил ва дигарон:

*Хатеки аз қалами манеъ бар ҷабин афтод,*
*Куҷо ба сад арақ сайъ метавон шустан.*
*Ҷомӣ, макун андеша, ки тағйир наёбад,*
*Дар рӯзи азал ҳарчӣ муқаррар шуда бошад.*

(Мисраи дуввум дар куллиёти Ҷомӣ, чопи Тошканд, соли 1905, ба таври зайл омадааст: «Дар ҳукми азал ҳарчӣ муқаррар шуда бошад»).

*Наҷӯ, Бедил, илоҷи сарнавишт аз гиряву ҳасрат,*
*...Бода душвор аст шустан хатти соғарҳо.*
*Ба андак саъй нақш аз санг зоил метавон кардан,*
*В-лек ин чора натвон сохтан нақши ҷабинро.*
*Нақши маъкуси нигин аз саҷда мегардад дуруст,*
*Сарнавишти вожгунро рост месозад намоз.*

Яке аз канандаҳон асри XVIII Мирбоқӣ соли 1755 дар сари кӯпруки деҳаи Дарғ чунин байтро кандааст:

*Ҳазор сол бимонад агар ҳазор-ҳазор,*
*Ба оқубат маликулмавт оядат ба дарат.*

Аз мазмуни ин байт пай бурдан мумкин аст, ки барои канандаҳои Кӯҳистон, махсусан дар асри XVIII, рӯҳияи пессимистӣ дар зиндагии фақиронаи онҳо ҳукмфармо будааст. Инро мо натанҳо аз байтҳои болой, балки аз байти зерин низ пай бурда метавонем:

*Айёми шодкомӣ дар зери осмон нест,*
*Ҷое расам, ки гардун болои сар набошад.*

Ин байт байни халқ маъруф аст, вале дар ин ҷо ӯ сана дорад, ки таърихи аз кадом вақт дар Кӯҳистон паҳн шудани онро нишон медиҳад. Дар ҳамин санг шахси дигар аз деҳаи Оббурдон байтҳои зеринро кандааст. Ин сангро аз ҷои кандаш ба деҳаи Шамтич оварда ба ҳавлии Мирмуҳаммад ном сокини он гузоштаанд:

*Дилам ба олами фано бурун занад ҳудро,*
*Чу моҳи, ки зи дарьё бурун занад ҳудро.*
*Дареғ он лаби майгуни ту, ки аз хатти сабз,*
*Чу ранги май, ки зи мино бурун занад ҳудро.*

Дар ҳавлии ҳамин шахс, ки шояд дӯстдоштаи хатҳои рӯи санг буд, санги дигар бо чунин матн маҳфуз аст:

*Баски омад ба ҷаҳон боди фано хоҳад буд,*
*Он ки пояндаву боқист худо хоҳад буд.*

Сана 1205 (1790-1791)

Ин байт низ дар гузашта маъруф будааст. Масалан, дар мақомоти шайх Ҳусайни Хоразмӣ мисраи аввали ин байт чунин омадааст:

*Ҳарки омад ба ҷаҳон аҳли фано хоҳад буд.*

Чӣ навъе, ки хонандагони азиз пай бурданд, хатҳои рӯи санг натанҳо дар шаху сангҳои сари роҳ, балки дар рӯи сангҳои даруни ҳавлӣ ҳам дучор мешаванд. Ба ғайр аз дар боло номбурдагон дар хонаи Саид Ҷамол ном сокини деҳаи Оббурдон, байти зерини Ҳофизро дар рӯи санг шахси номаълум соли 1795 кандааст:

*Боғи фирдавс латиф аст ва-лекин зинҳор,*
*Ту ғанимат шумар ин сояи беду лаби кишт.*

Як рубоии Умари Хайём ба рӯи санге, ки аз ҳудуди қабристони Оббурдон пайдо шуд, такроран канда шудааст:

*Афсус, ки сармоя зи каф берун шуд,*
*Аз дасти аҷал басе ҷигарҳо хун шуд.*
*Кас н-омад аз он ҷаҳон, ки пурсем хабар,*
*Аҳволи мусофирони олам чун шуд.*

Сана 1228 (1813).



PDF Compressor Free Version

Ин рубоӣ дар ибтидои асри XIX аз тарафи канандаи номаълум, мувофиқи мазмунаш, дар қабристон муносиб дониста шудааст.

Дар ҳудуди ҳамин қабристон соли 1812 байти зерин канда шудааст:

PDF Compressor Free Version

*Гунаҳгори андешанок аз худой,*
*Басо беҳтар аз обиди худнамой.*

Шоҳ Мир ном кананда соли 1823 дар шахи қисми шарқии деҳаи Ревомутк ба одати гузаштагон тақлид намуда, ин байтро кандааст:

*То тавонӣ ҷаҳонро ба шодӣ гузор,*
*На шодӣ бимонад, на ғам пойдор.*

Дар назди чашмаи хушманзари Шорохи Поёни деҳаи Оббурдон канандаи номаълум соли 1860 чунин байтҳоро бо хатти на чандон хоно кандааст:

*Он ки ба қаноат ошно шуд,*
*Аз файзаш хирманкушо шуд.*
*В-он ки раҳи ҳирс азм бинмуд,*
*Маҳҷур, тазаллул доманкушо шуд.*

Дар Кӯҳистон кандани матни насабнома (ё худ шаҷара) ба рӯи санг одат буд. Дар хонаи Шамсиддинхоҷа ном сокини деҳаи Оббурдон санге маҳфуз аст. Ба рӯи он чунин маълумотро кандаанд: Ин насабномаест, ки соли 1608 онро тартиб дода, соли 1916 матни онро аз рӯи коғаз ба рӯи санг кучонидаанд». Матни насабнома бо чунин байтҳо хатм шудааст (котиб Мирсаид Зикриёхоҷа бинни Мирсаид Оҳунхоҷа):

*Рӯзе ки марг домани умрам раҳо кунад,*
*Ин хоки тира банд зи бандам ҷудо кунад.*
*Ё раб! Нигоҳ дор ту имони к-он кас,*
*Ин хатти ман бихонад, бар ман дуо кунад.*

*Суханҳои доно, ки неку бувад,*
*Барад ҳар касе, боз бо ӯ бувад.*

**Асадии Тӯсӣ**

## ХАТҲОИ БЕСАНА

PDF Compressor Free Version

Як силсила байтҳои аз рӯи сангҳо гирд овардаи мо сана надоранд. Баъзеи онҳоро танҳо аз рӯи ҳусни хат ба ягон аср нисбат додан мумкин. Масалан, ду хатти рӯи санг аз мавзеи Аламӣ Аламиён, (наздикии мазори Хоҷа Мусо), ки ба пирлахи Зарафшон наздик аст, ба асри XV-XVI тахмин мешавад. Чунки кардуи матн ҳам бо хатти девонӣ канда шудаанд:

Рубоӣ

*Рӯзе, ки гузар кунӣ ту бар Пои Мазор,*
*Бошӣ меҳмон бо ҷумла, бо ақлу аёл.*
*...Фақири худро ҳам ёд кунӣ,*
*Бо хоҷаву бо ҷумла муқимони диёр.*

Дар хатти дигар номи яке аз деҳаҳои охирини Масчоҳ дар саргаҳи Зарафшон - Деҳ-Сабз зикр ёфтааст.



خطهای روی شخ

Хатҳои рӯи шах

*Ҳаргаҳ гузари ба Оламиёни Деҳ-Сабз,*
*Хушнуд шавӣ ту, зери хок гараз (?)*
*Чун бини гузаштагони ин манзилро,*
*ин сӯру маға.*

PDF Compressor Free Version
Дар санги сари роҳи Шамтичу Оббурдон чунин матн бо хатти зебои насталиқи ниҳоят хоно када шудааст.

*Чашми ибратбин чаро бар қасри шоҳон нангарад,*
*То чӣ сон аз ҳодисоте даври гардун шуд хароб.*

Ба ҳамин мазмун матнеро, ки шояд яке аз вариантҳои ин байт бошад, аз китоби қаламии сокини шаҳри Уротеппа навишта будем:

*Чашми ибратро кушову ҳоли шоҳонро нигар,*
*То чисон аз гардиши гардуни гардон шуд хароб.*
*Пардадорӣ мекунад бар тоқи қасри анкабут,*
*Ҷуғз навбат мезанад бар гунбази Афросиёб.*

Мактаббачагони деҳаи Шамтич, ҳангоми молчаронӣ дар қуллаи баланди кӯҳ, чунин матнро барои мо оварда буданд:

*Гар начотам, зинда дар гӯрам,*
*Ҷомае, ки аз фироқ чок шуда.*
*Гар бимурем узри мо бипазир,*
*Эй басо орзу, ки хок шуда.*
Раками Қори Қосими Шамтичӣ.

Дар Рарзак ном мавзеъ, ки байни роҳи кӯҳнаи деҳаҳои Разр ва Похут вокест, Масъуди Потухӣ ном кананда чунин матнро аз худ боқӣ гузоштааст:

*З-он қавм наям, ки тарсам аз дӯзахи зишт,*
*З-он тоифа нестам, ки бозам ба биҳишт.*
*Рав бар сари лавҳу бингар, устоди азал.*
*Ҳар неку баде навиштани буд, навишт.*
Роқим Масъуди Похутӣ.

Боз як хатти бе сана-рубоии зеҳни ниҳоят маъруфи халқӣ, дар рӯи санги назди деҳаи Похут, девори масчиди деҳаи Шавкати Поён ва дар рӯи яке аз сангҳои ҳудуди

районии Чирғатол[1] пайдо шудааст.

*Бикандам ман дар ин санги ягона,*
*Бимонад аз мани мискин нишона.*
*Агар пурсанд, ки ин мискин куҷо рафт,*
*Бигӯ бигрехт аз дасти замона.*

PDF Compressor Free Version



خط روی شخ

Хати рӯи шах.



خط مسعود باهوتی.

Хати Масъуди Похутӣ.

1 Матни рӯи сангро дар райони Чирғатол шикорчӣ Боғирқулов пайдо кардааст.

Соли 1982 археологи маъруф Ёқубов Юсуф аз деҳаи Рарзи ноҳияи Айнӣ санги хатнокро пайдо намуда оварда буд. Дар рӯи ин санг марсияи зерин сабт шудааст.

*Нест, эй сарви равон, вақти лаҳад хобиданат,*
*Дидаи равшан туй, дар хок натвон диданат.*
PDF Compressor Free Version *ай булбул, ба сад баргу наво,*
*Дар мақоми дигаре акнун, ки хоҳад диданат.*
*Зор мегирям аз ғам, то куҷо шуд он ки буд (?),*
*Ҳамчу гул дар рӯи ҳар кас доимо хандиданат.*
*Сар барор аз хок гулбонге бикун чун сӯфиён,*
*Орзу дорад сиришкам дар қадам ғалтиданат (?).*

Мутаассифона ин матни дилобкунанда сана ва номи канандаро надорад. Аз рӯи ҳусни хат ва санги начандон барои кандани хат ҳамвор, тахмин кардан мумкин, ки марсия ба муаллифи асри XVIII-XIX таалluқ дорад.

Як байти зерини ҳамин навъ бе сана ва бе номи муаллиф дар рӯи санги қисми шарқии деҳаи Ревомутк, канда шудааст:

*Ҷони танҳои ба ҷоми ин ғариб афтодааст,*
*Чора медонӣ чӣ бошад, ҳолӣ танҳои ғариб?*

Як байти бе сана аз рӯи санги Рарзак ном манзили деҳаи Рарз ёфт шуд, ки канандааш Абулбоқӣ будааст.

*Фаромӯшам макун, мақсудам ин аст,*
*Фаромӯшӣ на шарти дӯстон аст.*

Аз шаҳи байни Рувомутк ва Худгифи Поён ин байт хонда шуд:

*Онро, ки ғами ту ёр бошад,*
*Аз айши нишот ор бошад.*

Матн аз санги сари роҳи байни деҳаҳои Мадрушкат ва Табушна (кананда Ниёзмуҳаммад) ин аст:

Навишта ошуқи садрӣ ба маъшуқ,
Ки қачгардон бувад ошуқ ба маъшуқ.

Байтҳо аз санги сари роҳи деҳаи Шамтич:

*Бода нўшидан хушьёр нишастан саҳл аст,*
*Гар ба давлат бирасй, маст нагардй, мардй!*

*Гар наҷотам, зинда дар гўрам,*
*Гар бимирам, узри мо бипазир.*

PDF Compressor Free Version

*Ҷомае к-аз фироқ чок шуда,*
*Эй басо орзу, ки хок шуда.*

Рақами Қорй Қосими Шамтичй.
Хатти рўи санг аз деҳаи Оббурдон.

*Ёдгор аз мо дар ин манзил гами бисьёр монд,*
*Гарчй оташ рафт аммо дуд дар девор монд.*

Хатти рўи санг дар байни қишлоқҳои Остонак ва Шамтич:

*Ҳар он, ки ҷониби аҳли вафо нигаҳ дорад,*
*Худош дар ҳама ҳол аз бало нигаҳ дорад.*

Хатти рўи санги сари роҳи деҳаҳои Похут ва Шавкати Поён:

*Чун нек назар кунем дар хирмани умр,*
*Бозй-бозй, ягон-ягонро бубаранд.*

Тобистони соли 1985 бо даъвати муаллими деҳаи Катта-Эчи ноҳияи Фориш, вилояти Ҷиззахи Узбекистон, отряди археографии сектори таърихи асрҳои миёна дар ҳайати муаллифи ин сатрҳо, кормандони илмй Махсумов К. ва Бойматов Л. ба он ҷойҳо сафар намуда, аз кўҳу қабристонҳои атрофи деҳаҳои Катта-Эч, Синтоб, Хоят, Ухум, Андагин, деҳаи бо санги мармари худ машҳури Газғони ноҳияи Нурато ва дигар ҷойҳо, хатҳои зиёди рўи сангҳоро гирд оварда будем. Намунае аз ин хатҳоро, ки куллан ба забони тоҷикй дар асрҳои XVII-XIX канда шудаанд, пешкаши хонандагон мегардонем.

Хатти рўи санг аз Курғон ном манзили деҳами Катта-Эч:

*Рӯзу шабам мегурезад гофил*
*Нест яке раҳнамои комил.*
*Банда расида баҳори чиҳилсолагӣ,*
*Ин ки зи дастам нақши ҳаҷар дар чигил.*

PDF Compressor Free Version

Хатҳои рӯи санг аз Зеҳноки-Поён ном манзили ҳамон деҳа:

*Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,*
*Қаламкашро ба давлат мерасонам.*

*Навиштам хатти чап дар санги Зеҳнок,*
*Хатам монду худам рафтам тағи хок.*

Хат аз сои Пирвеш ном манзил:

*Гул аз боғи мақсуд чидан хатост,*
*Шикоят зи кӯтоҳдасти чарост?*

(Аз мазмуни ин байт пай бурдан мумкин, ки муаллифи он шахсе буда, ки аз оҳи факирон метарсидааст.)



خط روی سنگ سای پیرواش (ناحیهٔ فارش ولایت جزخ)

Хати рӯи санги сои Пирвош (райони Фориши вилояти Ҷиззах).

*Хат аз Кӯрғон ном мавзеъи деҳаи Синтоб:*
*Эй дил, губори молаи зор хуш аст,*
*Хуни ҷигару дидаи хунбор хуш аст.*
*Ғайр аз ғами ёр ҳама чиз ҳоҷат карди,*
*Ҳосили ҳама ҳеҷу шаби тор хуш аст.*

PDF Compressor Free Version

Хатти рӯи кабр аз деҳаи Ғазғон (санг шикастааст):
*Қадди алифат дидаму гуфтам «илоҳо!»*
*Нодида ҷаҳон дар бағали хок даромад.*
*........... аз чамани боғ баромад*
*Гулғунча шуду дар даҳани хок даромад.*

**Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор**
**Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор**
**Фирдавсӣ**

## ХАТТИ ДОРОИ МАЪЛУМОТИ ТАЪРИХӢ

Дар ҳаёти шахсӣ ё ҷамъиятии аҳолии Кӯҳистон воқеаҳои гуногун руй додаанд. Вале диққати канандаҳоро ободии мулкашон ҷалб накарда намемонд. Мо инро аз хатти рӯи сангҳо, ки дар онҳо таърихи ин ободи зикр ёфтааст, пай бурда метавонем. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки канандаҳо кӯшиш кардаанд, ки матни рӯи сангро ба силки назм кашанд.

Аввалин матни аз таърихи ободии Кӯҳистон ба мо хабар гузошта ба асри XVII тааллуқ дорад. Ин матн дар санги рӯи ҳавлии Оқилов ном сокини деҳаи Оббурдон канда шудааст:

*Таърихи бинои боғи чун хулди барин*
*Аз ҳиҷрати набӣ ҳазору сад (бишмор яқин).*

Яъне дар мавзее, ки ба тарафи дарёи Масчоҳ сарнишеб рафтааст, боғеро бино карда буданд, ки соли 1688 ободии онро сокинонаш ба ҷаннат нисбат додаанд.

Дар наздикии ҳамин боғ роҳи саргаҳи Зарафшон аз

болои Пули Кӯхна мегузашт. Дар санги сари пул кананда Шоҳ Абдулло таърихи таъмири онро соли 1775 абади гардонидааст.

Дар асри XVIII Муҳаммад Самеъ ном канандаи Оббурдонӣ бо настаълики ниҳоят зебо ба рӯи сангҳо хат мекан[illegible]ами ӯ тааллуқ дошта - «Таърихи бинои хавлӣ» дар зодгоҳи ин устоди хат мебошад.

PDF Compressor Free Version

Таърихи бинои ҳавлӣ:

*Рӯзе, ки ба лавҳи ҳастӣ ин нақш нишаст,*
*Аз ҳиҷри набӣ ҳазор буду саду шаст.*
*Он дам, ки равад ба хок Ёқуби ҳазин,*
*Мақсудаш аз ин ҷаҳониён фотиҳа аст.*

Аз ин матн маълум мешавад, ки Ёқуб ном сокини Оббурдон соли 1160 ҳиҷрӣ (1750-1751) ҳавлие бино намуда ба канандаи хушхат Муҳаммад Самеъ фармудааст, ки таърихи онро ба рӯи санг абади гардонад.

Ба ғайр аз ҳавлӣ, боғ ва пул, дар асри XVIII баъзе қисмати мушкилгузари роҳҳои Кӯҳистон васеъ карда мешавад. Ҳамин навъ роҳи хатарнок дар ғарбии деҳаи Ревотмутки Масчоҳ воқеъ буд. Соли 1204 ҳиҷрӣ (1789-1790) бо ташаббус ва харҷи Мулло Миршариф ном шахс ин роҳ як андоза ҳамвор ва васеъ карда мешавад. Баъди анҷоми кор дар шахи сари ин роҳ чунин матнро муносиб дидаанд:

*Гар ту донӣ канандаи ин роҳ,*
*Як дуо соз аз барои худо.*
*Аз Мулло Миршариф б. Мулло Миразиз,*
*Сайид аҷдоди он Алии худо.*

Сана 1204.

Тақрибан баъди 30 соли ин кор барои боз ҳам беҳтар намудани ҳамин қисмати роҳ эҳтиёҷ пайдо мешавад. Ин навбат, ташаббускори беҳтар ва ободтар гардонидани роҳ Мулло Мирашӯр ном шахс мегардад. Ба одати гузаштагони худ пайравӣ намуда, ин хизмати ба кӯҳистониён расонидаи ӯ ба шахи сари роҳ соли 1822 сабт мешавад:

*Дар ҳарами вилояти Масчоҳ,*
*Роҳ андохт ӯ бо амри худо,*

*Хат аз Кӯрғон ном мавзеъи деҳаи Синтоб:*
*Эй дил, губори нолаи зор хуш аст,*
*Хуни ҷигару дидаи хунбор хуш аст.*
*Ғайр аз ғами ёр ҳама чиз ҳоҷат кардӣ,*
*Ҳосили ҳама ҳеҷу шаби тор хуш аст.*

PDF Compressor Free Version
Хатти рӯи кабр аз деҳаи Ғазғон (санг шикастааст):
*Қадди алифат дидаму гуфтам «илоҳо!»*
*Нодида ҷаҳон дар бағали хок даромад.*
*............ аз чамани боғ баромад*
*Гулғунча шуду дар даҳани хок даромад.*

*Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор*
*Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор*
**Фирдавсӣ**

## ХАТТИ ДОРОИ МАЪЛУМОТИ ТАЪРИХӢ

Дар ҳаёти шахсӣ ё ҷамъиятии аҳолии Кӯҳистон воқеаҳои гуногун рӯй додаанд. Вале диққати канандаҳоро ободии мулкашон ҷалб накарда намемонд. Мо инро аз хатти рӯи сангҳо, ки дар онҳо таърихи ин ободи зикр ёфтааст, пай бурда метавонем. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки канандаҳо кӯшиш кардаанд, ки матни рӯи сангро ба силки назм кашанд.

Аввалин матни аз таърихи ободии Кӯҳистон ба мо хабар гузошта ба асри XVII тааллуқ дорад. Ин матн дар санги рӯи ҳавлии Оқилов ном сокини деҳаи Оббурдон канда шудааст.

*Таърихи биноӣ боғи чун хулди барин*
*Аз ҳиҷрати наби ҳазору сад (бишмор яқин).*

Яъне дар мавзее, ки ба тарафи дарёи Масчоҳ сарнишеб рафтааст, боғеро бино карда буданд, ки соли 1688 ободии онро сокинонаш ба ҷаннат нисбат додаанд.

Дар наздикии ҳамин боғ роҳи саргаҳи Зарафшон аз

болои Пули Кӯхна мегузашт. Дар санги сари пул кананда Шоҳ Абдулло таърихи таъмири онро соли 1775 абади гардонидааст.

Дар асри XVIII Муҳаммад Самеъ ном канандаи Оббурдонӣ бо настаълики ниҳоят зебо ба рӯи сангҳо хат меканд. Яке аз хатҳои ба қалами ӯ тааллуқдошта - «Таърихи бинои ҳавлӣ» дар зодгоҳи ин устоди хат мебошад.

PDF Compressor Free Version

Таърихи бинои ҳавлӣ:

*Рӯзе, ки ба лавҳи ҳастӣ ин нақш нишаст,*
*Аз ҳиҷри набӣ ҳазор буду саду шаст.*
*Он дам, ки равад ба хок Ёқуби ҳазин,*
*Мақсудаш аз ин ҷаҳониён фотиҳа аст.*

Аз ин матн маълум мешавад, ки Ёқуб ном сокини Оббурдон соли 1160 ҳиҷрӣ (1750-1751) ҳавлие бино намуда ба канандаи хушхат Муҳаммад Самеъ фармудааст, ки таърихи онро ба рӯи санг абади гардонад.

Ба ғайр аз ҳавлӣ, боғ ва пул, дар асри XVIII баъзе қисмати мушкилгузари роҳҳои Кӯҳистон васеъ карда мешавад. Ҳамин навъ роҳи хатарнок дар ғарбии деҳаи Ревотмутки Масчоҳ воқеъ буд. Соли 1204 ҳиҷрӣ (1789-1790) бо ташаббус ва харҷи Мулло Миршариф ном шахс ин роҳ як андоза ҳамвор ва васеъ карда мешавад. Баъди анҷоми кор дар шаҳи сари ин роҳ чунин матнро муносиб дидаанд:

*Гар ту донӣ канандаи ин роҳ,*
*Як дуо соз аз барои худо.*
*Аз Мулло Миршариф б. Мулло Миразиз,*
*Сайид аҷдоди он Алии худо.*

Сана 1204.

Тақрибан баъди 30 соли ин кор барои боз ҳам беҳтар намудани ҳамин қисмати роҳ эҳтиёҷ пайдо мешавад. Ин навбат, ташаббускори беҳтар ва ободтар гардонидани роҳ Мулло Мирашӯр ном шахс мегардад. Ба одати гузаштагони худ пайравӣ намуда, ин хизмати ба кӯҳистониён расонидаи ӯ ба шаҳи сари роҳ соли 1822 сабт мешавад:

*Дар ҳарами вилояти Масчоҳ,*
*Роҳ андохт ӯ бо амри худо,*

*Ки бимонад ба олами фонй,*
*Зи Мулло Мирашур, то донй.*
Сана 1238.

Аз матнхои боло маълум мегардад, ки дар асри XVIII, махсусан дар нимаи дуввўми он, дар Кўхистон оромие рўй дода, сокинони он нисбатан осудавор ба сохтмони манзилгох ва боғу рохҳои худ машғул гаштаанд. Ин давра дар таърихи ин водй ба солхое мувофиқат мекунад, ки Масчох ва Фалғар тобеи мулки Уротеппа буданд. Мулки Уротеппа бошад, дар нимаи дуввўми асри XVIII давлати мустақил, нуфузнок ва аз нуқтаи назари харбй мустахкаме буд. Вай ба давлати хонигарихои Бухоро ва Хуқанд баробар шуда метавонист ва аз болои онхо ғалаба ҳам ба даст оварда буд.

Дар аввали асри XIX Кўхистон аз тарафи амири Бухоро забт шуда бошад, хам баъзан ин водй ба тобеияти мулки Уротеппа мегузашт. Кўхистон бо ин шахри бостонии точикон алоқаи чудонашавандаи иқтисодй дошт ва холо хам дорад. Дар ободии Кўхистон хунармандони Уротеппа махсусан наккошон хиссаи худро гузоштаанд. Холо хам дар дехахои Пастиғав, Дарх, Шамтич, Дар-Дар ва дигархо хонаву айвон, масчидхои кўхна боқй мондаанд, ки бо хунари устохои уротеппагй нақшу нигор ё панчаракори шудаанд.

Одатан таърихи сохтмони бинохо, номи устохои гилкор, наччору наккошхо дар сақфи бино навишта мешуд. Чунон ки аз матнхои боло хонанда пай бурд, кўхистониён одати худро доштанд - таърихи бинохои худро ба рўи сангхо сабт намуда дар даромадгохи он мегузоштанд.

Масалан, дар айвони масчиди дехаи Шаватки-Поён, дар рўи кайроксанг чунин матнро Сиддиқ ном кананад дар соли 1255 хичрй (1809-1810) сабт кардааст:

*Эй дил, биё зи ахли вараъ тамаъ боз кун*
*Як пардае аз тараннуми фазлаш ниёз кун.*
*Чои муборак аст, фарахноку файзбахш,*
*То метавон бобй ибодат боз кун.*
*Таърихи рўз худ ба Мусалло намуду гуфт:*
*«Дар масчиди Шаватк адои намоз кун».*

PDF Compressor Free Version

*Ғараз нақш аст, к-аз мо боз монад,*
*Ки дунёро намебинам бақое.*

Раками Сиддик.
Сана 1225.

Як байти охир, ки Сиддик соли 1225 ҳиҷрӣ ба рӯи санг кандааст, аз «Гулистон»-и Саъдӣ мебошад. Матни пурраи он чунин аст:

*Ғараз нақшест, к-аз мо ёд монад,*
*Ки ҳастиро намебинам бақое,*
*Магар соҳибдиле рӯзе ба раҳмат,*
*Кунад дар ҳаққи дарвешон дуое.*

Ин мисраҳои Саъдӣ дар байни аҳолии Мовароуннаҳр маъруф буданд. Ҳанӯз соли 1548 онро ба рӯи санги қабри зан, ки дар деҳаи Варғанзаи ноҳияи Китоби Ӯзбекистон фавтидааст, канда буданд.

Ин ду байтро соли 1233 ҳиҷрӣ (1818) мисгарон ба рӯи зарфе навишта, маҳсули худро бозоргир гардонидаанд (Ҳоло ин зарф дар Эрмитажи шаҳри С.-Петербург нигоҳ дошта мешавад).

Ҳаминро бояд кайд кард, ки дар ҳудуди ҳамон деҳаи Шаватки-Поён дигар хатҳо низ дастрас гардидаанд. Масалан, марсия ба вафоти Ҳуччоча хотун ном зан бахшида шуда дар ҳамин китоб чоп мешавад. Соли 1984 мо аз ҳудуди ҳамин деҳа қайроксанги асри XIII-ро пайдо намудем, ки он ба рӯи қабри табиб ва олими соҳаи дин гузошта шуда буд.

*Фикри рангинам кунад назри тиҳидастони шарқ,*
*Пораи лаъле ки дорам аз Бадахшони шумо.*

**Иқбол**

## ИНЪИКОСИ ОРЗУҲОИ ГУЗАШТАГОНИ МАРДУМИ БАДАХШОН ДАР РӮИ САНГ

PDF Compressor Free Version

Отряди археографии сектори таърихи асрҳои миёна борҳо ба ҳудуди вилояти мухтори Бадахшони кӯҳӣ сафар намуда санад ва катибаҳо гирд оварда, онҳоро дастраси аҳли илм гардонидааст.

Ҳарчанд, ки Бадахшон диёри пурасрор ва қадимист, сарчашмаҳои хаттӣ доир ба таърихи асрҳои миёна ва қисман нави ин диёр ниҳоят кам боқӣ мондаанд. Аз ҳамин сабаб ҳар як сатри маълумоти хаттӣ барои таърихи ин вилоят ба аҳамияти калони илмӣ соҳиб аст. Як намуди ин маъхазҳои таърихи-катибаҳо мебошанд, ки доир ба хариду фурӯши замин, эҳтиёҷмандӣ ба об ва кандани ҷӯйборҳо, ақидаи сокинони Бадахшон, эҳтиёҷмандии моддӣ ва маънавии онҳо, шаҳодат медиҳанд.

Катибаҳои Бадахшон мисли катибаҳои Кӯҳистони Фалғару Масчоҳ мазмунану шаклан кӯтоҳ буда аз ҷиҳати вазну қофия низ норасоиҳо доранд.

Ҳоло баъзе аз катибаҳои дар бойгонии сектори номбурда гирд омадаро манзури хонандагони гиромӣ мегардонем:

Хатҳои рӯи санг аз деҳаи Шидзи ноҳияи Рӯшон:

*Ки дар ёди туам бисъёр, бисъёр,*
*Фаромушам макун, зинҳор, зинҳор.*

Каминаи даргоҳ Қозӣ Хушҳолбек, сана 1764.

*Ишратобод исми ин манзил,*
*Шоҳгадо худ ба заиқ кард биҳил(?).*

*Аз лолаpухе гули суман мемонад,*
*Аз булбули хушнаво чаман мемонад.*
*Беҳ аз ҳама чиз нишони ҳар ҳарф гири,*
*Ман хок шавам /ин/ хати ман мемонад.*

*Ҳуснободи мулк маъмур аст,*
*Чашми душман ба роҳи ӯ кӯр аст.*

Хатти рӯи санг /сана 1780/ аз деҳаи Лангари ноҳияи Ишкошим:

*Л[illegible]убтар аз ҳарчӣ мехоҳӣ*
PDF Compressor Free Version
*Надорад дар латофат ҳеҷ айбе ғайри кӯтоҳӣ.*

Имзо: Ин хат аз дасти Наврӯзшоҳ /ном/ шоир таҳрир ёфта.

Хати рӯи санг аз деҳаи Боғев, дар санаи 1891:

*Санг бар санг задам то ба қиёмат монад,*
*Ба дуо ёд кунад ҳар гоҳ ин хатро хонад.*

Имзо: Саййид Муҳаммад ибни Шоҳзодаҳамид, аз варасаи Саййид Суҳроб.

*Хат аз деҳаи Танг /сана надорад/:*
*Онон, ки куҳан шуданд, онон ки наванд,*
*Ҳар як ба муроди хеш оянду раванд.*
*Ин кӯҳна ҷаҳон ба кас намонад боқӣ,*
*Мо ҳам биравему дигарон оянду раванд.*[1]

*Мардуме бошад, ки бошад шашинос,*
*То шиносад шоҳро дар ҳар либос.*

Хатти рӯи санг аз деҳаи Мотравн (водии Язғулом):

*Ғани ном дорам вале муфлисам,*
*Ба зоҳир тиллоеу, ба ботин мисам.*

Хатти рӯи санг аз деҳаи Калъаи Ҳусейн ноҳияи Дарвоз:

*Ҳардам аз дармондагӣ бар дари ту шоҳу гадо,*
*Хок бар сар карда мегӯяд, ки Султон Ҷурьадо.*

Хатти рӯи санг аз деҳаи Поршневи ноҳияи Шуғнон:

---

1. Ин рубоӣ варианти дигари рубоии Хайём аст, ки маъмултараш ин аст.
Онон, ки куҳан буданду онон, ки наванд,
Ҳар як паи якдигар якояк бишаванд.
В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,
Рафтанду равему боз оянду раванд.

*Сикка бар санг задам то ба қиёмат монад,*
*Ба дуо ёд кунад ҳар ки хатти мо хонад.*

Хатти рӯи санг аз деҳаи Паст-Хуф:
*Ғараз нақшест, к-аз мо боз монад,*
*Ки ҳастиро намебинам бақое.*

PDF Compressor Free Version

(Ин байти маъруфи Саъдӣ, ки дар боло ишора шудааст).
*Хат аз рӯи санги деҳаи Сиҷд:*
*Сайид Манзар, чаро дори ту нола?*
*Ба зоти поки Султон кун ҳавола!*

Хатти рӯи шах аз деҳаи Хоса:
*Дорам аламе бигӯям эй ҳамнафасон,*
*Беобии Хоса маро коҳиши ҷон,*
*Аз як падаре агар ду фарзанд шавад,*
*Дар мавсими обдиҳӣ шаванд душмани ҷон.*

Дар Помир ҳам ба девори хонаҳои истиқоматӣ ва қалъаҳо хат менавиштанд. Як намунаи хатти рӯи деворро ҳанӯз соли 1898 профессор А.А.Семенов авалин шуд аз девори Қалъаи Ванд ё Қалъаи Рохарв кучонда буд, ки ин аст:
*Даврон шикаст шишаи умед ба санг,*
*Аз дил садои нола дар ин кӯҳсор рафт.*
*Онҳо, ки рӯз давлати олӣ битофтанд,*
*Бо сад фиғону нолаи ҳунбор рафт.*

Дар ин байтҳо ҳаёти сокинони Бадахшон, эҳтиёҷмандии онҳо ба обу замин, ноумеди аз давррони куҳан ва умедҳои беҳтар гардидани зиндагӣ инъикос ёфтааст.

*Эй фалак шарме надорӣ дар дами хун рехтан,*
*То ба қай теғи аҷал хоҳӣ ба хун омехтан.*
/Аз катибаи қабри Исфандиёр, аз Боку/.

## ТАЪРИХИ НАБАРДҲОИ ХУНИН

PDF Compressor Free Version

Ҳамаи хатхое, ки дар ин китобча ҳамчун намуна оварда шуд, бо хоҳиши канандаҳо ё бо илтимоси шахсони алоҳида ба руи санг канда шудаанд. Ба тадқиқотчиён хатхое низ маълум аст, ки бо фармони тоҷдорон ба рӯи сангҳои роҳ ё шаххо сабт шудаанд. Яке аз куҳантарини ин хатҳо 29 декабри соли 1041 ба забони арабӣ дар шахи тангии Ворух, ноҳияи Исфара бо фармони ҳокими ин ҷой аз сулолаи хонадони Қарахониён - Муиз-ад-давла Арсол-тегин Абдулфазл-ул-аббос ба забони арабӣ канда шуда-аст. Мақсади канандаи ин хат муайян намудани сарҳади қаламрави бародарон дар ду шаҳр - Хуҷанду Исфара, ҳукмрон шудагон буд.

Хатти дигарро дар ҳудуди Қазоқистони ҳозира, назди кӯҳҳои Олтин-Чуку канда буданд. Ин хат бо фармони Темурланг соли 1391, ҳангоми дуввум маротиба бар зидди хони Ӯрдаи-Тилло Тӯхтамишхон лашкар кашиданни ӯ сабт шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки Султони Тӯрон Темур бо дусад ҳазор лашкар ба қасди хуни Тухтамишхон рафта буд. Хат ба ду забон - арабӣ ва муғулӣ канда шуда, онро соли 1935 олимон ба Ленинград бурдаанд ва ҳоло ин санг дар Эрмитаж маҳфуз аст.

Мирзо Улуғбек пеш аз ҳамчун олим шӯҳрат ёфта-наш, ба тахти Самарқанд соҳиб шуда, мисли дигар тоҷ-дорон лашкаркашиҳо кардааст. Ӯ барои эмин нигоҳ доштани сарҳади Мовароуннаҳр бо ҳокимони Оқ-Ӯрда муборизаи дуру дароз мебарад. Оқибат соли 1422 ба Улуғбек муяссар гардид, ки бар сари тахти Муғулистон (як қисми ҳудуди ҳозираи Қазоқистон то сарҳади Хитой) дастпарварди худ Шермуҳаммадро шинонад.

Вале Шермуҳаммад бо тезӣ аз итоати Улуғбек саркашӣ намуда ба корҳои дохилии Мовароуннаҳр дахл мекунад. Ин навъ худсарӣ ба Улуғбек писанд наомад ва ӯ боз ба тарафи Муғулистон лашкар кашид. Ин муҳориба

аз моҳи феврали соли 1424 то моҳи июни ҳамон сол тӯл кашида бо ғалабаи Улуғбек анҷомид. Ӯ бо ду санги яшм, ки ҳоло дар Самарқанд аст, аз Муғулистон баргашта ба Илон-Ӯтӣ ном манзиле, ки байни шаҳри Ҷиззах ва деҳаи Сой-Бӯи воқеъ аст, расид. Дар ҳамин макон Улуғбек фармон дод, ки дар рӯи санги тангии ду кӯҳ, хотеро канда таърихи
PDF Compressor Free Version
лашкаркашиаш ва ғалабаи ӯро абадӣ гардонанд. Канандаи устокор мувофиқи фармони подшоҳ чунин матнро нақш баст: «Ба тавфиқи бори иззу сима ҳазрати султони азим маликулламал... Султон Муъиниддин Улуғбеки курагон... ба вилояти Четтӣ ва Муғул нехзат фармуд ва дар он диёр аз он қавму диёре бигзашт, дар санаи ҳаштсаду бисту ҳашт (ноябри 1424 - октябри 1425).» Ин хат соли 1870 дастраси шарқшиносҳои рус гардида онро ба чоп ҳозир намуданд.

Аз ин сана зиёда аз 150 сол гузашта буд, ки ба тахти Мовароуннаҳр Абдуллохони шайбонӣ нишаст. Ӯ ҳам лашкаркашиҳои зиёде кардааст. Яке аз душманони Абдуллохон сардори қирғизу қазоқҳо Бобохон бинни Бароқхон буд. Абдуллохон баъди ишғоли Уротеппа бар зидди Бобохон лашкар кашид. Шаҳри Тошканд ба дасти Абдуллохон гузашт. Бобохон бошад ба тарафи ҳамон кӯҳҳое, ки Темурланг хатти рӯи сангро гузошта буд, ақибнишинӣ намуд. Абдуллохон ӯро таъқиб намуда ба Улуғтоғ расид, бо матни рӯи санги он ҷой шинос шуд ва фармон дод, ки ба мисли сангтӯдаи бо фармони Темур бино карда, лашкари ӯ ҳам санг ҷамъ намуда сангтӯдаи дигар бино кунад ва дар болои он ба рӯи санг таърихи лашкаркашидани Абдуллохонро абадӣ гардонанд. Фармон иҷро мешавад. Вале ин санг ҳанӯз пайдо нашудааст. Эҳтимол душмани Абудллохон - Бобохон ё ворисони ӯ ин сангро нобуд ҳам карда бошанд.

Баъд аз ҷангҳои шадид ливои зафар насиби Абдуллохон гашта Бобохон кушта мешавад. Абдуллохон ҳамон маконе, ки бо фармони Улуғбек ба рӯи санг хат канда буданд - Илон-Ӯтӣ мерасад ва ба одати гузаштагон пайравӣ намуда фармудааст, ки матни зеринро барои хотира кананд:

«Бар замоири бодилпаймоён ва хотири роҳравони манозили бару баҳр возеҳ ва лоеҳ бошад, ки дар таърихи

нухсаду хафтоду нух (1571-1572) миёни навоби хилофатмакон зилли субхонӣ олихоқон - Абдуллохон ибни Искандархон бо си хазор нафар марди чангӣ бо наввоб Дарвешхон ва Бобохон ибни Барокхон ва соири авлоди наввоби мазкур ба чамъи бародарон то панчох нафар султон, чахорсад хазор лашкари Тошканду Туркистон ва Фарғонаву Дашти-Кипчок дар мақоми миёхӣ чанг воқеъ шуд.
PDF Compressor Free Version
Наввоби сохибкирон ғолиб омад, салотини мазкурро мағлуб карда чанд чон лашкар ба қатл расонид, ки аз нафари кушта гашта то як мох дар чӯйбори Дизак хун ба хели об мерафт, то маълум буда бошад».

Ин хат хам аз тарафи шаркшиносхои рус дар як вакт бо хатти Улуғбек кӯчонида ба чоп хозир шудааст.

Бояд гуфт, ки дар ин матн микдори кушташудагон шояд каме муболиға дошта бошад. Вале хакикати хол дар он хувайдост. Ин хам бошад, хунрезии бе хадду канор, катли асирони бегунох, ки як мох хуни онхо оби софу равони дарёро хунин гардонидааст.

Одати абадӣ гардонидани амалиёти подшохон ба амирони Бухоро аз хонадони сулолаи Манғития низ хос буд.Мувофики маълумоти маорифпарварӣ бузурги точик Ахмади Дониш амири Бухоро Шохмурод (1785-1800) дар идоракунии давлат якчанд ислохот гузаронидааст. Барои ин ки ин чорачӯии мукаррарии давлатдорӣ абадӣ гардонида шавад, Шохмурод фармудааст, ки мазмуни ислохотро ба рӯи санг канда, ин сангро дар даромадгохи масчиди чомеъи Бухоро мазбут гардонанд. Ин санг то замони мо нарасидааст. Матни хатро мо аз навиштахои Ахмади Дониш манзури хонандагон мегардонем. (Ниг. Ахмади Дониш., Асархои мунтахаб, Душанбе, 1959, с.24).

«... дар айёми Шахзода ва давлати падари худ (амир Дониёл - А.М.) хама завоид ва бидаъ ва олук ва солукро аз ракабаи халк бардошта нашри маосири адл ва эхсон намуд. Ва аксари душманони дину давлатро кахр кард. Ба масчидхо имом ва муаззин насб намуда, авкофи ботилшударо чори кард ва сичиллоти онро тачдид фармуд ва васиятнома дар санг навишт, ки «баъд аз ин аз хуккоми Бухоро аз раъия олук ва солук гӯён чизе нагиранд ва вазъ накунанд ва аз кайлу тарозу ва паймона ва тарикаи ришва

чизе наситонанд. Ва агар касе ин чунин кунад фаалайҳи лаънатуллоҳи валмалоикати ванноси аҷмаин (бар вай лаънати худо, фариштаҳо ва тамоми халқ бод). Ва ин санги мухаттатро дар айвони тоқи ҷомеъи бузурги Бухоро мустаҳкам гардонид».

Як сабаби то замони мо омада нарасидани санги катибаноки замони Шоҳмурод шояд дар он бошад, ки на дар замони ӯ ва на ворисонаш баъдҳо ҳам аз рӯи ин ислоҳот амал накарда, мисли пештара худсарона аз халқи мазлум андозҳои зиёд ҷамъ мекарданд. Онҳо ба ҳамин васила сангро, ки аз қоидаву қонуни муайян хотиррасон мекард, нобуд кардаанд.

PDF Compressor Free Version

Хатҳои бо амри подшоҳон дар рӯи сангҳо сабт шуда натанҳо сарчашмаи нодири таърихи буда, воқеаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъияти гузаштаро ба мо расонидаанд, балки ҳукмномаест, ки золимӣ, хунрезӣ ва дигар кору бори ҳар қадоми онҳоро дар чашми муосирон маҳкум менамоянд.

*Навиштам ман дар ин девори хона,*
*Бимонад аз мани мискин нишона.*
*Агар гӯянд, ки ин мискин куҷо рафт,*
*Бигӯ бигрехт аз дасти замона.*

**Халқӣ**

## ХАТҲОИ ДЕВОР

Аввалин шахсе, ки ба ҷамъ кардани катиба ва хатҳои девори Кӯҳистон шурӯъ намуд, сокини шаҳри Самарқанд Мулло Абдураҳмон буд. Ӯ соли 1870 ҳамроҳи қӯшуни русҳо ба сифати тарҷимон бо соргаҳи Зарафшон сафар намуда бо ташаббуси кишваршиносони рус рӯзномаеро бо номи «Рӯзномаи экспедицияи Искандаркӯл» тартиб додааст. Хатҳои зерини деворҳои хона, меҳмонхона, қалъаҳо ва ғайра, ки аз моҳи апрель то июни соли 1870, дар ҳамин рӯзнома гирд оварда шуда, пешкаши хонандагон мегардад.

Аҳамияти нашри ҳозираи ин хатҳои дар он аст, ки иморату қалъаҳои дар «Рӯзнома» номбар намудаи Мулло Абдураҳмон то замони мо нарасидаанд, хонаҳо аз нав обод ва қалъаҳо аксар ҳамвор гаштаанд. Мазмуни хатҳои соли 1870 гирдомада набзи пурҳарорати мардуми Кӯҳистон, мушкилоти ҳаёти онҳо, бехосилӣ, гуруснагӣ, ноумедии онҳо аз зиндагӣ, шикоят аз мансабдорон, мурочиати имдодталабонаи онҳо ба худо, ифода ёфтааст.

PDF Compressor Free Version

Хулоса, мо аз хатҳои девори то замони мо норасида намунаи эҷодиёти мардуми водии Зарафшон, афкори иҷтимоӣ, орзую ақидаи гузаштагони худро дар арафаи забти Кӯҳистон аз тарафи Русия дида метавонем.

Баъзе аз ин матнҳо такрори хатҳои рӯи санг мебошанд, ки далели васеъ паҳн шудани як мазмун матн дар байни аҳолӣ мебошанд.

Муаллифони матнҳои девор аз эҷодиёти классикони адабиёти форсу-тоҷик васеъ истифода кардаанд, ки ин ҳам бошад далели дараҷаи маълумотнокии Кӯҳистониён ва паҳншавии мероси бузургони адабиёт дар ин макон мебошад.

Баъзе аз муаллифон зери матни навиштаи худ сана гузоштаанд. Ин кор барои омӯхтани таърихи байтҳо дар эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик аз аҳамият холи нестанд.

Рақами Мирабдулло ибн Абдулқодир ибни Абдураҳмон. Санаи 1224 (1809-1810). Аз девори хонаи Қозихоҷа сокини деҳаи Оббудрон.

*Оинаст бар сари роҳи одам ҷаҳон,*
*Ҳар кас расид, қаҷд нигоҳу ру гузор аст.*

***

*Зинда аст касе, ки дар диёраш,*
*Монад хулқе ба рӯзгораш.*

Рақами Мулло Ҳасани бечораи хоксор.

Санаи 1287 ҳ. (1870). Аз девори масҷиди деҳаи Кштут.

*Шаби маҳтоб дар оғуши мардони дилрабо гум,*
*Гиребоне, ки ӯ домон надорад, чист эй мардум?.*

Рақами Мирзо Салими Варзкандагӣ. Сани 1287 ҳ.(1870).

Аз девори масҷиди қиш. Кштут.

*Дунё чи ҳои бе баҳо мебинам,*
*Худро зи ғарибони худо мебинам.*
*Шахсе дидам, ки молу ҳоруи дорад,*
*Дар хонаи охират гадо мебинам.*

Аз девори калъаи Урмитан.

PDF Compressor Free Version

*Абр омаду боз бар сари сабза гирист.*
*Бе бодаи арғувон намебояд зист.*
*Ин сабза, ки имрўз тамошогаҳи мост,*
*То сабзаи хоки мо, тамошогаҳи кист!*

* * *

*Хат дар вараҳи даҳр бимонад сад сол*
*Бечора навиасанда, ки дар хок равад.*

Раҳами Мулло Абдураҳмонбеки чебачӣ. Аз девори калъаи Урмитан.

*Онро, ки хонд, ҳеҷ даст дар миён набуд*
*В-онро ки ронд, ҳеҷ гуноҳе накарда буд.*

Раҳами Мулло Асрори хоксор. (Аз девори калъаи Урмитан).

*Худовандо! Шабамро рўз гардон,*
*Чу рўзам дар ҷаҳон имрўз гардон*
*Шабе дорам сиёҳ аз бахти умед,*
*«Сияҳрўям» бигардон ҳамчу хуршед (?)*
*Раҳами Аҳмад Хоҷа.*
*Зинҳор дар ҷаҳони фонӣ,*
*Ғамнок мабош то тавонӣ.*

* * *

*Хашм агар чашм шавад теғи дудам, хомуш,*
*Макушо лаб, ки наёби ҳунар беҳтар аз ин.*

Аз девори хонаи Мулломуҳаммад аз деҳаи Шамтич.

*Навиштам ман дар ин девори хона,*
*Бимонад аз мани мискин нишона.*
*Агар гўянд; ки ин мискин куҷо рафт,*
*Бигу бигрехт аз ҷабри замона.*

Аз девори масҷиди деҳаи Шаватки Поён.

*Дар дашти Карбалло набуд инчунин шамол,*
*Умрам басарди сарф шуд, акнун баҳор шуд.*

Рақами Мулло Абдулло, Аз девораи қалъаи Варзиманор.

PDF Compressor Free Version

*Б[illegible] ҳасрати диёр макун*
*Ҷилои оинаи хеш пурғубор макун.*

***

*Бе мо дар ин рузгор,*
*Бируяд гул, бишкуфта навбаҳор*

Рақами Мулло Абдулло, Аз девори қалъаи Варзиманор.

*Тарсам, ки ман бимираму ғам бе падар шавад,*
*Ин тифли нозпарвари ман дар ба дар шавад.*

***

*Фарёд зи дасти фалаки ҷома кабуд,*
*Ёрони маро ягон, ягон омаду бурд.*

***

*Боғи фирдавс латиф аст, валекин зинҳор,*
*Ту ғанимат шумур ин сояи беду лаби кишт*
*(Ҳофиз).*

Рақами Авез Муҳаммад, аз девори қалъаи Варзиманор.

*Намозро бигзору, ниёзро дарёб,*
*Ҳазор раҳмати ҳақ бар намоз гузор.*
*Рақами Аҳмадхоҷа, аз қалъаи Варзиманор*
*Шунидам, ки ҷуғзе ба оҳанги ҷом,*
*Ҳамегуфт дар боми қасри шаҳон;*
*«Чи сози пайғамбари олам шитоб,*
*Бинои ҷаҳон аст охир хароб».*

***

*Ба даври лабат лаъл қимат надорад,*
*Ба пеши рухат гул назокат надорад.*
*Пари чеҳраеро, ки ошиқ набошад,*
*Чу пайғамбаре дон, ки уммат надорад.*

Аз девори қалъаи Урмитан.

*Давлати гетӣ, таманно кунад*[1]
*Бо ки вафо кард, ки бо мо кунад?*
*Бӯи вафо нест дар ин хокдон,*
*Магзи бақо ҳаст дар ин устухон.*

* * *

*Аз хона баромадем, оҳе кардем,*
PDF Compressor Free Version
*Сӯи ватани падар нигоҳе кардем.*
*Гулҳои ватани падар шукуфтан гирад,*
*Бе ақл будем худро мусофир кардем.*

(Ракими Мирзо Турдӣ. Аз девори масчиди калъаи Киштут).

*Умрам гузашт бар бандагӣ,*
*Зад бар дили ман зиндагӣ.*
*Мурдем, ки чун аз гушнагӣ,*
*Ёраб гуноҳи ман чӣ буд?*

* * *

*Мардум ҳама ҳайрон шуданд,*
*Аз дасти нон гирён шуданд.*
*Аз гушнагӣ сарсон шуданд,*
*Ё раб гуноҳи ман чӣ буд?*

(Ракими факири хакир Мулло Турдӣ. Аз девори масчиди Киштут).

*Хез берун кун ту аз дил кирдигори ин ватан,*
*Сахт таъсир кард бар ман гурбатободи ватан.*
*Дар гарибӣ қадри соҳиб чавҳарафзун мешавад*
*Чун гуҳар то чанд ҷо дар зулматободи ватан.*

* * *

*Шоди агар хоҳи ту Маҷнун шав ба дашти бехудӣ,*
*Ҳама шаб тарк шавӣ ногаҳ, ту ношоди ватан*
*Надди ёр шоми гарибӣ соли боли ҳумост,*
*З-ин сабаб бояд ба хотир ҳаркуҷо ёди ватан.*

Аз мехмонхонаи Куканбой дар дехаи Вешканд.

*Коху равоку сигаву айвон гузоштанд,*
*Кошонаҳои сарбафалак барнигоштанд.*

1. Шеъри вайроншудаи Саъдӣ

*Инҷо барои он ки даме, соате дар ӯ,*
*Бо дӯстон нишастанд, дил шод доштанд.*
*Дар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,*
*Ба ҷуз накуи дигар намонад дигар.*

Раҳими Азизхоҷаи Ҳадишаҳрӣ, аз девори калъаи Варзиманор.

PDF Compressor Free Version

*Эй он ки маро зи оби гил сохтаӣ,*
*Дар вартаи меҳнату ғам андохтаӣ*
*Махлуқи туам, баргиру во магзор,*
*Товон ба кӣ мекунӣ, ки худ сохтаӣ.*

Аз масҷиди деҳаи Путхин.

*Оҳам, ки каҳкашони фалакро дуто кунад,*
*Ҷабраилро гузорад, арзи худ бо худо кунад.*

***

*Чу диле то наафтад дӯст қадри дӯст кай донад,*
*Шикаста устуғон донад ки қадри мумиёро.*

*Қозӣ ба қазо ноз, муфтӣ ба дирам,*
*Ғозӣ ба ғазо ноз, ҳоҷӣ ба ҳарам.*
*Шоҳон ба гумони сохт, мунъим ба дирам,*
*Мо ба ту ноз кунем эй худои олам!*

Аз девори Варзиманор.

*Барои зебӣ дастат дилшоди ман гулдаста овардӣ,*
*Дили булбул шикаста шохи гул бишкаста овардӣ.*
*На баҳри зебӣ дастам ту ба ман гулдаста овардӣ*
*Ба кӯят зулфи ман ду гул ба муштат баста овардӣ.*

Аз масҷиди деҳаи Зеробод.

*Гоҳ дар майхона гаштам, гоҳ кунҷи хонақо,*
*Гоҳ ину гоҳ вай, гардунраво кардам нашуд(?)*
*Гоҳ дар меҳробӣ масҷид, гоҳ дар тавфӣ мазор.*
*Даст бикшод аз карам, чандон дуо кардам нашуд.*

***

*Гар биҳиштам мудао мебуд, тақво кам бувад,*
*Имтиҳони раҳмате дорам, гуноҳе мекунам.*

* * *

*Агар аз асп афтад кас умеди зистан дорад,*
*Агар аз тоқи дил афтад, зи ҷояш бармехезад.*

Аз девори меҳмонхонаи деҳаи Шамтич. Сана 1314 ҳиҷрӣ (1896-1897)

PDF Compressor Free Version

*Дар ғарибӣ марг расад дар бадани ман,*
*Ов ки кунад гӯр, ки дӯзад кафани ман!*
*Тобути маро сӯи баландӣ бигузоред,*
*Шояд, ки расад бӯи ватан бар кафани ман.*

Аз девори меҳмонхонаи деҳаи Шамтич. Сана 1320 ҳиҷрӣ (1902-1903)

*Аҷаб иморати мардум писанди чеҳра кушод,*
*Ғаму кудурату андӯҳ мебарад аз ёд,*

Аз девори масҷиди деҳаи Зеробод

*Макаш сар зи пастӣ, ки овози об,*
*Ба қадри таназзул тараққӣ кунад.*

Аз девори калъаи Варзиманор

*Гилеми бахти касро бофтаанд сиёҳ,*
*Ба оби замзаму кавсар сафед натвон кард.*

Аз қурғони деҳаи Киштут

*Давлати гетӣ, ки тамоман кунад,*
*Бо ки вафо кард, ки бо мо кунад?*
*Бӯи вафо нест дар ин хокдон,*
*Мағзи бақо ҳаст дар ин устухон.*

Аз девори калъаи Урмитан

*Эй ҳамнафасон рӯзе маро ёд кунед,*
*Аз дасти аҷал нолаву фарёд кунед.*
*Гуянд, ки куҷо рафт он марди ғариб,*
*Гирён-гирён ба фотиҳа ёд кунед.*

* * *

*Дарего, ки бе мо дар ин рӯзгор,*
*Бирӯяд гулу бишкуфад навбаҳор.*

*Дар даҳр чунон зӣ, ки баъд аз мурдан,*
*Ангушт газидане ба ёрон монад.*

Рақами Аҳмад Хоҷа, сана 1257 ҳ. (1841-1842) Аз девори калъаи Варзиманор.

*Фасли навруз аст, булбул нолаи бисёр кун,*
*Рав ба бустон ҳасрати худро ба гул изҳор кун.*
*Эй сабо, вақти саҳар аз ту надорад гул ҳазар,*
*Он ситамгарро ту аз хоби гарон бедор кун.*

PDF Compressor Free Version
Рақами [illegible] Ҳадишахрӣ. Аз девори қалъаи Варзиманор.

*Расид аёми наврӯзӣ, мани маҷруҳ ношодам,*
*Зи баҳри он ки ояд рӯзҳои рафта дар ёдам.*
*Ба ҳар ҳоле ки дорӣ, шукр кардан воҷиб аст бар ман,*
*Дуоямро иҷобат кун, илоҳо рас ба фарёдам.*

*Иди қурбон омаду аз илми худ дил шод кун*
*Аз дилу ҷон пайравони саиди Аброр кун*
*Солҳо дар кунҷи мактаб мехурам хуни ҷигар,*
*Эй падар! Устоди моро хидмати бисёр кун.*

*Иди қурбон омаду Варзиманор пурнур шуд,*
*Ин имоми нотавон аз хутбахони кур шуд.*
*Як муаззин фи-иқоматро ки мегуяд баланд,*
*Қавми ӯ бехуд, имомаш соқию маҳмур шуд.*

*Иди қурбон омаду ғамҳо ҳаме аз ёд рафт,*
*Ҳосили умраш ба охир ҷумлагӣ барбод рафт.*
*Ҳайфи одам андарин дунёи дуни бевафо,*
*Оқибат зери лаҳад бо нолаву фарёд рафт.*

(Рақами Мулло Ҳасани бечораи хоксор, валади Ниёзбадали Артуҷӣ, сана 1287 ҳ. (1870).

*Чи хуш гуфти Баҳлули фархундаҳол,*
*Ки ман беш будам аз худоям ду сол.*
*Дар он вақте, ки кардам ман ӯро суҷуд,*
*Ки зоти сифоти худоям набуд.*

*Айёми шодкоми дар зери осмон нест,*
*Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад.*

• Дар давоми солҳои зиёди машғулият ва ҷамъ намудани

катибахо, муаллифи ин сатрхо ба гирд овардани хатхои девор низ шуғул дошт.

Мулохизахои пешаки нишон медиханд, ки муаллифон ё котиботи ба деворхо хат гузошта, максадхои гуногун доштанд. Масалан, меъмори асри XIV - Қавомаддин сохтмони бинои пурхашамат ва зебои мазори Мухаммад Башороро дар дехаи Мазори Шарифи Панчакент, ба итмом расонида дар пештоки он чунин илтимосро ба насли оянда ба рӯи гил канда, дар хумдон пухтааст:

PDF Compressor Free Version

*Ҳар ки аз мо кунад ба неки ёд*
*Номаш андар чаҳон ба неки бод.*

Дар дохили хамин бино, дар кисмати рости мехроб, ки бокимондаи бинои асри XII мебошад, аз зери чахор кабат андова матни зерин намудор гашт, ки дар асри XVII онро бо ранги сиёх навиштаанд:

*Рафтам ба сари қабри шаҳаншоҳи Яман,*
*Даст бароварду ба ман дод кафан.*
*Гуфто: «Аз ин саховатам айб макун,*
*Аз моли чаҳон ҳамин расидаст ба ман».*

Ин матн дар байни ахолӣ маъруф аст.

Вале дар асри XVII, дар мехроби мазор навишта шудани он кори одди набуд. Масъала дар он аст, ки аз акиби имом дар сафи пеши намоз сарватмандон меистоданд. Муаллиф ин суханони пандомезро касдан дар пеши чашми онхо хитобкорона навиштааст.

Матнхои девор аз хаёти шахсони мӯътабару маъруф низ хабар расонидаанд. Масалан, соли 1964 мо аз зери чахор кабат андоваи девори яке аз хучрахои мадрасаи Улугбек дар Самарканд чунин матнро кӯчонида будем:

*Ин мақом аст, ки манзилгаҳи Ҷомӣ буда,*
*Ҷои омад шуди Аҳрори киромӣ буда.*

Яъне Мавлоно Абдурахмони Чомӣ дар солхои тахсил дар мадраси Улугбек дар хамин хучра истикомат дошта, калонтарин феодали асри XV-Хоча Ахрор ба назди Мавлоно омада будааст, ки ин бузурги ва хашамати Чомиро бори дигар таъкид менамояд.

Максади хатҳои деворро ва мазмуни ҳар кадоми онҳо пайбурдан мумкин. Ин хатҳо аҳамияти таърихиро низ доро мебошанд. Онҳо фикру акида, орзуи халқи дар гузашта чабрдидаро ба мо расонидаанд.

Мо боварӣ дорем, ки намунаи хати аз деворҳо дар ин китоб гирдомада барои омухтани таърих, таърихи тамаддун ва эчодиёти даҳанакии халқи точик ҳиссаи худро хоҳад гузошт.

PDF Compressor Free Version

Хатҳо аз айвони хонаи сокини деҳаи Оббурдон Шамсиддинхоча:

*Карам пеша кун, ки одамизода чанд,*
*Адуро ба илтофи гардун бубанд.*
*Ба эҳсон тавон кард, ваҳши ба ҳаср*
*Ки натвонад буридан ба теғ он каманд.*

*Бо ҳарки карам кунӣ, азони ту шавад,*
*Андар ҳамавақт мадҳхоҳи ту шавад.*
*Бо душмани хеш гар саховат бубарӣ,*
*Шак нест, ки ёри меҳрубони ту шавад.*

*Метавон дар кулбаи мо ҳам шаберо руз кард,*
*Бурьё гар нест, нақши бурьё афтодааст.*

Аз девори Оқ-Мазор, осори меъмории асри XVI дар деҳаи Чапарии ноҳияи Қубодиён:

*Агар дар ғам фуру монам ливое метавонам зад,*
*Ба ҳар гирдоб агар афтам, даступое метавонам зад.*

*Алиф будам зи ишқат дол гаштам,*
*Гули пусидаву абдол гаштам.*
*Гуле будам миёни тозагулҳо,*
*Ғариб афтодаву чун хор гаштам.*

Ракамн Мулло Эшмуҳаммад

*Лабат қанду даҳонат фаллаи қанд,*
*Харидорат манам қимат бигу чанд?*

Хати девори масчиди «Чӯи Боло»-и кишлоки Рарзи

нохияи Айнӣ:

*Фарьёд, ки аз ҳарина дур афтодем,*
*Хӯрдем ғами ёру беҳузур афтодем.*
*Гуфтем, ки дар ин замона бо ҳам бошем,*
*Давресть, ки рафта-рафта дур афтодем.*

PDF Compressor Free Version

Хати девори мадрасаи Абдулатиф Султон, дар шаҳри Уротеппа:

*Ҳазор сол гузашт аз ҳалокати Маҷнун,*
*Ҳанӯз аз лаҳадаш бӯи ишқ меояд.*

**Ман навиштам сарф кардам рӯзгор,**
**Ман намонам, хат бимонад ёдгор.**

## ХАТХОИ РӮИ ЗАРФ ВА ДИГАР ОЛОТ.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар «Тоҷикон» ном асари маъруфи худ навиштааст, ки ҳанӯз дар асрҳои IX-X, дар замони нашъунамои давлати Сомониён бисьёр зарфҳои накшини сирдор, косаву табакҳои гуногун, куза, чароғи сиёҳ ва дигар ашёи майда чуйдаи рӯзгор ороиш доштанд. Яке аз роҳҳои ороиши асбоби рӯзгор катиба буд. Катибаро асосан дар лаби пиёлаву коса, табак ё худ дар даруни он ҷой медоданд. Катиба одатан бо хатти зебову хоно, ки низ анъанаи худро дошт, навишта мешуд.

Мазмуни катибаҳо гуногун аст: «Ҳаракату баракат ба соҳиби он чиз», «Ош шавад», «Аввали дониш талх асту анҷомаш ширин», «Саховат посбони химатy давлат аст» ва ғайра.

Яке аз калимтарин асбоби сафолӣ, кӯзачае мебошад, ки дар соли 1179 мелодӣ сохта шуда, дар тани он чунин рубоӣ сабт шудааст:

*Чархо, чӣ миҳӣ нои ситам дар пешам,*
*Бахто, чӣ нур кунӣ намак бар решам.*
*Эй душмани ман, ту бар сарам чанд занӣ,*
*Ман худ задаи толеъу бахти хешам.*

Байти дигар:

*Шодиву нишоти хурраме кори ту бод,*
*Иқболу саодату зафар ёри ту бод.*

Ин кузача, ки чунин байтхо оро додаанд, холо дар
PDF Compressor Free Version
Лондон «сокини» музеи Британияи Кабир гаштааст.

Дар чахоряки саввуми асри XIII барои бо матнхои мувофиқ зеб додани зарфхои сафолй, кулолгарон порчаҳоро бештар аз «Шохнома»-и Фирдавсй, достонхои Низомй, рубоиёти Умари Хайём ва аз эҷодиёти худашон интихоб менамуданд.

Дар асрхои XV-XVII ин анъана, яъне оро додани зарфхои сафолй, кимати худро гум намуда, косибон бештар барои сабт намудани порчахои шеър ва насрии гуногун зарфхои мисй ва биринҷиро интихоб мекунанд. Маҳз дар хамин асрхо, хатто каме пештар (дар асри XIV) процесси маҳдуд шудани катибахои забони арабй ва зиёдтар ба забони форй-тоҷикй навишта шудани онхо тезтар мегардад. Ин маҳдудй на танхо нисбат ба ороиши асбобхои рӯзгор, балки, чунон ки дар боло ишора шуд, дар катибахои рӯи қайроқсангхои саргахи Зарафшон низ ҷой доштанд. Процесси тангшавии доираи катибахо ба забони арабй бештар дар рӯи зарфхои мисй хис карда мешавад. Сабаби ин кор дар он буд, ки зарфхои биринҷй нисбат ба мисй арзиши зиёд дошта, барои оммаи васеъи ахолй дастнорас буданд. Аз ин ҷихат ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истифодаи забони арабй даставвал дар байни оммаи васеи ахолии авом маҳдудият пайдо кардааст. Гумон меравад, ки мардуми оддй ба шеърхои форсй-тоҷикй бештар майл пайдо карда буданд. Чунки, аз рӯи хисоби олимон, шеърхои Хофиз ба рӯи 17 намуд (вале садхо адад), шеъри Саъдй дар рӯи 3 намуд зарф сабт шудааст.

Дар фонди Эрмитажи шахри Сакт-Петербург хурмачаи биринчие нигох дошта мешавад, ки он ғайр аз гулкорй бо чунин байти Абдурахмони Ҷомй оро ёфтааст.

*Хуққаи лаъли ту аз гавхари ҷон сохтаанд,*
*Коми хар хаста дар он хуққа ниҳон сохтаанд.*

Ин хурмача соли 880 хиҷрй (1475-1476 мелодй), вакте

ки Ҷомӣ дар қайди ҳаёт буд, сохта шудааст. Дар таърихи санъат ин ҳодисаи дуввумест, ки шеъри шоир пеш аз вафоташ аз тарафи косибон барои зеб додани маҳсули кораш истифода шудааст. Ба рӯи табақчаи шамъдон шеъри Солеҳи Хуросониро низ косибон ҳанӯз дар вақти зиндагиаш истифода мекарданд.

PDF Compressor Free Version

Ҳамин шеъри Ҷомӣ хурмачаи дигари асри XVII-ро низ зеб додааст. Зарфи саввум, ки ба рӯи он шеъри Ҷомиро сабт кардаанд, сатил мебошад, ки онро дар ҳаммом истифода мебурданд:

*Ёд дорам аз кӯҳан пире, ки дар ҳаммом гуфт:*
*К-ин сухан пурсид рӯзе меҳтаре аз меҳтаре,*
*Чист сирраш он, ки дар ҳаммом ҳар кас по ниҳад,*
*Бар дили ғамгини ӯ бикшояд аз шодӣ даре!*
*Гуфт: сирраш он, ки бо ӯ нест ғи асбоби ҷаҳон,*
*Ғайри тосу фута, он низ алоҳи дигаре.(?)*

Устои сатилсоз ва муҳаккиси шеъри Ҷомӣ - Мирқосим бинни Муҳаммад Тоҳири китобдор - будааст. Ин сатил, ки ҳоло дар собиқ музеи этнографии халқҳои СССР дар С.-Петербург нигоҳ дошта мешуд, аз рӯи тахмини олимон дар нимаи дуввуми асри XVI сохта шудааст.

Ин се асбоби мисии бо шеъри Ҷомӣ оро дода шуда, шоҳиди он мебошад, ки мероси ин бузургвор байни косибони давраҳои гуногун машҳур буда, онҳо ба адабиёти классикии форсу тоҷик рағбати зиёде доштаанд.

Аз шеъру шоирӣ хабардор будани косибонро бо дигар мисолҳо низ тасдиқ кардан мумкин аст. Чи навъе ки пай бурдем, ҳама гуна порчаҳои шеърро онҳо истифода намекарданд, балки он шеърро интихоб менамуданд, ки ба асбоби тайёр кардаашон мувофиқ бошад ва завқи бадеии харидорро қонеъ карда тавонад. Масалан, дар рӯи табақчаи шамъдон чунин байтҳо аз Шайх Саъдӣ ва Ҳайратӣ (вафот соли 961 ҳиҷрӣ (1553-1554 мелодӣ) муносиб дониста шудааст. Аз Саъдӣ:

*Шабе ёд дорам, ки чашмам нахуфт,*
*Шунидам, ки парвона бо шамъ гуфт:*
*Ки ман ошиқам, гар бисӯзам равост,*
*Туро гиръяву сӯзорӣ чарост!*

Аз Хайратӣ:

*Гаҳ дил аз ишқи бутон, ки ҷигарам месӯзад,*
*Ишқ ҳар лаҳза ба доғи дигарам месӯзад.*
*Ҳамчу парвона ба шамъе сарукор аст маро,*
*Ки агар пеш равам болу парам месӯзад.*

PDF Compressor Free Version

Ё худ:

*Гар ту, эй шамъ, шабе ҳамнафаси ман бошӣ,*
*Чи дуо беҳтар аз ин аст, ки равшан бошӣ.*

(Аз рӯи табакчаи шамъдони асри XV)

Дар рӯи тоси миёнаи асри XIV чунин байтҳо сабт шудааст:

*Ҳар об, ки аз ин тос хурӣ нӯшат бод,*
*Ғамҳои ҷаҳон ҷумла фаромӯшат бод.*
*Эй соҳиби ин тос, туро мегӯям:*
*Парчам ба ду чашми масту мадҳушат бод!*

Дар рӯи тоси дигар:

*Эй соҳиби тос, ғам фаромӯшат бод,*
*Дасти тарабу айш дар оғӯшат бод.*
*То тос сипеҳр бошаду мӯҳраи меҳр,*
*Ҳар чиз ки з-ин тос хурӣ нӯшат бод.*

Дар атрофи қадаҳи нуқрагин, чунин рубоии Умари Хайём бо хатти хеле зебо сабт шудааст:

*Гӯянд биҳишт ҳурру айн хоҳад буд,*
*В-он ҷо маи нобу ангубин хоҳад буд.*
*Гар мо маю маъшуқа парастем равост,*
*Чун оқибати кор ҳамин хоҳад буд.*

Дар ин навъ пиёлаҳоинуқрагинибаргу гул ва манзараҳои табиат тасвир шуда, дар ҳошияи он шеърҳои шоирон сабт гардидаанд. Масалан, дар ҳошияи даруни пиёла чунин байтҳои Ҳофизи Шерозӣ муносиб омадааст:

*Соқӣ ба нури бода барафрӯз ҷоми мо,*
*Мутриб бигӯ, ки кори ҷаҳон шуд ба коми мо*
*Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем,*
*Эй бехабар, зи лаззати шурби мудоми мо.*

Дар рӯи най сархонадор (чубук), ки аз чӯби шамшод сохта шудааст, чунин байт навиштаанд.

*Лабатро мемакам хоҳӣ нахоҳӣ,*
*Ки дилдори ишқам, ширини ҳавас дорам...*

PDF Compressor Free Version

Д[illegible]и ғамбарорӣ, кайфияти зиндагӣ буд. Дар бисьёр хонаҳо намуди гуногуни чилимро доштанд. Чилимҳо аз сафол, биринҷ ва қимизкаду сохта мешуданд. Барои косибон сифатнок таъёр кардани кора-шон як воситаи асосии зудтар ба фурӯш рафтани он, яъне сабаби даромаднокии онҳо буд.

Ғайр аз он, интихоби матни дилчасп ба завқи харидорон мувофик буда диққати онҳоро бештар ҷалб мекард. Масалан, дар косахонаи чилим ё «миёнбанд»-ҳои биринҷии он чунин матн муносиб диниста шудааст.

*Айёми гул асту комронӣ,*
*Соқӣ бидеҳ оби зиндагонӣ.*
*Аз абр наметавон шумурдан,*
*Як дам, ки ба айш нагзаронӣ.*

Барои шона чунин матн интихоб шудааст.

*Дар даҳр касе ба гулъузоре нарасид,*
*То бар дилаш аз замона хоре нарасид.*
*Йи шона, ки ба сар шох нашуд,*
*Дасташ ба сари зулфи нигоре нарасид.*

Устоҳои табақтарош табақҳои чӯбинро бо кувваи об тарошида, кошукро бошад бо зарбаи теша тайёр мекарданд. Дар дастаи кошук чунин байт навишта шудааст.

*Тешаҳо хурдам ба сар фарҳодвор,*
*То расидам бар лаби ширини ёр.*

Дар рӯи намакдон:

*Намакдоне ба танги чун дили мӯр*
*Намак чанлон, ки дар олам фитад шӯр.*

Бо гулҳои дилфиреб ва хатти зебо оро додани асбоби рӯзгор на танҳо насиби мардон буд. Занҳо низ завки бадеӣ ва чаҳони орзуҳои худро дар рӯи сӯзанӣ, рӯймолҳои

миёнбанд ва рӯймолчаҳо, куртаҳои чакан, ҷиякҳои куртаву токӣ, шерозаҳои курта ва ғайра ифода мекарданд. Дар фонди музеи этнографии Институти таърихи ба номи Ахмади Дониши Академияи фанҳри Тоҷикистон даҳҳо матоъҳоеро тамошо кардан мумкин аст, ки дар онҳо орзуву омол ва садои дили пурҷӯши зани тоҷик хис карда мешавад. Масалан, як рӯймоли миёнбанди барои домод пешбинишуда (аз шаҳри Бухоро) бо чунин матн ороиш ёфтааст:

PDF Compressor Free Version

*Аҷаб рупокчаи хушранги аъло,*
*Муносиб бо ҳамин домоди Мулло.*
*Аҷаб домод, ки ӯ юсуфмисол аст,*
*Ду абрӯ моҳи нав, ҳамчу ҳилол аст.*
*Рухаш чун офтоби моҳи тобон,*
*Лабаш чун мағзи сароби хандон (?)*
*Бубахшо умри ҷовидон ба домод,*
*Ки яъне ҷӯша пир кун ин ду гулро*
*Ки ин келину домоди чу гулро*
*Ба мақсудаш расонӣ соҳиби ин,*
*Дуоҳоям иҷобат соз, омин!*

Хаттотон, мисгарон, хаччорон ва кулолхо дар кори ороиши махсули худ масъалаи тарбияи кӯдаконро низ фаромӯш намекарданд. Мувофиқи завқи бадеии кӯдакон ба рӯи каламдону китоб ва ҷувзгири онҳо матнҳои мувофиқ интихоб намуда, ба як ҳунари ба худ хос онҳоро зебу оро медоданд. Масалан, ду намуна аз матни рӯи каламдон:

*Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам*
*Қаламкашро ба давлат мерасонам.*
(Ин байт вариантхо дорад).

Ба рӯи каламдони мунаккаши хони Бухоро Абдуллохон (1583-1598) шоири маъруфи тоҷик Мушфиқӣ чунин шеър гуфта, сабт кунондааст:

*Ин қаламдонро, ки гулзори мусаввар кардаанд,*
*Гирди ҳар барги гуле тахрир аз зар кардаанд.*
*Дар саводи ӯ қаламҳо соликони раҳбаранд,*
*К-аз барои сайри маънӣ пой аз сар кардаанд.*
*Нақшбандон аз раёҳину мунаққаш номи ӯ,*
*Лоларухсору гуландому суманбар кардаанд.*

*Ҳусни рангомези ӯро дида наққошони Чин,*
*Хомаи мижгон ба хуноби ҷигар тар кардаанд.*
*Ҳайати насрин намоён аз таноби сайри ӯст,*
*Ёсуманҳо аз миёни сабза сарбар кардаанд.*
*Сад алиф бар сина дорад, Мушфиқӣ аз теғи ёр,*
PDF Compressor Free Version *номи он ситамгар кардаанд.*

*Наққош гирифта қаламӣ мӯй зи сунбул,*
*Таърих навишта сумани настарану гул.*

Чунон ки мебинем Мушфиқӣ қаламдонро сифат намуда, дар навбати худ ба кори нозуки устоҳои он баҳои баланд додааст.

Дар рӯи муқоваи китоб чунин байтҳои маъруф навишта шудааст.

*Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,*
*Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.*
*Ҳар лаҳза зи ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,*
*Сад роҳат аст, ҳаргиз озоре нест.*

Агар сафҳаҳои аввалини китобҳои дарсии мактабҳои ибтидоии имрӯзаро ин мазмун шеърҳо оро медоданд, албатта муносибати эҳтиёткоронаи кӯдакон нисбат ба китоб дучанд мегардид. Шеър бояд як гӯшаи ҳаёти мо - асбобҳои рӯзгор ва тӯҳфабоброро низ оро диҳад. Ин аз як тараф барои тарбияи мардум, баланд бардоштани сатҳи маданияти он, тарбияи завқи эстетикии он аҳамият дошта бошад, аз тарафи дигар барои инкишофи хаёлоти ҳунармандон, баланд бардоштани эътибори ҳунари онҳо, бештар ҷалб намудани харидорон зарур аст.

Дар ин кор на фақат аз шеърҳои классиконамон, балки аз бисёр порчаҳои хуби шоирони муосири тоҷик ва дигар халқҳои бародар истифода бурдан мумкин аст.

*Хиттаи хат мақоми худ созӣ,*
*Оламе пур зи номи худ созӣ.*
Султон Алии Машҳадӣ

PDF Compressor Free Version

## КИТЪА

Китъа - намунаи зебогии хат ва ҳунармандии хаттот. Як варақ коғази зебои оронишдодаро бо ҳусни хати аъло хаттотӣ намуда, онро дар девор кашол мекарданд. Пораи коғази хушхат мисли ҳунари мусаввирон, вазифаи зебу зиннати хонаву меҳмонхонаро адо мекард[1]. Китъа ба хонанда ғизои рӯҳӣ мебахшид, аҳамияти тарбиявӣ дошт. Аз китъа мураккаъ тартиб медоданд. Матнҳои зерин ҳамчун намуна аз китобхонаҳои давлатӣ ва шахсии Иттифоки Советӣ, Афғонистон ва Ҳиндустон гирд омадааст.

Намуна аз китобхонаи шахсии шаҳри Ҷайпури Ҳиндустон:

*Маро зи ғоиби ман як хабар кӣ меорад?*
*Ду дида дар қадами ӯст, ҳар ки меорад.*
*Ҳадиси Юсуфу Яъқуб мухтасар кардем,*
*Зи ғоиби ба рафиқӣ ки хабр меорад.*
Мираля, балади Бухоро.

*Наққоши азал кушод чун чашмаи меҳр,*
*Орост мураққаъ зи авроқи сипеҳр.*
*Тасвир дар он намуд бе рангу қалам,*
*Чандин санами ҷилвагарӣ равшанчеҳр.*

***

*Ҳама соғар, ҳама мино, ҳамо ҷом аст инҷо,*
*Ҳар ки дорад хабар аз хеш, кадом аст инҷо.*
*По ниҳад ҳар ки дар ин кӯча, ба сар мегалтад,*
*Боз пурсед худоро, «чӣ мақом аст инҷо?»*

***

*Саҳарам ҳотифи майхона ба давлатхоҳе,*
*Гуфт, боз ой, ки деринаи ин даргоҳӣ.*
*Бо гадоён дар майкада, эй солики роҳ*

1 Доир ба китъа ниг.: Мухторов А. Дурдонаҳои маданияти тоҷикон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон. Душанбе: «Ирфон», 1984.

*Бо адаб бош гар аз сири худ огоҳӣ.*
*Фақир, ал-музниб Мирали ал-котиб.*

*Эй ба лутф аз оби ҳайвон поктар,*
*Қадат аз сарви равон чолоктар.*
*Бе рухат чун лола доғам ба дил аст,*
*[illegible] гул чоктар.*
PDF Compressor Free Version
*Лаъलат аз хунам надорад ҳеҷ бок,*
*Наргиси шухат аз он бебоктар.*
Катабаху факир Абулхасан.

Китъахо аз китобхонаи университети шахри Кобул:
*Касе к-аш меҳри хубон кор бошад,*
*Дилаш бо дарду меҳнат ёр бошад.*
*Ҳадиси ошиқӣ дон, ки ғами ёр,*
*Хирад донад, ки дур аз кор бошад.*
*Тани зоре макаш чун турра, эй ёр*
*Ки мӯе дар расан бисёр бошад.*

Дар хошияи китъа:
*Маро гуфтӣ «туро дар дил вафо нест,»*
*Ғалат карди маро ҳасту туро нест.*
*Надори ҳеҷ парвои ғарибон,*
*Магар ҳечат умеде аз худо нест?*
*Дили ман аз ғамат бисёр шод аст,*
*Ғамат аз дил даме ҳаргиз ҷудо нест.*
*Агарчи ошиқон бисёр дори,*
*Валекин ҳамчу ман як мубтало нест.*
*Чу дори хуи неку, бандаам ман*
*Вагарна дилбари бадхӯ куҷо нест.*
*Ба ҳоли толеъи раҳме накарди,*
*Чу ту бераҳмшӯхе ҳеҷ куҷо нест.*

*Чу бикшудам ба гиря чашми тари хеш,*
*Бикшуд ба ханда лаъли ҷонпарвари хеш.*
*Ӯ мояи шодиву ман кони ғамам,*
*Ӯ гавҳари худнамуду ман гавҳари хеш.*
Имод ал-Хасанӣ.

Китъа аз фонди китобхои каламии архиви давлатии Афгонистон:

*Бо руи ту чист ҷаннату ҳурр!*
*Ҳар чиз наку намояд аз дур.*
*Моро назаре ки ҳаст, бо туст,*
*Худ тирри фаришта нест манзур.*

PDF Compressor Free Version

Шоҳ Махмуди Нишопурӣ.

*Маҳ зи ҷаври фалак дуто шудааст,*
*Ё зи маҳ пора ҷудо шудааст.*
*Дил зи дастам шуду наёмад боз,*
*То ба дасти кӣ мубтало шудааст.*

Хасан Шомлу.

*Руяш дарёу ҳусну лаълаш марҷон,*
*Зулфаш анбару садаф даҳан, дурр дандон.*
*Абруйкешиву хутаннешонӣ, мавҷ*
*Гирдоб, бало габгаба, чашмам туфон.*

Мухаммад Аминӣ.

*Эй, фироқи ту, ёри дерина,*
*Ғами ту гамгусори дерина.*
*Дарди ту меҳмони ҳаррӯза,*
*Доги ту ёдгори дерина.*

Рокима Худоёр, санаи 1145 ҳиҷрӣ /1732-1733/.

Китъа аз асари Мавлоно Нуриддини Зиёратгоҳӣ - «Рисолаи кофия», соли китобат 870 ҳиҷрӣ /1484/.

*Хуш он ки ба тарки хати фонӣ бикунӣ,*
*Тадбири бақои ҷовидонӣ бикунӣ.*
*Кӯшиш бикунӣ, ҳарчи битавон донист,*
*Донӣ, пас аз он, ҳарчи бидонӣ бикунӣ.*

***

*Дорам диле, ки ба амр андешагӣ дошта,*
*Чуз ёди ту бар сафҳаи хотир нанигошта.*
*Ёди ту чунон фурӯ гирифташ, ки дар ӯ,*
*Гунҷоиш ҳеҷ чизи дигар нагузошта.*

***

*Бо адаб бош гар аз сири худ огоҳӣ.*
*Фақир, ал-музаниб Миралӣ ал-котиб.*

*Эй ба лутф аз оби ҳайвон поктар,*
*Қадат аз сарви равон чолоктар.*
*Бе рухат чун лола доғам ба дил аст,*
PDF Compressor Free Version
*Синаам аз домани гул чоктар.*
*Лаълат аз хунам надорад ҳеҷ бок,*
*Наргиси шухат аз он бебоктар.*
Катабаху факир Абулхасан.

Китъахо аз китобхонаи университети шахри Кобул:
*Касе к-аш меҳри хубон кор бошад,*
*Дилаш бо дарду меҳнат ёр бошад.*
*Ҳадиси ошиқӣ дон, ки ғами ёр,*
*Хирад донад, ки дур аз кор бошад.*
*Тани зоре макаш чун турра, эй ёр*
*Ки мӯе дар расан бисёр бошад.*

Дар хошияи китъа:
*Маро гуфтӣ «туро дар дил вафо нест,»*
*Ғалат карди маро ҳасту туро нест.*
*Надори ҳеҷ парвои ғарибон,*
*Магар ҳеҷат умеде аз худо нест?*
*Дили ман аз ғамат бисёр шод аст,*
*Ғамат аз дил даме ҳаргиз ҷудо нест.*
*Агарчи ошиқон бисёр дори,*
*Валекин ҳамчу ман як мубтало нест.*
*Чу дори хуи неку, бандаам ман*
*Вагарна дилбари бадхӯ куҷо нест.*
*Ба ҳоли толеъи раҳме накарди.*
*Чу ту бераҳмшӯхе ҳеҷ куҷо нест.*

*Чу бикшудам ба гиря чашми тари хеш,*
*Бикшуд ба ханда лаъли ҷонпарвари хеш.*
*Ӯ мояи шодисту ман кони ғамам,*
*Ӯ гавҳари худнамуду ман гавҳари хеш.*
Имод ал-Хасанӣ.

Китъа аз фонди китобхон каламии архиви давлатии Афгонистон:

*Бо рўи ту чист ҷаннату ҳурр!*
*Ҳар чиз наку намояд аз дур.*
*Моро назаре ки ҳаст, бо туст,*
*Худ [illegible] фаришта нест манзур.*

PDF Compressor Free Version

Шоҳ Маҳмуди Нишопурӣ.

*Маҳ зи ҷаври фалак дуто шудааст,*
*Е зи маҳ пора ҷудо шудааст.*
*Дил зи дастам шуду наёмад боз,*
*То ба дасти кӣ мубтало шудааст.*

Ҳасан Шомлу.

*Руяш дарёу ҳусну лаълаш марҷон,*
*Зулфаш анбару садаф даҳан, дурр дандон.*
*Абрўикашиву хутаннешонӣ, мавҷ*
*Гирдоб, бало габгаба, чашмам тўфон.*

Муҳаммад Амин.

*Эй, фироқи ту, ёри дерина,*
*Ғами ту гамгусори дерина.*
*Дарди ту меҳмони ҳаррўза,*
*Доги ту ёдгори дерина.*

Рокима Худоёр, санаи 1145 ҳиҷрӣ /1732-1733/.

Китъа аз асари Мавлоно Нуриддини Зиёратгоҳӣ - «Рисолаи кофия», соли китобат 870 ҳиҷрӣ /1484/.

*Хуш он ки ба тарки зоти фонӣ бикунӣ,*
*Тадбири бақои ҷовидонӣ бикунӣ.*
*Кўшиш бикунӣ, ҳарчи битавон донист,*
*Донӣ, пас аз он, ҳарчи бидонӣ бикунӣ.*

***

*Дорам диле, ки ба амр андешагӣ дошта,*
*Чуз ёди ту бар сафҳаи хотир нанигошта.*
*Ёди ту чунон фурў гирифташ, ки дар ў,*
*Гунҷоиш ҳеҷ чизи дигар нагузошта.*

***

Эй меҳр, ки нест чун ту оламгарде,
Зин раҳ равем бахши раҳоварде.
Имрӯз киро диди, ки андар раҳи ишқ,
Бар рух будаш кардиву бар дил дарде.

***

Ҷоно, зи дари ту дур натвонам буд,
PDF Compressor Free Version
Монеъ ба биҳиштат ҷуз натвонам буд.
Сар бар дари ту ба ҳукми ишқам, на ба музд,
Зин дар, чи кунам, сабур натвонам буд.

***

Қадри ман дар сафи ушшоқи ту, з-он бастаи туст,
Дар дилам нақш шуда номи гадоён, дуруст.
Ки занам коми иродат ба тамоми вусул,
Басе буд номам, аҳволи маро муҳри қабул.

***

Эй он, ки ҳама дидаву дил манзили туст,
Ҳусни ҳама хубони ҷаҳон ҳосили туст.
Гарм аст дилам, моили ту нест, аҷаб.
Санг аст диле, вале бе моили туст.

***

Соқи, қадаҳе ки рӯй дод, дол кунем,
Аз шавқ даме дидамаш, ҳол кунем.
Ғамҳои замонаро поёне нест,
Он беҳ ки ба як-ду коса помол кунем.

Қитъа аз варакҳои мухталифе, ки зебо оро дода, барои мураккаъ тайёр кардаанд:

Умрҳо рафт ба беҳуда аҷаб бехабарем,
Ғофил аз мурдани худ, дар талаби симу зарем.
Мераду қофилаи умр шабу рӯз зи пеш,
Бас ҳанӯзем, ки бувад бо ин хаёли дигарем.

***

Шоҳ аспе ба Анварӣ бахшид,
Боди сар-сар ба гарди ӯ нарасид.
Дар давидан чунон метозад,
Ки ба як шаб ба охират бирасид.

Ба ҷиҳати арҷманди Абдулвали Махдуми каламӣ,

Гулхании хакири факир. 1290 (1873-1874).

*Дируз рақиби шум дар саҳни чаман,*
*Бардухта буд чашм бар дилбари ман.*
*Гуфтам, ки занад хок ба чашмони рақиб,*
*Боди саҳар аз миёна бархост, ки ман.*

PDF Compressor Free Version

(Дар акиби когаз навиштаанд, ки «ин хати Мулло Ғанӣ аз Уротеппа»).

*Эй қадди ту сарви нозпарвар,*
*Дил додаи, қомат санавбар.*
*Ҳарчанд ба ноз саркашад сарв,*
*Бо қадди ту кай шавад баробар!*

* * *

*Дарди мани дилхаста ба дармон кӣ расонад?*
*Кори мани бечора ба сомон кӣ расонад?*
*В-аз мӯр саломе ба Сулаймон кӣ расонад?*
*В-аз мурғ паёме ба гулистон кӣ расонад?*

Хисорӣ, 1337 (1918-1919)

* * *

*Дӯстон дар ҳарими базми висол*
*Фориғ аз рӯзгори ҳиҷронанд*
*Он гаҳ аз якдигар ҷудо монанд,*
*Он замон қадри якдигар донанд.*

* * *

*Ёр зулфи дуто баҳам баста,*
*Сад каманди бало баҳам баста.*
*Ҷаъм мушкини ӯ ба ҳар ҳалқа,*
*Сад дили мубтало баҳам баста.*

* * *

*Ду чашмат, ки тири бало мезанад,*
*Чунин тир баҳри чаро мезанад.*
*Камон ҷонибӣ дигаре мекашад,*
*Вале тир бар ҷони мо мезанад.*

Абдулхолики Насафӣ, 1262/1846/

*Дар роҳи ту гард фитна ангехтанист,*
*Дар кӯи ту обрӯи мо рехтанист.*
*Мо чун сарви саҳдои ту дорем нагуст,*
*Пайванди дил аз ғайри ту бигсехтанист*

Факир Мирзо Абдулфатоххон ибни Махдихон котиби Зебоӣ, 1332 /1914/.

***

*Алиф будам зи ишқат дол гаштам,*
*Намад пӯшидаму абдол гаштам.*
PDF Compressor Free Version
*Гуле будам миёни тоза гулҳо*
*Ғариб афтодаму чун хор гаштам.*

Камина Мулло Зариф.

***

*Сари тороҷи гулшан дошт сарви фитнаболояш,*
*Ба сад аҷзу ҳино хуни баҳор афтод дар пояш.*
*Гулистон об шуд аз шарми рухсори арақнокаш,*
*Садаф лаб баст аз ҳамдарсии лаъли гуҳарзояш.*

1346 /1927/.

*Мо гарди вуҷуд аз адам ангехтаем,*
*Мо хоки замин бар осмон рехтаем.*
*Бас оби руху хуни ҷигар рехтаем,*
*То сурати маъни ба ҳам омехтаем.*

Факир Муҳаммад Исхок

***

*Паи луқмау хирқа ҳар лаҳза.*
*Нашояд кашидан зи хулқе газанд.*
*Ба рӯзе бувад хушк нони кафоф*
*Ба соле бувад кӯҳна далқе басанд.*

Ал-музаниб Муҳаммад Ёдгор, ал-котиб, 1250 /1834-1835/.

*Гаҳ боиси сарсабзии шуристонам,*
*Гаҳ шабнами мазъари деҳи вайронам.*
*Дар кӯҳ ба санг, дар биёбон бо хор,*
*Борони ҳазор абри саргардонам.*

Мулло Шамсӣ навиштааст.

*Оқил чу ба сират ҷаҳон дурр нагирад,*
*Иқболи замонаро ба як ҷав нахарад.*
*Пайваста дар он буд, ки то охири кор,*
*Зин доми бало чигуна берун гузарад.*

Муҳаммад Зебоӣ

*Эй он ки маро зи обу гил сохтаӣ,*
*Дар вартаи андуҳу ғам андохтаӣ.*
*Махлуқи туам, ба дигаре во магузор,*
*Товон ба ки мекунӣ, ки худ сохтаӣ.*

Мир Самиъ

***

PDF Compressor Free Version

*Афсус бар ин баҳр зи мобайни афозил*
*Равшан рақами Фозили зарринқалам рафт.*
*Ба сафҳаи гети хати таърихи вафоташ*
*Бинмуд рақам хома, ки мушкинқалам рафт.*

Таърихи Мирзо Хоҷии Зарринкалам
1280 /1863/

*Эй дил, ту мутеъи фармон нашудӣ,*
*Аз карда гуноҳи худ пушаймон нашудӣ.*
*Ту шайх шудӣ, мулло шудӣ, донишманд,*
*Фил ҷумла шудӣ, вале мусулмон нашудӣ.*

1324 /1906/

*Эй насими саҳар, оромгаҳи ёр куҷост!*
*Манзили он ошиқкуши аёр куҷост!*
*Шаби торику раҳи водии эмин дар пеш,*
*Оташи тӯр куҷову иддаи дидор куҷост!*

*Сари зулфи туро Чин офариданд,*
*Лабат дидандду Мочин офариданд.*
*Маро ҳамсуҳбати Фарҳод карданд,*
*Туро аз ҷони Ширин офариданд.*

***

Кйтъахо аз муракkае, ки ба калами Домуло Файзулло ё кори Файзулло, мутахаллус ба Ўротеппагӣ таалук дорад:

*То қадат маҳзар таҷаллӣ шуд,*
*Сарви сумон тавқи қумрӣ шуд.*
*Баски талхӣ кашидам аз аём,*
*Рағи ҷонам забони афъӣ шуд.*

1319 /1901/

*Сари кӯят, ки умре будам он ҷо,*
*Ба умри худ куҷо осудам он ҷо.*

*Ба қасд печида ҳар ҷо сар ниҳодам,*
*Ту будӣ қиблаи мақсудам он ҷо.*

***

*Ҷомаи кӯҳна гар малик пӯшад,*
*Пеши чашми ҷаҳониён хор аст.*
*Ҷули атлас ба хар бипонанд,*
PDF Compressor Free Version
*Ас-саломуалейк бисёр аст.*

Қорӣ Мир Файзуллоҳи Ӯротеппагӣ.

*Ҳазор кунҷи ибодат, ҳазор хонӣ карим,*
*Ҳазор тоати шабҳо, ҳазор бедорӣ*
*Ҳазор рӯзаи моҳ, ҳазор хилвати сол,*
*Қабули ҳақ нашавад гарр диле биёзорӣ.*

Машки Ӯротеппагӣ 1320 /1902/

*Дар даҳр агар синафигорест, манам,*
*В-андар раҳи эътидор хорест, манам.*
*Дар дидаи ман агар фуруғест, туӣ*
*Дар хотири ту агар ғуборест, манам.*

1286 /1869-1870/

***Бар замине, ки нишони кафи пои ту бувад,***
***Солҳо саҷдаи соҳибназарон хоҳад буд.***

Ҳофиз

## ДАР САРИ ТУРБАТИ НИЁГОН

Одати нишонгузорӣ ба рӯи қабр хеле қадимист. То асри XI хиштҳои махсусаро, ки шаклҳои гуногунро бо тасвирҳои ҳархела доштанд, ба рӯи қабр мегузоштанд. Мақсади ин кор нишонагузорӣ ва аз рӯи нишона ба осонӣ пайдо намудани оромгоҳи хешу ақрабои худ буд. Оҳиста-оҳиста нақшаҳои рӯи хиштро матнҳои кӯтоҳмазмуни арабӣ иваз намуданд. Вале пораи хишт дар рӯи хоктӯдаи қабр дер намепоид, дар зери пои чорпоён мешикаст ё зери хок мемонд.

Бо ҳамин сабаб аз асри XI сар карда хиштро сангҳои

кӯҳу дарё иваз намуданд. Он вақт эҳтиёҷ ба сангтарошӣ набуд. Ин вазифаро обу бод «иҷро» карда буд. Қайроқсангҳо то асри XIV, дар Кӯҳистон то асри XIX, вазифаи санги рӯи қабрро адо намуданд. Аз асри XIV санъати сангтарошӣ ба миён омад. Устоҳое пайдо шуданд, ки онҳо сангҳоро, мармар, санги мусо ва дигар намуд сангҳоро устокорона ҳаҷҷорӣ намуда сайқал медоданд. Кандакорон хушхат ба рӯи онҳо мувофиқи талаботи замон ва хоҳиши тарафайн матнҳои зебо меканданд. Мақсади ин кор арзи эҳтиром ба хотири фавтида, қадршиносӣ ва нишона гузоштан дар рӯи қабри хешовандон буд.

Тадқиқотчиёни имрӯза ба катибаҳои рӯи қабр ҳамчун ба сарчашмаи нодири таърихӣ ва адабӣ назар мекунанд. Аз ин матнҳо донистан мумкин, ки гузаштагони мо аз тарафи ҳамзамонон ва мухлисони баъдинаи худ ба қадом дараҷа баҳо гирифта сазовори меҳру муҳаббати бепоёни онҳо гаштаанд. Катибаҳо инчунин таърихи вафоти ҳар қаломро дақиқ мегардонад. Ҳаминро ҳам бояд таъкид намуд, ки на ҳама катибаҳои шахсони дар таърихи халқи тоҷик мақом пайдо карда, дастраси мо гаштааст. Ин кор ҳанӯз идома дорад.

Устод Сотим Улуғзода хеле хуб гуфтаанд: «Таърихи миллати мо гоҳу мазҳака набудааст. Дурдонаҳои бебаҳои он ба риштае аз фоҷиа кашида шудаанд». Замоне буд, ки урдуҳои истилогар воситаи Мовароуннаҳр яке паси дигар гузаштаанд. Онҳо ба тамоми китобхонаҳои бошукӯҳ, ки аз хусусашон то замони мо танҳо ривоятҳо расидааст, раҳм нанамуда, нобудашон сохтаанд. Барбарҳо ҳатто сангҳои навиштаро ба замин гӯрониданд, ба дарё ғарқ карданд, пора-пора намуданд. Бо мурури замон, рафта-рафта санъати анъанавии тоҷикон - хатҳои рӯи санг, шаххо, рӯи қабрҳо аз байн рафт. Мо аз навиштаҷоти рӯи қабрҳо, аз шеърҳои шоирон, аз марсияи дилхароши мотамзадагон, маҳрум шудем. Дар нобудшавии нишонаи сари қабр айби худи мо ҳам кам нест. Қабристонҳои мо то ба наздики аксар ба чарогоҳ табдил ёфта буд. Бо гузаштани як насл насли дигар намедонист, ки азизи ӯ, қабри волидайн дар қадом қисмати қабристон буд. Мутаассифона дар қабристон як тартиби муайяни ҷойгиршавии қабрҳо нест. Вақто

PDF Compressor Free Version

*Ба қасд печида ҳар ҷо сар ниҳодам,*
*Ту буди қиблаи мақсудам он ҷо.*

***

*Ҷомаи кухна гар малик пӯшад,*
*Пеши чашми ҷаҳониён хор аст.*
*Чун атлас ба хар бипонанд,*
PDF Compressor Free Version
*Ас-саломy алек бисьёр аст.*

Қори Мир Файзуллои Ӯротепагӣ.

*Ҳазор кунҷи ибодат, ҳазор хони карим,*
*Ҳазор тоати шабҳо, ҳазор бедорӣ*
*Ҳазор рӯзаи моҳ, ҳазор хилвати сол,*
*Қабули ҳақ нашавад гарр диле биёзорӣ.*

Машки Уротеппагӣ 1320 /1902/

*Дар даҳр агар синафигорест, манам,*
*В-андар раҳи эътидор хорест, манам.*
*Дар дидаи ман агар фуруғест, туӣ*
*Дар хотири ту агар ғуборест, манам.*

1286 /1869-1870/

***Бар замине, ки нишони кафи пои ту бувад,***
***Солҳо саҷдаи соҳибназарон хоҳад буд.***

**Ҳофиз**

## ДАР САРИ ТУРБАТИ НИЁГОН

Одати нишонгузорӣ ба рӯи кабр хеле кадимист. То асри XI хиштхои махсусаро, ки шаклхои гуногунро бо тасвирхои хархела доштанд, ба рӯи кабр мегузоштанд. Максади ин кор нишона гузорӣ ва аз рӯи нишона ба осонӣ пайдо намудани оромгохи хешу акрабои худ буд. Охиста-охиста накшахои рӯи хиштро матнхои кӯтохмазмуни арабӣ иваз намуданд. Вале пораи хишт дар рӯи хоктӯдаи кабр дер намепоид, дар зери пои чорпоён мешикаст ё зери хок мемонд.

Бо хамин сабаб аз асри XI сар карда хиштро сангхои

кӯҳу дарё иваз намуданд. Он вақт эҳтиёҷ ба сангтарошӣ набуд. Ин вазифаро обу бод «иҷро» карда буд. Қайроқсангҳо то асри XIV, дар Кӯҳистон то асри XIX, вазифаи санги рӯи қабрро адо намуданд. Аз асри XIV санъати сангтарошӣ ба миён омад. Устоҳое пайдо шуданд, ки онҳо санги хоро, [illegible] PDF Compressor Free Version ва дигар намуд сангҳоро устукорона ҳаҷҷорӣ намуда сайқал медоданд. Кандакорони хушхат ба рӯи онҳо мувофиқи талаботи замон ва хоҳиши тарафайн матнҳои зебо мекананд. Мақсади ин кор арзи эҳтиром ба хотири фавтида, қадршиносӣ ва нишона гузоштан дар рӯи қабри хешовандон буд.

Тадқиқотчиёни имрӯза ба катибаҳои рӯи қабр ҳамчун ба сарчашмаи нодири таърихӣ ва адабӣ назар мекунанд. Аз ин матнҳо донистан мумкин, ки гузаштагони мо аз тарафи ҳамзамонон ва мухлисони баъдинаи худ ба кадом дараҷа баҳо гирифта сазовори меҳру муҳаббати бепоёни онҳо гаштаанд. Катибаҳо инчунин таърихи вафоти ҳар кадомро дақиқ мегардонад. Ҳаминро ҳам бояд таъкид намуд, ки на ҳама катибаҳои шахсони дар таърихи халқи тоҷик мақом пайдо карда, дастраси мо гаштааст. Ин кор ҳанӯз идома дорад.

Устод Сотим Улуғзода хеле хуб гуфтаанд: «Таърихи миллати мо гоҳу маҳҳака набудааст. Дурдонаҳои бебаҳои он ба риштае аз фоҷиа кашида шудаанд». Замоне буд, ки урдуҳои истилогар воситаи Мовароуннаҳр яке паси дигар гузаштаанд. Онҳо ба тамоми китобхонаҳои бошукӯҳ, ки аз хусусашон то замони мо танҳо ривоятҳо расидааст, раҳм нанамуда, нобудашон сохтаанд. Барбариҳо ҳатто сангҳои навиштаро ба замин гӯрониданд, ба дарьё ғарқ карданд, пора-пора намуданд. Бо мурури замон, рафта-рафта санъати анъанавии тоҷикон - хатҳои рӯи санг, шаххо, рӯи қабрҳо аз байн рафт. Мо аз навиштаҷоти рӯи қабрҳо, аз шеърҳои шоирон, аз марсияи дилхароши мотамзадагон, маҳрум шудем. Дар нобудшавии нишонаи сари қабр айби худи мо ҳам кам нест. Қабристонҳои мо то ба наздики аксар ба чарогоҳ табдил ёфта буд. Бо гузаштани як насл насли дигар намедонист, ки азизи ӯ, қабри волидайн дар кадом қисмати қабристон буд. Мутаассифона дар қабристон як тартиби муайяни ҷойгиршавии қабрҳо нест. Вақто

PDF Compressor Free Version

ки дохили қабристон мешавед мебояд мобайни қабрҳо эҳтиёткорона қадам гузоред, ки қабри шоире, олиме, омие ё одамеро зери по макунед!

Солҳои охир ба ободии қабристонҳо кӯшида истодаанд. Атрофи онро девор ё панҷараи оҳанин гирифта, дар гӯшаи қабристон хонақое бино крадаанд, ки ҷои тобутгузорӣ бошад. Вобаста ба он, хушбахтона анъанаҳои қадима ҳукми одат гирифта ба сари қабр санг гузорӣ аз нав барқарор шуда истодааст. Бо ин сабаб мардуми зиёд ба муаллифи ин сатрҳо ё кормандони шӯъбаи таърихи асрҳои миёна ва нави институти таърих, археология ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониши АИ Тоҷикистон муроҷиат менамоянд,ки дар интихоби матни рӯи санги қабр кӯмак расонем, яъне матнеро тавсия намоем.

Баъди чопи якуми китоби «Санг ҳам диле дорад» / /нашриёти «Ирфон» 1986/ хонандагони зиёде аз мо ва нашриёти «Ирфон» илтимос кардаанд, ки ин китобро аз нав нашр намоем. Илтимосномаҳо ба унвони редакцияи рӯзномаҳо низ омадаанд. Яке аз онҳо ба қалами муаллими мактаби тоҷикии ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхандарьёи Узбекистон Ғаффор Норов, тааллуқ дорад /Газетаи «Адабиёт ва санъат», 6. апрели 1989/:

«Шоири муҳтарам Н. Ниёзӣ! Мақолаатонро роҷеъ ба катибаҳои сари мазор,«Адабиёт ва санаът 26 январи 1989/ хондам. Ба ақидаҳои Шумо эътирозе надорам.

Соли гузашта хостем ба санги мазори як нафар шаҳид шеъре нависонем. китобҳои дарсии забону адабиёт ва бисьёр китобҳои шеърие, ки дар хона дорам, ҷустуҷӯ кардам, байти лоиқе пайдо нашуд, Мӯҳтарам Ниёзӣ! Шумо, ки ба ин масъала рӯ овардед, кори хайр мешуд, агар байт ва шеърҳое, ки ба санги мазорҳо навишта шудаанду шуданашон мумкин дар шакли китобе ҷамъ меовардед ва пешкаши мардум мекардед, мушкили бисьёриҳо осон мешуд. Солҳои охир дар сари қабрҳо санг мондан ва дар онҳо байтҳо навиштан расм шудааст. Хоҳиш дорам, ҳарчи зудтар ба ин гуфтаи ман камар бандед».

Мо зарур донистем, ки барои қонеъ гардонидани талаботи имрӯза ба китоби мазкур иловаҳо дохил намоем. Бо ин мақсад ба чопи дуввӯми китоб матни сангҳои рӯи

қабри мамлакатҳои ҳамсоя - Афғонистон ва Ҳиндустонро низ илова намудем. Баъзе аз ин матнҳо ба рӯи қабри шахсоне сабт гаштаанд, ки онҳо барои инкишофи илму фарҳанги тоҷикон ҳиссае гузоштаанд. Ғайр аз ин, аз дигар мамлакатҳо гирд омадани матнҳои забони тоҷикӣ шоҳиди васеъ паҳншавии ин забон буда, барои омӯхтани таърихи забони тоҷикӣ дар Ҳиндустону Афғонистон ва дигар сарзаминҳо аз аҳмият холи нестанд. Баъзе аз ин матнҳо ҳоло ҳам метавонанд сангҳои рӯи қабрро зеб диҳанд.

PDF Compressor Free Version

Матнҳои тоҷикии мулкҳои гуногун пайванди асру наслҳост. Матнҳои дар ин китоб гирд омада пайванди осори қадимаи ниёгон бо адабиёту ҳунари имрӯза шуда метавонад.

Омӯхтани матни катибаҳои тоҷикзабони мамлакатҳои дурдаст натанҳо шоҳиди равобити халқҳо балки ягонагии маданият, расму оин ва забони онҳо мебошад. Чӣ дар Мовароуннаҳру Кафқоз, чӣ дар Афғонистону Ҳиндустон мардуми дардманд ба классикони адабиёти форсу тоҷик - Саъдию Ҳофиз, Хисраву Ҷомӣ, Бедилу Ҳилолӣ муроҷиат намуда дар мероси ин бузургон ба дарди худ дармони рӯҳӣ меҷустанд. Имрӯз мо ба мероси ниёгон рӯ оварда, анъанаҳои онҳоро аз нав барқарор намуда аз матнҳои интихоб кардаи онҳо на танҳо эҳсоси дили ниёгонро тасаввур менамоем, балки тасаввури дили худ ҳам мегардонем, ба санги рӯи қабр назар карда гузаштагонро ёд мекунем. Ба ёд меорем онҳоеро, ки моро ба дунёё овардаанд, дар зиндагиашон тухми некӣ коштаанд, ба мо соҳиб маслиҳату азиз буданд.

*Хуш бош, ки олам гузарон хоҳад буд,*
*Рӯҳ, аз паи тан наъразанон хоҳад буд.*
*Он косаи саре, ки булҳавас мебинӣ,*
*Зери қадами кӯзагарон хоҳад буд.*

## ХАМСАДОГӢ БО КИШВАРИ ДУРДАСТ.

PDF Compressor Free Version

### Катибаҳои Озарбойҷон[1]

Хатҳои рӯи санг, ки дорои шеърҳои форсӣ-тоҷикӣ мебошанд, берун аз ҳудуди Осиёи Миёна зиёд пайдо шудаанд. Намунаҳои беҳтарини ин навъ хатҳо дар ҳудуди Озарбойҷон низ гирд омадаанд. Дар омӯхтани ин хатҳо саҳми доктори илми таърих Машҳадихонум Нейматова калон буда, аз рӯи нашри ин муаллиф мо матнҳои зеринро интихобан манзури хонандагон гардонидем. Мақсади ин чоп муқоисаи матни катибаҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Куҳистони тоҷик бо катибаҳои Озарбойҷон мебошад, ки сарфи назар аз ҳамдигар дур будани ин сарзаминҳо, канандаҳо тақрибан як мазмун матнро ба рӯи санг муносиб дидаанд. Такрор шудани як матн ва эҳтиёҷмандии канандаҳо ба онҳо, ҷолиби диққат буда, дар оянда барои омӯхтани алоқамандии адабиёту маданияти халқи тоҷик бо халқи туркзабони Озарбойҷон сарчашмаи нодири таърихӣ ва адабӣ хоҳад гашт.

Матни зеринро аз рӯи санги мармари сандуқшакл, соли 1364 ба рӯи қабри Ҷамолиддин бинни Гуршасб, ки дар қасри Ширвоншоҳони Боку мадфун шудааст, кандаанд:

*Он гул, ки ба боғнав ба даст омада буд,*
*Нашкуфта ҳанӯз боди қаҳраш бар рабуд.*
*Бечора басе умедгуле дар дил дошт*
*Умед дарозу умр кӯтоҳ, чӣ суд?*

Ҳамин байтҳо соли 1471 дар рӯи санги шахси дигар, ки дар деҳаи Машхани ноҳияи Астарини Озарбойҷон дафн шудааст, такрор мешавад.

1. Интихоб аз китобҳои чопкардаи олими шинохтаи Озарбойҷон, катибашинос Нейматова Машҳадихонум.

Дар рӯи санги қабр, ки аз ҳудуди шаҳри Ордубод, пайдо шудааст, чунин матн (бе сана) канда шудааст:

*Аз кори қазо агарчӣ кардам парҳез,*
*Аз дасти аҷал нагӯфтам пои гурез.*
*Дар хонаи зарнигори удвони ҷаҳон,*
*Нанишаста будам ҳанӯз, гуфтанд, ки «хез»!*

PDF Compressor Free Version

Дар қабристони деҳаи Гимилкишлоқи ноҳияи Хачмас чунин матни бе сана ба рӯи қабри Ҳоҷи Муҳаммад канда шудааст:

*Бо халқ ба ҷуз рӯи риё дар нагирифт*
*Ҳар ҳилла ки дар тасаррруфи ақл омад,*
*Кардем, валек бо худо дар нагирифт.*

Ин рубоӣ ҷолиби диққат мебошад. Мутаассифона мисраи аввали ин рубоӣ дар чопи озарбойҷонӣ уфтодааст. Шояд ин мисра дар рӯи санг ҳам боқӣ намонда бошад. Вале матни пурраи ин рубоӣ, чуноне ки дар боло зикр ёфт, ҳанӯз дар соли 1428 аз тарафи канандаи Яғнобӣ Малик Калон дар шаҳи наздӣ деҳаи Ревомутки Маҷоҳ канда шуда буд. Барои муқоисаи вариантҳои гуногуни доштани ин рубоӣ, матни болоро такроран хотирнишон мекунем:

*Бо ҳукми худо тайи ризо дар нагирифт*
*Бо халқ ба ҷуз рӯи риё дар нагирифт.*
*Ҳар ҳилла, ки бо тассаруфи ақл омад,*
*Кардем, валек бо қазо дар нагирифт.*

Ин байтҳо низ дар рӯи сангҳои Кӯҳистони тоҷик бо варианти худаш такрор мешавад:

*Ҷаҳон, эй бародар, намонад ба кас,*
*Дил андар ҷаҳонофарин банду бас.*
*Макун тақя бар мулку дуньёву пушт,*
*Ки бисьёр кас чун ту офариду кушт.*

Байтҳои зерин дар рӯи санги сандуқшакли мармарии рӯи қабр дар деҳаи Каллахонаи ноҳияи Шемаха канда шудаанд:

*Аз ҷаҳон рафтему дил бардоштем,*
*Бо ҷаҳондорон ҷаҳон бигзоштем.*

*Мо амон пиндоштем аз дасти марг*
*Он ғалат будасту мо пин доштем.*

(ин байтҳо низ бо варианти худ дар сангҳои Кӯҳистони тоҷик дучор мешаванд).

*Эй, бо ту аҷал сахт набардӣ карда,*
PDF Compressor Free Version
*Гарм омада бо ҷони ту сардӣ карда,*
*Ин санги мазор бо ҳама сангдилӣ,*
*Аз баҳри ту ҷоми лоҷувардӣ карда.*
*Дар мотами ту даҳр басе шеван кард,*
*Лола ҳама хуни дида дар доман кард.*
*Гул ҷайби қабои арғувонӣ бидарид,*
*Қумри намади сиёҳ, дар гардан кард.*
*Эй марг! ҳазор хона вайрон кардӣ,*
*Дар мулки вуҷуд ғорати ҷон кардӣ.*
*Ҳар гавҳари қиммате, ки омад ба ҷаҳон,*
*Бурдиву ба зери хок пинҳон кардӣ.*

Ин матнҳо бо вариантҳои гуногун дар рӯи сангҳои ҳудуди Осиёи Миёна дучор мешаванд. Рӯбои охир дар рӯи якчанд сангҳои қабри асрҳои мухталиф, дар ноҳияҳои гуногуни Озарбойҷон, низ дучор шудаанд. Яке аз ин сангҳои бо ин рӯбоӣ оро ёфта соли 1531 ба рӯи қабри Аҳсанбек бинни Байрамбек гузошта шуда буд.

*Матнҳои дигар аз ҳамон деҳаи Каллахона:*
*Эй, ҳар нафас сад гуноҳ аз ман дида,*
*Аз лутфу карам пардаи ман надарида,*
*Эй, ман батар аз ҳарчӣ ба олам батар аст,*
*Эй, ту басе аз ман бадтар омӯзида(?)*
*Эй ҳарду нафасе сад гуноҳ аз ман дида,*
*Аз лутфу карам пардаи ман надарида.*

Матн аз санги рӯи қабр, ки дар музеи шаҳри Боку маҳфуз аст:

*Қадди болои ту дар хок, дареғест дареғ,*
*Зери хок ин гавҳари пок, дареғест дареғ.*
*Нозанине чу ту дар хоки лаҳад ҳаст ҳанӯз,*
*Моҳу хуршед дар афлок, дареғест дареғ.*

Радифи ин матн бо варианти нисбатан фарккунанда дар сангҳои рӯи кабри асри XVI аз мазори Муҳаммад Башоро ва кабристони деҳаи Каратоғи ноҳияи Турсунзода, дучор мешаванд.

Матнҳои зерин дар касри Шервоншоҳӣ шаҳри Боку маҳфуз мебошанд:

PDF Compressor Free Version

*Эй моҳи сипеҳр авҷи хубӣ рафтӣ,*
*Дар хок чу хуршед ғурубӣ рафтӣ.*
*Мо гирьякунон чу лола, ту хандазанон,*
*З-ин боғ ба зери нахли тубӣ рафтӣ.*

*Эй гул, ту зи боғи зиндагонӣ рафтӣ,*
*Пажмурда чу лолахазонӣ рафтӣ.*
*Нашкуфта гулат зи равзаи пири ҷаҳон,*
*Сад ҳайф, ба мавсими ҷавонӣ рафтӣ.*

*Дӯстон ҳар гаҳ гузар ба сӯи мазори ман кунед,*
*Хатми як дуо бар ҷони поки ман кунед.*

*Дареғ дард к-зин гулшани ҷаҳон рафтам,*
*Ба доғи ҳасрат аз ин боғу бӯстон рафтам.*
*Накард пири фалак ба ҷавониам раҳме*
*Ҳазор ҳайф, к-зин даҳр навҷавон рафтам.*

Матнҳои рӯи санг аз ноҳияи Исмоилли:

Аз рӯи кабри Алиризо бинни Ҳусайн, ки соли 1829 фавтидааст:

*Ин даврами рӯзгор, ки бо кас вафо накард,*
*Тири ҷафо бо аҳли маънӣ хато накард.*
*Ҳаёти рӯзгор ба болои ҳеҷ касе,*
*Пероҳане надӯхт, ки ӯро қабо накард.*

Матн аз санги рӯи кабрҳои ҳудуди шаҳри Ганча:

*Рабуд гурги аҷал ҳамчу нозпарварро,*
*Зи дасти соҳиб давро бихӯрд соғарро.*
*Зи захми тири ҳаводис даромад аз маркаб,*
*Ҳусайн кашид дар оғуш Алӣ Акбарро.*

*Дунё, ки дар он ҳаёт гум мебинам,*
*Базми фараҳаш ҳазор ғум мебинам.*
*Чун кӯҳна работест, ки аз ҳар тарафаш,*
*Роҳ ба биёбони адам мебинам.*

Кананда Мирзо Махдии табиб.

PDF Compressor Free Version

Матни зерин соли 1878 рӯи кабри Алибек ибни Хоҷаалиакбар гузошта шудааст:

*Дар айни ҷавонӣ зи ҷаҳон бигзаштам,*
*Аз амму падар, бародарон бигзаштам.*
*Аз хешу зи ошно равон бигзаштам,*
*Ман донаму холиқам, чӣ сон бигзаштам.*

*Ин даври фалак ҳамеша бокомам буд,*
*Дар маснади комронӣ ошёнам буд.*
*Ҳар кас, ки мехоҳад бишносад, ки киям,*
*Ибни Хоҷиалӣ Акбаралӣ номам буд.*

Матнҳои зерин аз шаҳри Ганча ба қалами кананда Мирзо Мехтии Ганчавӣ тааллук дорад, ки соли 1879 кандааст:

*Эй он, ки зи ҳоли хештан бехабарӣ,*
*Рӯзону шабон дар талаби симу зарӣ.*
*Сармояи ту аз ин ҷаҳон як кафан аст,*
*Онро, ки гумон нест барӣ ё набарӣ?*

(Ин матн дар рӯи сангҳои Кӯҳистони тоҷик низ канда шудааст).

*Хуш бош ки ғусса бегарон хоҳад буд,*
*Бар чархи қирон ахтарон хоҳад буд.*
*Хиште, ки қолаби ту хоҳанд задан,*
*Айвони сарой дигарон хоҳад буд.*
*Аз ҷон гузаштему ба ҷонон расидаем,*
*В-аз дард растаему ба дармон расидаем.*
*Аз тангнои даҳри данӣ ёфтаем наҷот.*
*Чун қатра заъиф ба имон расидаем.*
*Ин чархи ҷафопешаи олӣ буньёд,*
*Ҳаргиз гиреҳи кори касеро накушод.*

*Ҳар ҷо, ки диле дид, ки доге дорад,*
*Доги дигаре бар сари он дог ниҳод.*

*Хуш бош, ки олам гузарон хоҳад буд,*
*Руҳ аз паи тан наъразанон хоҳад буд.*
*Он косаи саре, ки булҳавас мебинӣ,*
*Зери қадами кӯзагарон хоҳад буд.*

PDF Compressor Free Version

Чӣ навъе ки дида мешавад, канандаҳои Озарбойҷон дар гузашта мисли канандаҳои Мовароуннаҳр ба рӯи сангҳои қабр марсия ва матнҳоро аз мероси классикони адабиёти форсу-тоҷик, аз дигар китобҳо ва аз даҳони халқ гирифта мекандаанд. Баъзе матнҳои интихоб кардаи онҳо ҳарчанд, ки дар маҳсули канандаҳои Мовароуннаҳр, махсусан Кӯҳистони тоҷик такрор шаванд ҳам, вариантҳои худро доро буда барои омӯхтани таърихи муштараки халқҳои ду сарзамин ҳамчун сарчашмаи таърихӣ хизмат хоҳанд кард.

*Ҳалқа гирди ман занед, эй пайкарони обу гил,*
*Оташе дар сина дорам аз ниёгони шумо.*

Иқбол

## КАТИБАҲОИ ШАҲРИ ҒАЗНИН[1]

Ғазнин /ё Ғазнӣ/ шаҳри қадима, дар асри X, дар замони ҳукмронии Сабуктегин */977-997/*, ба маркази давлати калони феодалӣ табдил ёфта буд. Тавонотарин подшоҳи хонадони, сулолаи Ғазнавиён Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (998-1030) буд, ки лашкаркашиҳои зиёд ва хунрезиҳои бепоён кардааст. Дар охири ҳукмронии Султон Маҳмуд Мовароуннаҳр то Хоразм тобеи ӯ шуд.

Дар асрҳои X-XII шаҳри Ғазнӣ ба яке аз марказҳои илму адабиёт мубаддал мешавад. Дар ин шаҳр Фирдавсӣ, Берунӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Саноӣ ва бисьёр шоиру олимони дигар зиндагӣ карда асарҳои безаволи худро офарида-

1. Асари олими афғон Шоӣ Муҳаммадшоҳ «Риёз ал-алвоҳи Ғазнӣ» истифода шудааст /Кобул, 1346-1967/

анд. Осорҳои таърихие, ки дар Ғазнӣ бино шуда, қисман то замони мо омада расидаанд, дар таърихи тамаддуни натанҳо халқи тоҷик ва халқҳои ин сарзамин, балки дар таърихи маданияти халқҳои ҷаҳон ҳиссаи арзандае гузоштаанд.

Ба рӯи қабри шоир ва файласуфи асри XI-XII - Саноӣ, ки дар шаҳри Ғазнии Афғонистон мадфун аст, ду санг гузоштаанд. Дар рӯи яке аз онҳо, ба ғайр аз иборахои арабӣ ва қуронӣ, чунин матн хонда шуд:

PDF Compressor Free Version

«Содир шуд вафоти шайхул олимул Фозил, шамсул орифин, қутбул муҳаққиқин, тӯтии шакаристони фасоҳат, булбули бӯстони балоғат, маҳзари асрори маънӣ, анвори алфози фикрия, яъне Маҷдудаддин Саноӣ дар санаи 525 /1130-1131/».

Мазори Хоҷа Абубакри Булғорӣ, олими соҳаи тарикат ва ҳамзамони Ҳаким Саноӣ, дар қисмати шимолии шаҳри Ғазнин, дар доманкӯҳ воқеъ аст. Соли таъмири биной мазор дар рӯи санги мармар 964 ҳиҷрӣ /1556-1557/ сабтшуда бо чунин рубоӣ хатм мешавад:

*Ин манзили дилкушои гардунфусҳат*
*К-аз нуру сафо омада рашки ҷаннат*
*Бар лавҳи замона аз паи таърихаш*
*Бинвишта фалак манзили кайвон рифъат.*

Дар рӯи лавҳи дигари дохили ин мазор:

*Шуд бародар аз ғамаш зору назор,*
*Пероҳанро то ба домонаш дарид.*
*Субҳ аз марғаш гиребончок кард,*
*Шом андар мотамаш гесу бурид.*
*Канд маҳ рухро ба нохуни ҳилол*
*То калаф бар чеҳраи ӯ шуд падид.*

Лавҳи мазори Султон Улуғбек ва Султон Абдураззок.

Султон Улуғбек бинни Султон Муҳаммад бини Мироншоҳ бини Амир Темур дар ҳангоми ҳаёти падараш дар санаи 861 ҳиҷрӣ (1456-1457) ҳукумати Ғазнин дошт. Чун Улуғбек дар санаи 907 ҳиҷрӣ (1501-1502), ки ҳам таърихи лавҳи ӯст, вафот кард умаро писари ӯ Абдураззокро, ки

ханӯз тифл буд, бар тахт нишониданд. Баъд аз чанде ӯро мактул сохтанд. Малфуни ин харду подшох дар миёни замҷи мебошад, ки дар наздики равзаи Султон Махмуди Ғазнавӣ воқеъ аст. Санге дар девори дарунӣ насаб аст, ки мутазамминии таърихи вафоти харду подшох аст.

PDF Compressor Free Version

Дар [illegible] Султон Улугбек:

*Он кас, ки бувад варо басорат,*
*З-ин руқъа бигбад у ишорат.*
*Таърихи вафоти шоҳ Улугбек,*
*Хуш бод бигуфтам ин башорат.*

907 (1501-152)

Дар лавхи Султон Абдураззоқ:

*Шоҳе, ки фурқаташ фалак гашта хароб,*
*Шамсу қамар аз ҳиҷр шуда дар табу тоб.*
*Таърихи вафоти он шоҳаншоҳи шаҳид,*
*Бар лавҳи фалак навишта бо хайру савоб.*

Сана 918 (1512-1513)

Мазори шайх Разиаддини Алилоло дар тарафи шимоли шарқии шаҳри Ғазнин воқеъ аст. Вай писари Шайх Саъдӣ аст. Шайх Саъдӣ бошад писари амми Ҳаким Саноӣ аст. Шайх Разиаддин Алилоло аз ҷумлаи машоихи кубор аст. Ӯ ба мулозимати Шайх Наҷмиддини Кубро расида, ки дар «Нафоҳат ал-унс»-и Ҷомӣ мастур аст. Ӯ дар сеюми моҳи рабиъ ул-аввал санаи 642 ҳиҷрӣ ( 10 августи соли 1244) дар Ғазнин вафот намуда, ин рубоӣ аз манзумоти эшон аст:

*Ҳам ҷон ба ҳазор дил гирифтори ту ҳаст,*
*Ҳам дил ба ҳазор ҷон харидори ту аст.*
*Андар талабат на хоб дорад на қарор,*
*Он кас, ки дар орзуи дидори ту ҳаст.*

Матни алвоҳ дар муқобили манорҳои маъруфи Ғазнин, тарафи шарқии онҳо воқеъ буда, онро ба рӯи қабри олим Имом Шаҳид Абдураҳмон ас-Соғонӣ моҳи рамазони 749 ҳиҷрӣ (ноябр-декабри соли 1348) гузоштаанд:

*Обы ҳаёти хулд, дарего, сароб шуд,*
*Бурҷе зи осмони маъонӣ хароб шуд.*

анд. Осорхои таърихие, ки дар Ғазнӣ бино шуда, қисман то замони мо омада расидаанд, дар таърихи тамаддуни натанхо халқи тоҷик ва халқхои ин сарзамин, балки дар таърихи маданияти халқхои ҷаҳон ҳиссаи арзандае гузоштаанд.

Ба рӯи кабри шоир ва файласуфи асри XI-XII - Саноӣ, PDF Compressor Free Version ки дар шаҳри Ғазнии Афғонистон мадфун аст, ду санг гузоштаанд. Дар рӯи яке аз онҳо, ба ғайр аз иборахои арабӣ ва қуронӣ, чунин матн хонда шуд:

«Содир шуд вафоти шайхул олимул Фозил, шамсул орифин, қутбул муҳаққиқин, тӯтии шакаристони фасоҳат, булбули бӯстони балоғат, маҳзари асрори маънӣ, анвори алфози фикрия, яъне Маҷдудаддин Саноӣ дар санаи 525 /1130-1131/».

Мазори Хоҷа Абубакри Булғорӣ, олими соҳаи тариқат ва ҳамзамони Ҳаким Саноӣ, дар қисмати шимолии шаҳри Ғазнин, дар доманкӯҳ воқеъ аст. Соли таъмири бинои мазор дар рӯи санги мармар 964 ҳиҷрӣ /1556-1557/ сабтшуда бо чунин рубоӣ хатм мешавад:

*Ин манзили дилкушои гардунфусҳат*
*К-аз нуру сафо омада рашки ҷаннат*
*Бар лавҳи замона аз паи таърихаш*
*Бинвишта фалак манзили кайвон рифъат.*

Дар рӯи лавҳи дигари дохили ин мазор:

*Шуд бародар аз ғамаш зору низор,*
*Пероҳанро то ба доманаш дарид.*
*Субҳ аз марғаш гиребончок кард,*
*Шом андар мотамаш гесу бурид.*
*Канд маҳ рӯхро ба нохуни ҳилол*
*То калаф бар чеҳраи ӯ шуд падид.*

Лавҳи мазори Султон Улуғбек ва Султон Абдураззоқ.

Султон Улуғбек бинни Султон Муҳаммад бини Мироншоҳ бини Амир Темур дар ҳангоми ҳаёти падараш дар санаи 861 ҳиҷрӣ (1456-1457) ҳукумати Ғазнин дошт. Чун Улуғбек дар санаи 907 ҳиҷрӣ (1501-1502), ки ҳам таърихи лавҳи ӯст, вафот кард умаро писари ӯ Абдураззоқро, ки

ҳанӯз тифл буд, бар тахт нишониданд. Баъд аз чанде ӯро мақтул сохтанд. Мадфуни ин ҳарду подшоҳ дар миёни замчи мебошад, ки дар наздики равзаи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ воқеъ аст. Санге дар девори дарунӣ насаб аст, ки мутазамминни таърихи вафоти ҳарду подшоҳ аст.

*Дар рӯи лавҳи Султон Улуғбек:*

PDF Compressor Free Version

*Он кас, ки бувад варо басорат,*
*З-ин руқъа биёбад ӯ ишорат.*
*Таърихи вафоти шоҳ Улуғбек,*
*Хуш бод бигуфтам ин башорат.*
907 (1501-152)

Дар лавҳи Султон Абдураззоқ:
*Шоҳе, ки фурқаташ фалак гашта хароб,*
*Шамсу қамар аз ҳиҷр шуда дар таву тоб.*
*Таърихи вафоти он шоҳаншоҳи шаҳид,*
*Бар лавҳи фалак навишта бо хайру савоб.*
Сана 918 (1512-1513)

Мазори шайх Разиаддини Алилоло дар тарафи шимоли шарқии шаҳри Ғазнин воқеъ аст. Вай писари Шайх Саъдӣ аст. Шайх Саъдӣ бошад писари амми Ҳаким Саноӣ аст. Шайх Разиаддин Алилоло аз ҷумлаи машоихи кубор аст. Ӯ ба мулозимати Шайх Начмиддини Кубро расида, ки дар «Нафоҳат ал-унс»-и Ҷомӣ мастур аст. Ӯ дар сеюми моҳи раби ул-аввал санаи 642 ҳиҷрӣ ( 10 августи соли 1244) дар Ғазнин вафот намуда, ин рубоӣ аз манзумоти эшон аст:

*Ҳам ҷон ба ҳазор дил гирифтори ту ҳаст,*
*Ҳам дил ба ҳазор ҷон харидори ту аст.*
*Андар талабат на хоб дорад на қарор,*
*Он кас, ки дар орзуи дидори ту ҳаст.*

Матни алвоҳ дар муқобили манорҳои маъруфи Ғазнин, тарафи шарқии онҳо воқеъ буда, онро ба рӯи қабри олим Имом Шаҳид Абдураҳмон ас-Соғонӣ моҳи рамазони 749 ҳиҷрӣ (ноябр-декабри соли 1348) гузоштаанд:

*Оби ҳаёти хулд, дареғо, сароб шуд,*
*Бурҷе зи осмони маъонӣ хароб шуд.*

*Сарве зи бустони маъолӣ фуру шикаст,*
*Моҳи тамоми фалак ба зери ниқоб шуд.*

Матни лавҳи олиму обиди ҷавон Мавлоно Хоҷа Ёрмуҳаммад бини Хоҷа Шамсиддини Ғазнавӣ, ки моҳи раҷаби соли 1006 ҳиҷрӣ (январь-феврали соли 1599) фавтидааст:

PDF Compressor Free Version

*Ку Ёрмуҳаммад, он гули сурх*
*Ку ҳиммату ҷуръату камолаш*
*Он сарв, ки дар ҳадиқаи ҷуд*
*Нахле набувад ба эътидолаш.*
*Аз шоҳи мурод ибн Хоҷа*
*Афтод зи по саҳи ниҳолаш*
*Нашкуфта гуле зи боғи уммед*
*Бар боди фано бирафт зилолаш.*
*Худ саҳми қазо нишонааш сохт,*
*Шуд саҳми қазо нишони солаш.*

Матни лавҳи Муҳаммадбек бини иморатшиор Ҷололаддин бини Амир Иброҳим дар санаи 957 ҳиҷрӣ (1550):

*Зери гили тангдил, эй ғунчаи раъно чунӣ?*
*Бе ту мо ғарқа ба хунем, ту бе мо чунӣ?*
*Бе ту бар рӯи замин танг шуда бар мо ҷой,*
*Ту ки дар зери замин сохтаӣ ҷой, чунӣ?*

(Порча аз марсияи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба вафоти писараш Сайфиддин аст.)

*Ҳирот чашму чароғи ҷамъи булдон аст,*
*Ҷаҳон тан аст ба нисбат, Ҳирот чу ҷон аст.*
*Шудааст синаи рӯи замин Хуросон, лек,*
*Ҳирот аз роҳи маънӣ дили Хуросон аст.*

Хоҷӣ Тоҷ ас-Салмонӣ

PDF Compressor Free Version

## ИНТИХОБ АЗ МАТНҲОИ МАЗОРОТИ ҲИРОТ[1]

Кишвари Хуросон бо шаҳрҳои қадима ва калонтарини худ Нишопур, Балх, Марв ва махсусан марказаш шаҳри Ҳирот дар таърихи тамаддуни на танҳо халқҳои Осиёи Марказӣ, балки тамоми инсоният ҳиссаи оламшумул гузоштааст. Ҳоло шаҳри Ҳирот ба монанди дигар шаҳрҳо ба қисм номбар мешавад - шаҳри кӯҳна ва шаҳри нав. Дар қисми шимолии шаҳри кӯҳна, дар наздикии бозори Малик



قلعهٔ اختیارالدین در هرات.

Қалъаи Ихтиёриддин дар Ҳирот.

1. Маҷмуаи олими маъруфи афғон Фикрии Салҷуқӣ «Рисолаи мазороти Ҳирот», Кобул: 1344/1965 истифода шудааст.

ва ғарбии Пойҳисор ном (ҷанубии шаҳри нав) харобаҳои арки Ҳирот бо номи қалъаи Ихтиёриддин намуддор аст. Ин қалъа ёдгории айёми Искандари Мақдунӣ ё пеш аз ӯ мебошад.

Бо номи арки Ҳирот ҳаёти чандин шоиру олимони гузаштаи тоҷик пайванд аст. Онҳо баъзан аз душманони худ дар ҳамин арк паноҳ ёфтаанд, дар мудофиаи қалъа иштирок доштаанд ё худ ҷони худро дар зери деворҳои қалъаи Ихтиёриддин фидо намуда, дар Ҳирот мадфун шудаанд. Масалан, қабри Мавлоно Алии Сафӣ, писари Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар зери арки Ҳирот, дар Пойҳисор ҷойгир буда, таърихи вафоташ дар лавҳи болои сараш соли 933 ҳиҷрӣ (1526-1527) сабт гардидааст.

Дар қалъаи Ихтиёриддин писари Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ - Зиёваддин Юсуф маҳбус буд. Иродатмандони ин бузургзода ӯро аз қалъа медузданд. Зиёваддин Юсуф ба маҳалли Ораби Уба рафта муқим мешавад ва дар ҳамон ҷо аз дунъё меравад. Ҳоло манзилеро, ки оромгоҳи Зиёваддин Юсуф он ҷост, Орифи Ҳафтқалла меноманд. Таърихи вафоти ӯ маълум нест. Санги мазораш низ чандон қадима нест.

Ин қитъа ба хокаш маҳкук аст:

*Агар хоҳӣ, ки ёбӣ зери чархи нилгун тамкин,*
*Биё, дар турбати поки зиё-ал-миллати в-ад-дин.*
*Тавофи марқадаш равшан кунад ҳар дидаи аъмо,*
*Ҳавои турбаташ фарҳатфазои ҳар дили ғамгин.*

Шоири ширинкаломи тоҷик Бадриддини Ҳилолӣ низ дар зери арки Ҳирот, дар Пойҳисор мадфун аст. Дар болои қабри Ҳилолӣ ду матн ба забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ навишта шудааст: «Ин қабри мунаввари бадрулмиллат ваддин Ҳилолии Чағатой-ал-Ҳиравӣ аш-шоир. Таърихи вафот 936 ҳиҷрӣ» (1529-1530). Ин матн бо як байти худи Ҳилолӣ, ки ҳангоми ҷонбозӣ замзама кардааст, хатм мешавад:

*«Ин қатраи хун чист ба рӯи ту Ҳилолӣ,*
*Гӯё, ки дил аз ғусса ба рӯи ту давида.»*

Дар рӯи қабрӣ Фахриддини Розӣ - олими давраи Ғуриён (544-606/1149-1150/1209-1210) низ як байти худи ӯ



PDF Compressor Free Version

хакокӣ шудааст:

*Ҳаргиз дили ман зи илм маҳрум нашуд,*
*Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд.*

Ин китъаи таърихӣ ба лавҳи мазори Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ сабт шудааст:

PDF Compressor Free Version

*Носеҳу Файёз Мавлоно Ҳусайни Кошифӣ,*
*Он ки ганҷи маърифат дар махзани дилҳо ниҳод.*
*Дидамаш дар воқеа дар минбари арш аз шараф,*
*Гуфтамаш: таърихи фавтат чист, эй соҳибрашод?*
*Гуфт: Чун шуд баъд аз ин бар минбари аршам мақом.*
*Аз паи таърих мегу «минбари мо арш бод!»*

Иборая «минбари мо арш бод!» моддаи таърих буда, соли вафоти Мавлоно Ҳусайн Кошифист, ки аз он 910 ҳиҷрӣ (1504-1505) мебарояд.

Лавҳи оромгоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) дар Ҳирот ҳанӯз дар асри XVI нобуд шуда буд. Соли 1305 ҳиҷрӣ



لوح مزار جامی.

Лавҳи Мазори Ҷомӣ

PDF Compressor Free Version

ва ғарбии Пойҳисор ном (ҷанубии шаҳри нав) харобаҳои арки Ҳирот бо номи калъаи Ихтиёриддин намуддор аст. Ин қалъа ёдгории айёми Искандари Макдунӣ ё пеш аз ӯ мебошад.

Бо номи арки Ҳирот ҳаёти чандин шоиру олимони гузаштаи тоҷик пайванд аст. Онҳо баъзан аз душманони худ дар ҳамин арк паноҳ ёфтаанд, дар мудофиаи калъа иштирок доштаанд ё худ ҷони худро дар зери деворҳои калъаи Ихтиёриддин фидо намуда, дар Ҳирот мадфун шудаанд. Масалан, кабри Мавлоно Алии Сафӣ, писари Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар зери арки Ҳирот, дар Пойҳисор ҷойгир буда, таърихи вафоташ дар лавҳи болои сараш соли 933 ҳиҷрӣ (1526-1527) сабт гардидааст.

Дар қалъаи Ихтиёриддин писари Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ - Зиёваддин Юсуф маҳбус буд. Иродатмандони ин бузургзода ӯро аз қалъа медузданд. Зиёваддин Юсуф ба маҳалли Ораби Уба рафта муқим мешавад ва дар ҳамон ҷо аз дунъё меравад. Ҳоло манзилеро, ки оромгоҳи Зиёваддин Юсуф он ҷост, Орифи Ҳафткалла меноманд. Таърихи вафоти ӯ маълум нест. Санги мазораш низ чандон кадима нест.

Ин қитъа ба хокаш маҳкук аст:

*Агар хоҳӣ, ки ёбӣ зери чархи нилгун тамкин,*
*Биё, дар турбати поки зиё-ал-миллати в-ад-дин.*
*Тавофи марқадаш равшан кунад ҳар дидаи аъмо,*
*Ҳавои турбаташ фарҳатфазои ҳар дили ғамгин.*

Шоири ширинкаломи тоҷик Бадриддини Ҳилолӣ низ дар зери арки Ҳирот, дар Пойҳисор мадфун аст. Дар болои қабри Ҳилолӣ ду матн ба забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ навишта шудааст: «Ин кабри мунаввари бадрулмиллат ваддин Ҳилолии Чағатой-ал-Ҳиравӣ аш-шоир. Таърихи вафот 936 ҳиҷрӣ» (1529-1530). Ин матн бо як байти худи Ҳилолӣ, ки ҳангоми ҷонбозӣ замзама кардааст, хатм мешавад:

*«Ин қатраи хун чист ба рӯи ту Ҳилолӣ,*
*Гӯё, ки дил аз ғусса ба рӯи ту давида.»*

Дар рӯи кабрӣ Фахриддини Розӣ - олими давраи Ғуриён (544-606/1149-1150/1209-1210) низ як байти худи ӯ

ҳакокӣ шудааст:

*Ҳаргиз дили ман зи илм маҳрум нашуд,*
*Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд.*

Ин китъаи таърихӣ ба лавҳи мазори Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ сабт шудааст:

PDF Compressor Free Version

*Носеҳу Файёз Мавлоно Ҳусайни Кошифӣ,*
*Он ки ганҷи маърифат дар махзани дилҳо ниҳод.*
*Дидамаш дар воқеа дар минбари арш аз шараф,*
*Гуфтамаш: таърихи фавтат чист, эй соҳибрашод?*
*Гуфт: Чун шуд баъд аз ин бар минбари аршам мақом,*
*Аз паи таърих мегу «минбари мо арш бод!»*

Ибораи «минбари мо арш бод!» моддаи таърих буда, соли вафоти Мавлоно Ҳусайн Кошифист, ки аз он 910 ҳиҷрӣ (1504-1505) мебарояд.

Лавҳи оромгоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) дар Ҳирот ҳанӯз дар асри XVI нобуд шуда буд. Соли 1305 ҳиҷрӣ



لوح مزار جامی.
Лавҳи Мазори Ҷомӣ

PDF Compressor Free Version



آرامگاه نوایی.
Оромгохи Навоӣ

(1887-1888) лавҳаи ҷадидро бо қалами Мулло Муҳаммад Ҳусайни Салҷуқӣ оро дода ба сари оромгоҳаш гузоштаанд:

«... Товуси рухи муқаддас, анқои қофи лоҳут, шоҳбозӣ баландпарвози авҷи ҷабарут, маҳбити анвори қидам, кошифи асрори улуми ҳикмат, маснаднишини каъбаи олимақомӣ, булбули хушоҳангӣ баҳористони баландномӣ, орифи номӣ ва қутби кирамӣ мавлоно Нуру-ал-ҳақ в-ал-миллат в-ал-дин Абдураҳмон ал-Ҷомӣ».

PDF Compressor Free Version

Ба рӯи қабри Навоӣ дар Ҳирот (дар боғи ба номи Беҳзод) соли 1945 санги мармари сиёҳ гузошта, ба рӯи он китъае, ки таърихшиноси маъруфи замони ӯ Хондамир гуфта буд, кандаанд:

*Ҷаноби Амири ҳидоятпаноҳӣ,*
*Ки зоҳир аз ӯ гашт осори раҳмат.*
*Шуд аз хорзори ҷаҳон сӯи боғе,*
*Ки он ҷо шукуфтаст гулзори раҳмат.*
*Чу нозил шуд анвори раҳмат ба рӯҳаш,*
*Биҷӯ соли фавташ зи «анвори раҳмат».*

Ибораи «анвори раҳмат» моддаи таърих буда, аз он соли 906 хиҷрӣ (1500-1501) ҳосил мешавад.

Қитъаи санги рӯи қабри шогирди Абдураҳмони Ҷомӣ Абдулғафури Лорӣ дар Ҳирот:

*«Чу шуд Абдулғафур, он комили аср,*
*Ба уқбо ғарқ аз дарёи ғуфрон.*
*Саромад рӯзгори фазлу дониш,*
*Фурӯ рафт офтоби илму ирфон,*
*Чу хоҳи рӯзу моҳу соли фавташ,*
*Бигӯ «Якшанбау панҷум зи шаъбон».*

Ибораи «якшанбау панҷум зи шаъбон» моддаи таърихи буда, соли 902 хиҷрӣ (22 декабри 1506) ҳосил мешавад.

Дар рӯи қабри шогирд ва хоҳарзодаи Абдураҳмони Ҷомӣ - Ҳотифӣ, ки низ дар Ҳирот мадфун аст, лавҳи мармарии олӣ гузошта, китъае нақш кардаанд, ки ду байти охири он ин аст:

*Аз боғи даҳр Ҳотифӣ хушкалом рафт,*
*Сӯи риёзи ҳулд бо сад айшу сад тараб.*

*Ҷон доду рӯ ба равзаи поки расулу гуфт:*
*«Рафт аз ҷаҳон касе, ки бувад лутфу шеъри ӯ,*
*Ошуби турку шӯри аҷам, фитнаи араб.*
*Таърихи фавти ӯ талабидам зи ақл гуфт,*
*Аз шоири ҷаҳону шаҳи шоирон талаб!»*

PDF Compressor Free Version

Доир ба ҷои дафн шудани наққоши номӣ Беҳзод (1535) дар илми шарқшиносӣ ду ақида ҳаст. Гурӯҳе ҷои дафни ӯро Ҳирот, гурӯҳи дигар Табриз медонанд. Баъзеҳо маркади Беҳзодро дар Табриз дониста, катибаи қабри ӯро, ки аз байтҳои зайл иборат аст, барои исботи фикри худ овардаанд:

*Воҳиди аср Беҳзод, он ки чун ӯ,*
*Зи батни модари айём кам зод.*
*Аҷал чун сурати умраш бипардохт,*
*Қазо хоки вуҷудаш дод бар бод.*
*Зи ман суратгаре таърих пурсид,*
*Бад-ӯ гуфтам ҷавобе аз ҷони ношод:*
*Агар хоҳӣ, ки таърихаш бидонӣ,*
*Назар афкан ба «хоки поки Беҳзод».*

## Катибаи мазори Саъдаддин Кашғарӣ

Мавлоно Саъдаддин Кашғарӣ пири таърикати Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аст. Ӯ соли 860 хиҷрӣ (1456) вафот карда, дар Мазори «Мавлави Ҷомӣ» мадфун аст.

*Бонӣ аъзам зи ҷамъи зоирин,*
*Менамояд илтимосе инчунин.*
*Кай гурӯҳи зоирин аз хосу омм*
*Чун дарояд андарин хуш сарзамин.*
*Бо хузуъу бо хушуъу бо ҳузур*
*Аз сафои ботину сидқи яқин*
*Бар шумо ҳар як саодат мерасад,*
*Аз зиёрат кардани ин Саъдиддин.*
*Руҳи Мавлоно мададгори шумост,*
*Ҳар нафас хоса ба вақти охирин.*
*Зиндаанд ин некмардони худой,*
*Дар ҷувори раҳмат ул-оламин.*
*Дорам аз ҳар як таманнои дуо,*

PDF Compressor Free Version



لوح مزار سعدالدین کاشغری.

Лавҳи мазори Саъдаддини Кошғарӣ

*Меравад то ин шуҳуру ин санин.*
*Ҳаст умедам ки гардад мустаҷоб,*
*Ҳар дуо, ки ояд аз ҳабли ҳазин.*
*Дар ҳазору сесаду панҷ насб шуд,*
*Ин ду лавҳи дилрабои нозанин.*

Рокими Муҳаммадумар

Аз ин матн маълум мешавад, ки соли 1305 ҳиҷрӣ (1887-1888) бо дасти Муҳаммадумар ном шахс дар рӯи кабри Саъдаддини Кошғарӣ ду лавх гузоштаанд. Сабаб он ки лавхи пештараи мазори ӯ дар фатароти Ҳирот бо қабри Ҷомӣ ва дигар қабрхо хароб шуда, лавҳаҳои онҳо шикаста нобуд шудаанд.

*Нақли лавҳи поёни пои Саъдаддин Қошғарӣ:*
*Хуш он-ку пок шуд якбора аз олиши дилҳо,*
*Ҳамеша тоири руҳаш занад пар ҷонибди уқбо.*
*Ба ғайр аз дӯст чашм аз мо савои ӯ ниҳад барҳам,*
*Ки баъд аз марг бар рӯяш кушояд дидаи бино.*
*Ба девори ризои ӯ фуруд орад сари таслим,*
*Ба фарқи Фарқадон он гаҳ гузорад пои истиғно*
*Ба сони ҳодии роҳи сулуки шаръи Саъдаддин,*
*Ки буди Қошғар ӯро ба зоҳир манзилу маъво.*
*Вале дар ҳар аволим сайрҳо мекард дар ваҳдат,*
*Чӣ андар олами сурат,чӣ андар олами маъно.*
*Назар афканд рӯзе ҳазраташ бар Орифи Ҷомӣ [1].*
*Ка-зон ҷоми назар шуд масту омад торики дунё.*
*Муриди хоси Мавлоно Низомаддин хомӯш аст,*
*Вай омад аз муридони Аловаддин Мавлоно.*
*Ба Шоҳи Нақшбанд ин хоҷа боз омад, иродат ҷӯ,*
*Бувад номи ҳумоюнаш Баҳоваддин ба ҳар инҷо.*
*Кунун аз саъи ҳамномаш ҷалилулқадр Саъдаддин,*
*Ки аз султони Кобул дар Ҳоирӣ буд бар ҳама мавло.*

Ду санг аз бахри лавхи маркади покаш мунаққаш шуд:

*Яке зинат гирифт аз сар, дигар равнақ намуд аз по,*
*Ба зебоиву раънои ту гӯи ҳарду мемонад.*
*Яке чун сарв дар бӯстон, яке дар хулд чун тубо.*

1. Яъне ба Мавлоно Ҷомӣ.

*Вафоти ӯ ба соли ҳашсаду шаст омад аз ҳиҷрат,*
*Ки шуд зин маркази асфал ба сӯи кунбади аъло.*
*Паи таърихи соли насби лавҳаш Гавҳарӣ гуфто:*
*Далели хайр шуд ҷуди вуҷуди волии воло.*

Рокима Муҳаммадумар.

PDF Compressor Free Version

Лавҳи мазори Мавлоно Муҳаммад, бародари Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ. Ӯ пеш аз бародари худ соли 877 ҳиҷрӣ (1472-1473) вафот кардааст. Мавлоно Ҷомӣ аз марги бародар сахт дилтанг шуда таркиббанди пурдарду сӯз ба марсияи ӯ суруда ва ғазале зи ашъори Мавлоно Муҳаммадро дар он таркиб гунҷонида. Банде аз он марсия:

*Ман будам аз замона кироми бародаре,*
*Дар машриқ камоли дурахшанда ахтаре.*
*Зи сон бародаре ки дар атвори фазлу илм,*
*Чун ӯ назод модари айём дигаре.*
*Дар бӯстони фазл сароянда булбуле,*
*Дар осмони илм дурахшанда ахтаре.*
*Хуршеди авҷи фазл Муҳаммад, ки бардавом,*
*Пеши қадам зи нури қадам дошт раҳбаре.*
*Дардову ҳасрато, ки зи боғи ҷаҳон бирафт,*
*Нохурда аз ниҳоли камолоти худ баре.*
*Як шамма аз шамоили ӯ гар баён кунам,*
*Ҷамъ ояд аз «Макорими ахлоқ» дафтаре.*
*Чун ӯ надида дидаи айём қарнҳо,*
*Равшандиле, дақиқашиносе, суханваре.*
*Ин нуқта гӯшдор, ки дурри гаронбаҳост,*
*Назми бадеъи ӯст, вале ҳасбу ҳоли мост.*

*Рафтиву дарду доғи туам ёдгор монд,*
*Сад ҳасрат аз ту дар дили умедвор монд.*
*Булбул кашид ранҷи гулистону оқибат,*
*Гулро сабо рабуду аз ӯ баҳраи хор монд.*
*Дарё шуд аз сиришк канорам, вале чӣ суд?*
*К-он гавҳари яконаи ман бар канор монд.*
*Зи ёри меҳрубон ба карам дастгире,*
*К-аз даст рафт кораму дастам зи кор монд.*
*Дар ҳайратам, ки аз дили решам асар намонд,*
*В-ин сӯзи беқарории дил, барқарор монд.*

*Он кас, ки буд орзуи ҷон, зи даст шуд,*
*В-ин ҷон зор монду надонам чӣ кор монд.*
*Хоре ҳамехалид маро дар дил аз гуле,*
*Он гул намонду дар дилам ин хор-хор монд.*
*Ҳарфе, ки ёбам аз қалами мушкбори ӯ,*
*Созам ҳамоил дилу ҷон ёдгори ӯ.*

PDF Compressor Free Version

Лавҳи мазори шайх ул-ислом Мавлоно Мирҳасан ал-Ҳусайнии Убаҳӣ. Вафот соли 1042 ҳиҷрӣ (1632-1633)

*Ҳайф к-ин сармояи иззу шараф*
*Маъдани ҳилму ҳаёу кони ҷуд.*
*Ахтари бурҷи саёдат, шамъи дин,*
*Шаҳбозӣ кунгари чархи кабуд.*
*Аз ҷаҳон рафт, аз фироқаш дӯстон,*
*Сӯхтанд аз фурқаташ монанди ур.*
.......................................................
*Чун Мирҳасан ба раҳмати ҳақ,*
*Аз дори ҷаҳон сӯи ҷинон рафт.*
*Он маънбаи ҷуду маъдани файз,*
*Чун нур ҷи чашми дӯстон рафт.*
*Султони шариату тариқат,*
*Бар ҷодаи муҳақиқон рафт.*
*Гӯё ба мисоли нури хуршед,*
*Омад ба канору аз миён рафт.*
*Аз фурқати он ягонаи аср,*
*Ором зи ҷони нотавон рафт.*
*Ҷустам таърихаш зи хирад, гуфт,*
*Қутб ул-ақтобам аз миён рафт.*

*Хушо ишратсарои Кобулу домони кўҳсораш,*
*Ки нохун бар дили гул мезанад мижгони ҳар хораш.*

Хусрави Ноиб

## МАТНҲО АЗ МАЗОРОТИ ШАҲРИ КОБУЛ.[1]

PDF Compressor Free Version

Дар дохили гунбади чадиди Пухтакорӣ ном мазор кабри шахси номаълум чунин матн дорад:

*Доду бедод аз ҷафои чархи дуни сангдил*
*Оҳу афғон аз ситамҳои ҷаҳони ҳиллакор*
*Не фалак дорад ғами дилҳои хунолударо*
*Не ба меҳру улфати даҳр аст ҳаргиз эътибор.*
*Бурд аз пеши назар фарзона мардеро қазо*
*Сохт аз маргаш дили аҳбобро яксар фигор.*

Соли вафоташ 1339/1911.

Матни рӯи кабри Мир Соҳиби Кассоби куча (соли вафот 1364-1944):

*Марги соҳибдил ҷаҳонеро далели кулфат аст,*
*Шамъ чун хомӯш гардад доғи маҳфил мешавад*

Кананда Муҳаммад Иброҳим Халил:

*Бор ёбӣ чу ба хоки дари соҳибназарон*
*Ҷинни домони адаб кун хатти пешониро*

Бедил

Матни рӯи кабри устоди фанни мусиқӣ Қосим, 15 сентябри 1956:

*Дар хароботи муғон имрӯз сози мотам аст,*
*Навҳаи ҷонсӯзи ғам дар нағмаи зеру бам аст.*
*Аз мақоми айш меояд суруди ғам ба гӯш,*
*Дилрабо хомӯш, чун дилдодагон дарҳам аст.*
*Мехалад дар дил ба ранги чанги шоҳин савтчанг,*
*Пардаи ушшоқро сози тараннум пурнам аст.*
*Тори умр, устод Қосимро ба мизроби аҷал,*
*Ҳаштуми моҳи сафар даврон гусаста аз ҳам аст.*
*Руҳи мусиқӣ зи дарди хориҷи оҳанги ӯ,*
*Чун қулуби дастаҳои соз, зору барҳам аст.*

1.Аз асари олими афғон Муҳаммад Иброҳим Халил «Мазороти шаҳри Кобул».1339/1960

Дар рӯи кабри Азиза ном духтар, ки 15 моҳи шавволи соли 1370 ҳ. (21 июли соли 1950) фавтидааст:

*Ҳай, ҳай ки чу барқ аз назар рафт,*
*Ҳай, ҳай бо шитоб чун саҳар рафт.*
*В-аз тири нигоҳ тезтар рафт,*
*Чун зард аз сояди дар рафт.*

PDF Compressor Free Version

*Вақте бўи муҳаббатам буд,*
*Бо ҳар сари мўяш улфатам буд.*
*Эй, гумшуда нури дидаи ман,*
*Эй, оҳуи наврамидаи ман.*
*Эй, наҳли басар расидаи ман,*
*Раҳме ба қади хамидаи ман.*
*Рафти агарам зи чашми бедор,*
*Бинмой маро ба хоби дидор.*
*Эй, боғу баҳори ман куҷоӣ?*
*Эй, лолаузори ман куҷоӣ?*
*Хушнағмаи ҳазори ман куҷоӣ?*
*Гар рӯй наменамоӣ охир,*
*Бифирист паёме, эй мусофир!*

Матни рӯи кабри Абдулло Каддоф (вафот охири асри XVIII- аввали XIX). Ӯ марди хушсӯҳбат ва рафиқи некахлоқ буда ба муҷаррадӣ зистааст:

*Басо тоқ шуд хоробу ҳамон бесутун баҷост,*
*Бунёди ишқ, бин ки чист он маҳками ӯ фитад?*

Порча аз матни рӯи кабри Биби Соҳиббегим бинти Комрон, завҷаи Шоҳмаҳмуд, ки соли 1170ҳ. (1756-1757) фавтидааст:

*Эй сарв, соя аз сари мо бар гирифта,*
*Худ рафтаву олами дигар гирифта.*
*Эй хоки тира, дилбари маро азиз дор.*
*Ин нури чашми мост, ки дарбар гирифта.*

Дар Панҷаи Шоҳ ном мазор, дар рӯи кабри Мир Муҳаммадалихони Озод (вафот 1336-1943):

*Даври гардун, ки надорад чуз бедод,*
*Тоза доғе ба дили аҳли ҳунар боз ниҳод.*

*Бурд аз маҷмаи арбоби сухан мардеро,*
*Ки дар ақсоми сухан дастрасаш буд зиёд.*
*Соҳибшуҳрат дар оламӣ камолу дониш,*
*Аъни он Мир Муҳаммадалихони Озод.*
*Ҳайф аз он табъи сафо, оҳ аз он тиннати соф,*
*Ки чу ганҷи дури гавҳар ба таи хок фитод.*

PDF Compressor Free Version

Матни рӯи кабри духтари Поянда Султон, ки 18 моҳи ҷумоди аввал соли 1089х. (14 октябр 1669) фавтидааст.

*Рафтиву дарду доғи туам ёдгор монд,*
*Сад ҳасрат аз ту дар дили умедвор монд.*
*Он акс ки, бувад, орзуи ҷон зи даст шуд,*
*Ин ҷони зормонда, надонам, чи кор монд.*

Матни рӯи маркади муаллимаи диниёт Биби Фотима, ки дар синни 87, соли 1370ҳ. (1950) фавтидааст:

*Муттақия, зоҳида, исматмаоба, олима,*
*Фозила, фаёза, риёза, адиба, нозима.*
*Ростгӯ, ҳаққӯ, некухӯ, қадрдони обрӯ,*
*Фарди нисвони замони хеш Биби Фотима.*
*Сарфи таълиму таалум нақди умри худ намуд,*
*То қавояш буд бар ҳолу вуҷудаш солима.*
*Табъаш аз меҳмон шукуфта чун мизоҷ аз бӯи хуш,*
*Бар рухи мӯҳтоҷу мискин буд хандон доимо.*
*Аз камоли хулқи неку дар ғайбу дар ҳузур,*
*Менамуди аз ҳама кас эҳтироми лозима,*
*Ғарқи зикру фикру авроду вазоиф рӯзҳо,*
*Дар дили шабҳо ба умри худ набуди ноима.*
*Рӯзи ҷумъа нуздаҳум аз моҳи мавлуди шариф,*
*Шуд ба ҷаннат сини ҳаштоду ҳафтум озима.*
*Мисрае аз сояи фавташ зад рақам килки Халил,*
*Ло ҳаку ҷуд иллоҳи боду ҳусни хотима.*

Аз матни рӯи кабри Мир Ҳабибулло, ки соли 1330 (1911) фавтидааст:

*Фиғон к-аз гардиши чархи ситамкор,*
*Ба ҷои об хун аз дидагон рафт,*
*Ман аз бедоди гардун доғ доғам,*
*Ки аз ҷавраш чиҳо бар ину он рафт.*

*Кунун Мир Ҳабибуллоҳи марҳум,*
*Чу нур аз пеши чашми дўстон рафт.*
*Ягона саиди олинасаб буд,*
*Зи насли воиз он қутби замон рафт.*
*Ба мулки ҷовидон зин дори фонӣ,*
PDF Compressor Free Version
*Чароғи равшани ин хонадон рафт.*
*Матни рўи қабри тифл:*
*Тифле ки чу ҷон азиз медоштамаш,*
*Як лаҳза ҷудо зи худ намедоштамаш,*
*Ман парвардаму замонааш бурд ба хок,*
*Эй хок, чунон дор, ки ман доштамаш.*

Дар санги кабри сардор Ғуломалихон, ки соли 1339 (1920) вафот кардааст, чунин байтҳо кандаанд:

*Ҳар кас, ки дар қаламрави мулки ҷаҳон буд,*
*Медон яқин, ки тири қазоро нишон буд.*
*Нагирифт коми хеш кас аз даҳри бесубот,*
*Чандин ҳазор сол агар комрон буд.*
*Афсус, сад дареғ, ки аз сари аҷал,*
*Нокому номурод ҷавоне ки дар ҷаҳон,*
*Сарве фиканда шуд, ки дар бўстон шуд.*
*Бе ў баҳору боғи ҷавони хазон буд.*

*Ў ҳамчу тир рафт, вале модараш зи ғам,*
*Ҳамчун ҳилол лоғару пушташ камон буд.*
*Сад ҳайф аз ҷавонии ў, к-аз ҷаҳон бирафт,*
*Ҳар кас шунид рўзу шаб, ў дар фиғон буд.*

Дар ҳудуди карияи Зиндабобон зиёратгоҳе бо номи Шоҳи Ҳамадон маъруф аст. Ин номро ба Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, ки дар Кулоб мадфун аст, нисбат медиҳанд.

Ин шахс гўё дар Кулоб ва гоҳе дар Пағмон таваққуф доштааст. Соҳиби мазори номбурда сартароши ин шахс буда, мўйҳои Амир Саиди Ҳамадониро дар ҳамин мадфун дафн мекардааст. Билохира кароҏу васияти худи ўро ҳам конеъ гардонида дар ин ҷо дафн кардаанд. Ин абьёт дар болои сари сартарош мастур аст:

*Мири хурд аз ҷаҳон бирафт ҷавон,*
*Ҳақ кунад дар биҳишт маъвояш.*

*Дар ҳалиму ҳусн, хулқу сулук,*
*Кас набудӣ дар даҳр ҳамтояш.*
*Ваҳ, ки аз тундбоди сахти аҷал,*
*Шуд ба ранҷу табъ чу аъзояш.*
*Аз бадан кард ногаҳон парвоз,*
PDF Compressor Free Version
*Тоири рӯҳи аршинишимояш.*
*Зери ин тӯдаи магок афсус,*
*Шуд, ниҳон рӯи моҳсимояш.*
*Ҷустам аз пири ақл таърихаш,*
*Гарқи ҳайраташ бишуд сарпояш.*
*Чун сар аз баҳри гам кашиду бигуфт,*
*«Бод дар хулд доимо ҷояш».*

Мисраи охир моддаи таърих буда аз он санаи 1205 ҳиҷрӣ /1790-1791/ ҳосил мешавад.

Ин сана ба соли ҳаёти Мир Сид Алии Ҳамадонӣ мувофиқат намекунад. Шояд лавҳи мазори сартароши замони ӯ баъди чандин муддат гузошта шуда бошад.

Порча аз матни санги мазори «Зиёрати Ошиқон ва Орифон».

*Дод аз дасти ҷафои чархи каҷрафтор дод,*
*З-он ки як гул зин гулситон хурраму хандон намонд.*
*Ҳар касе омад чанд рӯзе зиндагони карду рафт,*
*Ҳеҷ кас инҷо ба номи хеш ҷовидон намонд.*
*Навҷавонеро зи пой афканд акнун к-аз гамаш,*
*Руҳу роҳат пиру барноро ба ҷисму ҷон намонд.*

Порча аз матни рӯи қабри навоб Ҷабборхон, ки соли 1270 (1853-1854) ҳиҷрӣ фавтидааст:

*Шодӣ чи мумкин аст дар ин мотамсаро,*
*То чодари сина ба сари мост осмон.*
*Чун нуқтаи мадори фалак наъш мурдааст,*
*Дар мурдахонае чун бизиед зиндаву шодмон.*

Порча аз матни рӯи қабри Хадича, модари Амир Шералихон, ки соли 1280 ҳиҷрӣ /1863-1864/ вафот кардааст:

*Оҳ аз ҷафои чархи ситамгар, ки борҳо,*
*Бар подшоҳу бандаву пиру ҷавон гузашт.*

*Ҳар гул, ки шуд шукуфта бо гулзори коинот,*
*Бо доғи дил чу лола аз ин гулистон гузашт.*
*Ҳар дил, ки аз танъуми гетӣ нишот ёфт,*
*Охир ба ранҷу ғуссаву меҳнат зи ҷон гузашт.*
*Аз меҳнати замона чӣ гӯям ки то чиҳад,*
*Дар [illegible] замона хусус-ин замон гузашт.*
*Хуршед аз қабоили афғон ғуруб кард,*
*Ки афғон сад қабила зи ҳафт осмон гузашт.*

PDF Compressor Free Version

Дар рӯи кабри профессор, ки номаш маълум нашудааст, чунин хат хонда мешавад:

*Эй аҳли ҳаёт, маргро ёд кунед,*
*Худро зи ғами замона озод кунед.*
*Чун мегузаред бар сари турбати мо,*
*Бояд, ки ба як фотиҳаам шод кунед.*

Дар рӯи оромгоҳи Оллоҳёрхон, ки 7 моҳи зулкаъда соли 1224 ҳиҷрӣ /16 декабраи 1809/ фавтидааст чунин матн боқӣ мондааст:

*Эй марг чӣ хонаҳо, ки вайрон кардӣ,*
*Дар мулки вуҷуд ғорати ҷон кардӣ.*
*Ҳар гавҳари ноёб, ки омад ба ҷаҳон,*
*Бурдиву ба зери хок пинҳон кардӣ.*

Порча аз катибаи рӯи кабни Раҳимхон, ки соли 1249 ҳиҷрӣ /1833-1834/ фавтидааст:

*Дареғу ҳайф к-аз олам ту, эй ҷони ҷаҳон, рафтӣ.*
*Ҳазор афсус аз хулқи накӯят к-аз миён рафтӣ.*
*Раҳимхон, аминал мулк к-аз дуньёву дун охир,*
*Барои сӯҳбати ҳуррон ба фирдавси ҷинон рафтӣ.*
*Лиқои ҳазрати ҳак дошти манзур к-аз олам,*
*Кашиди нову барканди дилу доманпакон рафтӣ.*
*Ҳавои гулшани хулди барин дар хотират раҳ ёфт,*
*Ки барканди ба кулли дил зи асбоби ҷаҳон рафтӣ.*
*Вазир ба дасти аъдо шарбати талхи аҷал нӯшид,*
*Ту ҳам дилхун аз ин олам ба ҷисми нотавон рафтӣ.*
*Чу аз боди аҷал нахли вуҷудат сарнагун гардид,*
*Ба саҳни боғи шеван шуд, ки сарв аз бӯстон рафтӣ.*

*Ба зери хоки ғаброъ гавҳари зотат чу шуд пинҳон,*
*Аён шуд мотамат, андар миёни дӯстон рафтӣ.*

Порча аз матни рӯи кабри Биби Марямҷон, ки соли 1308 хиҷрӣ /1890-1891/ вафот кадааст:

PDF Compressor Free Version

*Фиғон аз гардиши чархи ситамгар,*
*К-аз ӯ ҳаргиз надидам хотири шод*
*Зи тунбоди аҷал афканд ногоҳ,*
*Қаде к-аз ӯ ҳиҷил шуд сарви озод.*

Матни рӯи кабре, ки соли 978 хиҷрӣ /1570-1571/ канда шуда, дар зиёрати Хоҷа Шоҳмаҳмуд ном мазор махфуз аст:

*Ногоҳ зи тундбоди ҷонсӯзи аҷал*
*Нахли қади хушхиромаш афтод зи по.*
*Таърихи вафоташ аз хирад ҷустам гуфт:*
*«К-он сарв зи по фитод аз боди фано».*

Интихоб аз катибаҳои қабри Шоҳзода Нодир писари Темуршоҳ, ки соли 1220 хиҷрӣ /1805-1806/ вафот кардааст:

*Осудагӣ аз ҷаҳони фонӣ маталаб,*
*З-ин чархи кабуд меҳрубонӣ маталаб.*
*Ҳеҷ аст ҷаҳони фониву ҳарчи дар ӯст,*
*Ҷуз дӯст ба даҳр то тавонӣ, маталаб.*
*То чанд тавон ба дарду ҳирмон будан,*
*Дар қайд зи ҷаври зулм ихвон будан,*
*Шуд тоқати ман тоқ наҷоте, ё раб!*
*Зин беш наметавон ба зиндон будан.*

Хошим Шоиқ афандӣ сафири амири Бухоро дар Кобул, баъд аз ғалабаи револютсияи Халқӣ дар Бухоро ба ватани худ барнагашт. Хошим Шоиқ чун марди олим ва фозил дар соҳаи маорифи кишвари Афғонистон дохили кор шуда хидмати ирфонӣ басар бурд. Ӯ 17 моҳи мухаррами соли 1374/15 сенябри 1954/ вафот кард.

Хошим Шоиқ писар надошт. Духтарон ва ҳамсари ӯ /духтари Азизуллохон/ кабрашро обод карла рӯи санг марсияеро кандаанд, ки онро Халилуллоҳ Халилӣ навишта буд:

*Фозилу маъруф Ҳошим Шоиқи олиҷаноб,*
*Осмони илму донишро дурахшон офтоб.*
*Соҳиби таснифу таълифу татаббӯъ дар улум,*
*Маҳзани анвоъ, маълумот чун чандин китоб*
*Хомаи гавҳарфишонаш муқтадир дар назму наср,*
*Қувваи зеҳну баёнаш дар мубоҳис комьёб.*
PDF Compressor Free Version
*Устоди донишу фазлу адаб дар мамлакат,*
*Баҳраандӯзони файзаш хориҷ аз ҳадду ҳисоб.*
*Қадраш афзун назди арбоби маориф ар ҳама,*
*Бӯстони илму донишро зи бас дод обу тоб.*
*Аз тариқи қадри хидматҳои ирфонӣ бувад,*
*То абад устоди авлоди ватан ӯро хитоб.*
*Менамудӣ урси Бедилро ҳамасола, зи бас*
*Буд қадри пешвоёни адаб пешаш савоб.*
*Ошкоро мешудӣ ҳангоми сӯҳбат, он ки ӯст,*
*Пой то сар донишу фарҳангро лаб-лубоб.*
*Ба ҳузураш маҳфили аҳли адаб будӣ хунук,*
*Маҳфили аҳбобро ӯ гарм карда чун шароб*
*Ӯ гулистони вафоро нахли гулшанзеб буд,*
*Ӯ зи девони муҳаббат буд фарди интихоб.*
*Кӯҳ назди иззу тамкинаш сабук монанди коҳ.*
*Аз баҳори хулқи некаш тоза табъи шайху шоб*
*Он Бухорӣ сӯҳбати гарму дили пурсӯз дошт,*
*Нисбаташ бо аҳли шӯҳрат буд чун обу сароб.*
..........................................................................
*Чун барояш мағфират мехостам беҳад Халил.*
*Хомаам зад соли фавташро рақами «Ғуфрон маоб»*[1]

Аз марсияи устод Халилуллоҳ Халилӣ маълум мешавад, ки Ҳошим Шоиқ шахси соҳибмаълумот буда дар таърихи илму ирфони Афғонистон ҳиссаи арзандае гузоштааст. Ин ҳиссаи ӯро мо аз шеъри зерин низ равшан ҳис менамоем:

*Хуфта ин ҷо Ҳошими Шоиқ, ки дар фазру адаб,*
*Қарнҳо шуд, модари гетӣ қарини вай назод.*
*Хонақоҳи Мавлавиро охирин шамъи умед,*
*Дарсгоҳи Буалиро вопасин барқи мурод.*

---

1. Марсия иборат аз 31 байт буда, мо аввал ва як байти охири онро овардаем.

*Роздони Фахр Розӣ дар умури фалсафа,*
*Раҳшиноси Бу Ҳанифа дар маҳоми иҷтиҳод.*
*Аз Бухоро то ба Кобул в-аз Ҳири то Кошғар,*
*Чашми арбоби назар гардид аз ӯ равшан савод.*
*Маҳфилаш соҳибдилонро раҳнамой файзу қудс,*
PDF Compressor Free Version
*Маҳзараш аҳли назарро раҳбари куи рашод*
*То шавад соли вафоташ офтобе назди халқ,*
*Килки ман гуфт аз паи таърихи ӯ «мағфур бод».*

/Аз иборaи «мағфур бод» соли 1333 шамсӣ ҳосил мешавад/.

Порча аз матни рӯи кабри Бубуҷон бинти Муҳаммад Усмонхон, завҷаи Аминулдавла, ки ба синни 21 солагӣ дар таърихи 24 раби ул-аввал 1284 /27 июли 1867/ вафот кардааст:

*Зери ин торуми забарҷади фом,*
*Гули умед касе начид ба ком.*
*Парвард моида зи хуни ҷигар,*
*Карда лабрез заҳри марг ба ҷом.*
*Ҳар ки дар вай даме бар роҳат зист,*
*Хурд зин ҷом бодаи ноком.*
*Оҳу афсусу ҳайф мерӯяд,*
*То қиёмат зи турбати Баҳром.*
*Пас манеҳ дил дар ин ҷаҳони хароб,*
*Роҳаташ зиллату лаҳаданҷом.*

Матнҳо аз санги сари кабри Амирзода Азим соҳиб, ки соли 950 ҳиҷрӣ /1543-1544/ вафот кардаст:

*Эй, рехта чун гул ба ҷавони дар хок,*
*Чун домани гул пераҳани умри ту чок.*
*Рӯзе, ки ба дил ғами ту ба хок барам,*
*Нола зи дилам бароядy лола зи хок.*

***

*Дар мотами ту даҳр басе шеван кард,*
*То лола зи хуни дида дар доман кард.*
*Гул ҷайби қабои арғувонаш бидарид,*
*Қумрӣ намади сиёҳ дар гардан кард.*

***

*Эй нури ду дидаи ҷаҳонафрӯзам,*
*Рафтиву зи ҳиҷри ту сиёҳ шуд рӯзам.*
*Будем ба ранги шамъ равшан ҳарду,*
*Айём тура бикушту ман месӯзам.*

***

Порча аз лавҳи мазори Марям Билкис бинти Муҳаммад Азимхон, ки соли 1297 /1880/ фавтидааст:

*Сад оҳу сад дареғ зи бедодии ҷаҳон,*
*К-аш нест эътибор на пиру на ҷавон.*
*Аз шоҳу аз гадоу набиву валию қутб,*
*Дасти аҷал ба хоки сиҳ мекунад ниҳон.*
*Аз хок парда гар фиканӣ, нек бингарӣ,*
*Бинӣ дигар ҷаҳон, ҳамагӣ хуфта нотавон.*

Порча аз матни қабри зане, ки соли 1298 ҳиҷрӣ 1881/ фавтидааст:

*Оҳ аз ин даври сипеҳру гардиши гардуни дун,*
*Сад фиғон аз номуродиҳои чархи вожгун.*
*Ҳар куҷо бинад дилеро шоду маҳзун созадаш*
*Гул ба тороҷи хазону ғунча шуд лабрези хун.*
*Шаҳди осоиш кам асту талхкомиҳо басе,*
*Шарбати айше намеёбам аз ин тоси нагун.*

Матни лавҳи мазори Пирдустхони Ачказой, ки соли 1289 ҳиҷрӣ /1872-1873/ вафот кардааст. Марсия ба қалами Тарзӣ тааллуқ дорад:

*Фарёд мекунам зи ҷафоҳои осмон,*
*К-аз вай чӣ фитнаҳо, ки ба аҳли замин расид.*
*Ҳардам зи вай ҳазор балоҳои ногаҳон,*
*Бар хисравони Руму ба султони Чин расид.*
*Тарзӣ, зи марг шукӯҳ чи дорӣ, ки аз қазо,*
*Аз модар ҳар ки зод ба ӯ худ ҳамин расид.*
*Яксар зи дасти марг халоси наёфтааст,*
*Гар филмасал касе ба сипеҳри барин расид.*
*Хушдил диле ки то ба дами вопасини марг,*
*Имон ба бар гирифта ба ҷонофарин расид.*
*Тарзӣ, чу соли реҳлати ӯ хост аз хирад*
*Гуфто, ки пои вай ба биҳишти барин расид.*

PDF Compressor Free Version

Порча аз лавҳи мазори Муҳаммад Сиддиқхон, ки 10 моҳи шаввоюи соли 1257 ҳиҷрӣ (26 ноябри 1841) вафот кардааст:

*Эй сарв, соя аз сари мо баргирифта,*
*Худ рафтаву олами дигар гирифта.*
*Эй хоки тира, дилбари моро азиз,*
PDF Compressor Free Version
*К-ин нури чашми мост, ки дарбар гирифта.*

***

*Эй марг чи хонаҳо, ки вайрон кардӣ,*
*Дар мулки вуҷуд ғорати ҷон кардӣ.*
*Ҳар гавҳари ноёб, ки омад ба ҷаҳон,*
Бурдиву ба зери хок пинҳон кардӣ.[1]

Аз лавҳи мазори Муҳаммад Сиддиқхон, ки соил 1330 (1911-1912) фавтидааст:

*Эй чархи пурситез, зи ҷаври ту сад фиғон,*
*Карди баҳори ин гули бехорро хазон.*
*Аз тешаи ситеза фавту фано нагун*
*Карди фиканда қомат ин сарвро ягон.*
*Оҳу фиғон, нола зи ошӯби дасти ту*
*Дорад ҳамеша ҳулқи зану марду аниси ҷон.*
*Дар рӯзу шаб ба теғи аҷал ҳар ҷафо кунӣ.*
*Мақтули дасти хеш амиру фақиру хон,*
*Эй, даври сифлапарвар в-эй чархи вожгун.*
*Як дил зи ҷаври ту набуд шод дар ҷаҳон,*
*Куштӣ чароғи суруру сард зи зулҷарам*
*Аз тундбоди марг...рӯз ногаҳон.*

Матни зиёрати Хоҷаи Мулло, уламои замони хеш буда, нисбаташ ба ҳазрати шайхулислом Аҳмади Ҷомӣ мунтаҳӣ мешавад (441-536ҳ./1049-1141).

*Хоҷа Мулло - орифи равшанзамир,*
*Соҳиби илму амал, Абдулбасир.*
*Дошта аз Аҳмад ул-Ҷомӣ насаб,*
*Зиндадил он шайхулисломи кабир.*
*Карда дар ҳафтоду ду нӯҳ сол ҳаёт,*
*Илму дин таълим бар барнову пир.*

---

1. Ин рубоӣ дар болооби Зарафшон низ дучор мешавад

*Рафту шуд баъд аз саду бисту се сол,*
*Кашфам акнун вақти фавтӣ он шаҳир.*
*Гуфтам аз рӯзу моҳу солаш, Халил,*
*«З-ин ҷаҳон панҷи раҷаб шуд гушагир».*

1251 ҳ./1835-1836.

PDF Compressor Free Version

Порча аз санги рӯи кабри Абдуллохони шахид, ки ба санаи 1257 (1841-1842) тааллуқ дорад:

*Дареғу оҳ зи бедоди чархи дунпарвар,*
*Фиғон зи гардиши афлоку кинаи ахтар,*
*Набуд бар рухи онон ки раҳгузори губор,*
*Бубин, ки оқибаташ фарши хок шуд бистар.*

Порча аз матни рӯи кабри Якубхон, ки соли 1293 (1876) фавитдааст:

*Чӣ гӯям аз ҷафову ҷаври афлок,*
*Назист як дил даме бо хотири шод.*
*Агар лаҳза касе ором ҷӯяд,*
*Зи оромӣ ба ноором, ба фарёд.*

Матни рӯи кабри шахси номаълум дар деҳаи Тарахели Кобул, ки соли 1026 (1617) кандаанд:

*Гули боғи шараф пажмурда шуд, ҳайф*
*Фитод аз тундбод он сарви озод*
*Дар айёми фироқаш аҳли дилро,*
*Баромад дуди оҳ, аз ҷони ношод.*
*Чу доим дар ғазо мебуд кораш,*
*Ба таърихаш бигӯ «доди ғазо дод».*

Матни рӯи кабри зане, ки 3 моҳи рамазон соли 1379 (8 июни 1960) бо дасти шавҳараш кушта шудааст:

*Ин хоктӯда масками маъвои он касест,*
*К-аз дасти зулму кинаи шавҳар шаҳид шуд.*
*Ин мадфуни касест, ки дар мавсими шубоб,*
*Дебочаи китоб ҳаёташ сафед шуд.*
*Авроқи зиндагониаш аз сар-сари ситам,*
*Дар дашти бекарони ҷафо нопадид шуд.*
*Дасти ҷафою зулму таъди ғулуи ӯ*
*Бифшурд он қадар ки зи ҷон ноумед шуд.*

*Ин осмони иффату покиза домані,*
*Дар қатлгоҳи ҷаври қатил ул-саъид шуд.*

*Афсӯси туро хӯрам, ки дори қасре*
*Гӯри падарат вале фаромӯш шуда.*

Шахрия

PDF Compressor Free Version

## Дар сари кабри амир Олимхон (1910-1920).

Дар байни рохи васати кабристони Шахадои Солихини Кобул, кариби Гунбади Се-Улуғ, бинои гунбадноки на чандон калон намудор аст. Рохи мошингарди нообод камбар, дар кисмати болоии ин бино хат кашидааст. Деворхои бино ва гунбади онро бо кахгил андова кардаанд. Рӯи боми атрофи гунбад пур аз сангхои хурду калон. Маълум мешавад, ки баъзе аз рахгузарон ба рӯи ин бино санг мепартофтанд. Аз се пахлуи бино даромадгохи бедар мондаанд, ки бо воситаи онхо хар чонвар дохили он шуда метавонад. Дар ин гунбад Олимхон - амири охирини гурезаи Бухоро дафн шудааст. Дар рӯи санги мармари гахвора шакли фароп рӯи кабри ӯ ин ибора хонда мешаваад: «Ин хазораи (девор, панчара) пуралам хомили кабзаи хоки иморат ва фахоматбунёни саёдатпанох подшохи хафтуму охири силсилаи мангитияи Бухорои Шариф, яъне чаноби олии мағфур амир Саид Олимхон ибн мархум амир Саид Абдулахад, ибн амир Саид Музаффархон, ибн Саид Насруллохон, ибни амир Саид Хайдархон, ибни амир Шохмурод, мулакаб ба Маъсуми ғозӣ, ибни амир Донёлхон мебошад, ки дар ёли дахуми салтанати он мархум аморати Бухорои Шариф аз тарафи куфори рус истило ва худаш ба сурати мухочир, фи-сабилулло, ба хоки хамсояи мухсин ва мусалмони худ - Афғонистон панохандa шуда. Баъд аз инкизои бисту се сол зист. Дар ин хоки исломӣ ба умри 64 солагӣ, рӯзи шанба, 9 савр 1323 шамсӣ, мутобики панчуми чумоди ул-аввал 1363 хичрӣ нидои арчаъиро лаббайк ва чашм аз дунёи фонӣ пӯшида.

Хактаъоли рухашро дар чувори рахмати хеш чо дихад. Омин!»

«Аз санаи рӯи санг маълум мешавад, ки Олимхон 29

моҳи апрели соли 1944 вафот кардааст. Ӯро «подшоҳи ҳафтум ва охири силсилаи манғития» номида, аҷдоди амир то Дониёл номбар шудааст. Тааҷҷуби мо дар он аст, ки барои чӣ ӯ «подшоҳи ҳаштум» ё «подшоҳи даҳум» неву «подшоҳи ҳафтум» номида шудааст. Фарз кардем, ки ташаббускори ӯ, худ муаллифи ин матн иштибоҳ кардааст. Дар он сурат

PDF Compressor Free Version

барои чӣ номи Муҳаммад Раҳим - асосгузори хонадони Манғития фаромӯш шудааст? Агар ин ном фаромӯш намешуд Олимхонро «подшоҳи ҳаштум» номидан раво буд. Баъди вафоти амир Ҳайдар (1800-1826) писарони ӯ амир Ҳусайн (ё Мирҳусайн) ва Саид Умар тақрибан чор моҳ зиёдтар ҳукм рондаанд. Агар ҳукмронии дуи онҳо ба инобат гирифта мешуд, Олимхон мебоист «подшоҳи даҳум» шуморида шавад. Шояд муаллифи матни рӯи қабри Олимхон аз таърихи ҳукронии манғитҳо дар Бухоро пурра огоҳ набошад. Бо мақсади равшан намудани ин фикрҳо мо дар Кобул бо ду писари Олимхон, ду набераи духтарии ӯ ва яке аз домодҳояш сӯҳбат карда будем. Ҳеҷ кадоми аз онҳо ҷавоби қаноатбахшкунанда гуфта натавонистанд. (Бояд қайд намуд, ки дар Афғонистон аз Олимхон 13 писар ва 15 духтар мондааст).

Ба фикри мо иштибоҳ дар матни рӯи қабр қасдан аст. Чунки Муҳаммад Раҳим соли 1753 бар хилофи қонун ва муқарароти мавҷуда бо зарби яроқи хориҷӣ, яъне ёрии шоҳи Эрон, ба ҳокимияти Бухоро соҳиб шуда буд. Ҳол он ки хонадони сулолаи манғития дар аморати Бухоро ҳуқуқи ҳукмрониро надоштанд. Бинобар ин барои пинҳон намудани таърихи худсарӣ, дар рӯи қабри охирин амири Бухоро номи амири аввалинро аз хонадони Манғития сабт накардаанд.

*Мешавад номи ҳунарманд пас аз марг баланд,*
*Дона сарсабз нашуд то ба таҳи хок нашуд.*

**Сайидо.**

## ДАР САРИ ТУРБАТИ ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ ВА ҲАМДИЁРОНИ Ӯ

PDF Compressor Free Version

Дар шаҳри Деҳлӣ маҳалле маъруф аст, ки «Даргоҳи Низомаддин авлиё» ном дорад. Шахси бо ин ном дафншуда аслан аз Бухоро буда, номи аслиаш Муҳаммад бинӣ Аҳмад бинӣ Али ал-Бухорист. Ӯ соли 1236 таваллуд ёфта, аз Бухоро ба Лоҳур омада, дар соли 1326 дар Деҳлӣ фавтидааст. Мусулмонони Ҳиндустон уро «Султон ул-машоих» ва «Султон авлиё» номида, гунбаде дар рӯи мазораш бардоштаанд. Баъд аз он бар фарози он сандуқе аз чӯби сандал сохтаанд, ки қандилҳо ва занҷирҳои тилло аз он овезон буд. Дар паҳлуи мазори Низомаддин авлиё масҷиде бино кардаанд, ки мавсум ба ҷамоатхона буда сутуни васати ин маҷсид аз санги сурхи якпардагист. Дар дохили масҷид катибаҳои бисёр зебо бо хатти насх манқур мебошад.

Хуллас, Низомаддин дар Ҳиндустон шахси эътимоднок аст ва бе сабаб нест, ки одамони мутабартарин дар назди мазори ӯ мадфун шудаанд.

Дар қисми ҷанубии мазори Низомаддин макрабаи панҷаракории зеборо аз санги мармар мебинем, ки он оромгоҳи шоири номи Хусрави Деҳлавист. Шоир дар моҳи зулқаъда соли 725 ҳиҷрӣ (октябр-ноябри 1324 милодӣ) баъди шаш моҳи Низомаддин фавтидааст. Саид Маҳдӣ ном шахс, мутахаллус ба Номӣ гирди мазори Хусрави Деҳлавиро соли 997 ҳиҷрӣ (1588-1589 милодӣ) девор гирифтааст. Дар соли 1016 ҳиҷрӣ (1607-1608 милодӣ) шахси дигар бо номи Умодаддин Ҳасани Бурҷӣ бар сари қабр макраба бино намуд. Ба рӯи қабри шоир бошад, ба таври умуди лавҳа гузошта ин матнро ба рӯи он кандаанд:

*«Заминро аз ин лавҳ шуд сарфарозӣ,*
*Ба даврони Бобур, шаҳаншоҳи ғозӣ».*
*Мир Хусраву хусрави мулки сухан,*
*Он муҳити фазлу дарьёи камол.*
*Насри ӯ дилкаштар аз маи маин,*

*Назми ӯ софитар аз оби зилол.*
*Булбули дастонсарои беҳарин,*
*Тутии шаккармаҳоли бемисол,*
*Аз паи таърихи соли фавти ӯ*
*Чун ниҳодам сар ба зонуи хаёл,*
*Шуд «адимул мисл» як таърихи ӯ*
*Дигаре шуд «тутии шаккармаҳол».*
PDF Compressor Free Version
Харрараҳу /навишт/ Шаҳобул муаммоӣ ал-Яздӣ

Чуноне ки мебинем, дар ин матн соли вафоти Хусрави Деҳлавӣ ду маротиба ба воситаи ибораҳои «адимул мисл» ва «тутии шаккармакол» оварда шудааст, ки аз ҳар кадоми он моддаи таърих-санаи 725 хиҷрӣ ҳосил мешавад.

Баъд аз ин матн ба хатти настаълики рез байти зерин катиба шудааст:

*«Зи ҳарфи васли ҷонон содиқ омад лавҳи хоки ман,*
*Тариқи содалавҳӣ бас нишони ишқи поки ман».*

Баъди ин байт ин китъа сабт шудааст.

*Маҳдихоҷа Саид бо ҷаҳу ҷалол,*
*Шуд бонии ин асоси бешибҳу мисол.*
*Гуфтам «саъи Ҷамили Маҳмудхоҷа»*
*Таърихи биноҳи ин чу карданд суол.*

Дар ин байт моддаи таърих «Саъи ҷамили Махдихоҷа» буда, аз он санаи 897 хиҷрӣ ҳосил мешавад /1491-1492 милодӣ/.

Ҳамаи матнҳои болои дар рӯи як санги амудӣ аз номи Бобур сар карда, сабт шудааст. Вале ин сана 35 сол бо таърихи чилуси Бобур дар Ҳиндустон ихтилоф дорад. Ӯ соли 932 хиҷрӣ /1525-15526 милодӣ/ бар тахти салтанати Ҳиндустон нишаста буд. Зоҳиран созандаи моддаи таърих ба иштибоҳе роҳ додааст /Маҳдихоҷа яке аз умарои дарбори Бобур ва шавҳари хоҳари ӯ буд/.

Дар деворҳои мақбараи Хусрав низ матнҳо сабт шудаанд. Масалан, дар рӯи девори ғарбӣ ин ғазал аз худи Хусрав, ки ба Низомиддин бахшидааст, мастур аст:

*«Эй шарбати ошиқи ба ҷомат,*
*В-аз дӯсти замон, замон паёмат.*
*Шуд силки фарид аз ту манзум,*
*З-он аст,ки шуд лақаб Низомат.*
*Ҷовиду бақост банда Хусрав,*
*Чун шуд ба ҳазор ҷон ғуломат».*

PDF Compressor Free Version

Дар рӯи девори ҷанубӣ ин рубоӣ навишта шуда:
*«Маро номи некисту Хоҷаазим*
*Ду шину ду лому ду қофу ду ҷим.*
*Агар ном ёбӣ ту з-ин ҳарфҳо,*
*Бидонам, ки ҳасти ту марди фаҳим.*
Котиби мазкур набераи шайх Фариди Шаккарганҷ».

Ин рубоӣ муаммоест, ки номи Хусравро дар ниҳон дорад, бадин тартиб ҳал мешавад:

Ду шин дар алифбои арабӣ ба 600 баробар аст. Ин рақам ба ҳисоби абҷади адади «Ха» - аввали ҳарфи номи Хусрав; Аз ду лом рақами 60 ҳосил мешавад, ки ҳарфи «син»-ро медиҳад; Аз қоф рақами 200 ҳосил мешавад, ки рақами «ре»-ро медиҳад; Аз ду ҷим рақами 6 ҳосил мешавад, ки дар ҳисоби абҷад рақами ҳарфи «вов» аст. Аз ҳама ҳарфҳои дар рақамҳо пинҳон шуда /Х, С, Р, В/ калимаи «Хусрав» ҳосил мешавад.

Дар рӯи девори шарқии бино ин катиба мастур аст:
*«Эй Хусрави беназири олам,*
*Бо равзаи ту маро ниёз аст.*
*Таъмир намуд Тоҳир онро,*
*«Бо равза бигӯ, ки ҷои роз аст».*

Мисраи охир моддаи таърих буда, аз он соли 1014 ҳиҷрӣ /1605-1606 милодӣ/ ҳосил мешавад.

Дар ҳамин сол дар девори шимолӣ низ хат навиштаанд.

Рӯи деворҳои берунии оромгоҳи Хусрав низ хат дорад. Яке аз онҳо:
*«Шаи мулки сухан Хусрави сару солори дарвешон,*
*Ки номаш ҳаст бар лавҳи ҷаҳон чун нақш дар хоро,*

*Чунон дар сурати хуби суханпардоз шуд табъаш,*
*Ки зебе дод аз он сурат ба хубӣ лавҳи маъниро.*
*Шуд ӯ ғаввоси дарьёи тафаккур в-аз муҳити фазл*
*Бурун овард дарҳои маъониро аз он дарьё.*
*Ба соли панҷ пануҷу ҳафтсад аз ҳиҷрати Ҳазрат*
*Зи дор-ул-мулки дуньё кард реҳлат ҷониби уқбо.*
*Оқибат бахайр бод!»*

PDF Compressor Free Version

Дар ҳамин девор аз 10 сатр иборат матни сӯфиёна низ навишта шудааст.

Дар айвони рӯбарӯи мақбара Икром ном шахс дар соли 1226 ҳиҷрӣ /1811-1812 милодӣ/ иборат аз 4 сатр матн кандааст.

Аз матнҳои болои маълум мегардад, ки ба шоири забардаст - Хусрави Деҳлавӣ мардуми Ҳиндустон эҳтиром ва эътиқоди бузург доштааст.

Оромгоҳи Хусрав, ки саҷдагоҳи натанҳо мардуми Ҳинд, балки ҳамаи мухлисони шеъри тоҷикӣ-форсӣ ва ҳамаи дӯстдорони назм гаштааст, бинандаро ба ҳаяҷон меоварад. Бе ихтиёр сӯханони Ҳофизи Шерозӣ ба забон меояд, ки гӯё шоир онро ба унвони ҳамин зиёратгоҳ гуфта бошад.

*Бар замине, ки нишони кафи пои ту буд,*
*Солҳо саҷдаи соҳибназарон хоҳад буд.*

Байни оромгоҳи Хусрави Деҳлавӣ ва зиёратгоҳи Низомиддин як чанд мақбараи аз санги мармари сафеди панҷарагулчин ҷой гирифтааст. Аз рӯи матни руи қабр яке аз он мазори Ҷаҳоноро, духтари саввӯми Шоҳҷаҳон буда чунин матн ба рӯи сангаш сабт аст:

*«Ба ғайри сабза напӯшад касе мазори маро,*
*Ки қабрпӯши ғарибон ҳамин гиёҳ бас аст.»*

«Ал-фақира ал-фонията Ҷаҳоноро, муриди хоҷагони Чист, бинти Шоҳҷаҳон, подшоҳи ғозӣ, аноруллоҳу бурҳона. Сана 1092 ҳиҷрӣ (1681 милодӣ).»

Ҷаҳоноро хатти хуб ҳам дошта, ба забони тоҷикӣ гуфтугӯй мекардааст. Дар саҳифаи китоби «Сад панди Луқмон» чунин навиштааст: «Ин чанд сухан, ки Хоҷа Абдулло

Ансорӣ, шайх ул-ислом, дар вакти худ гуфтааст, агар хазор забон дошта бошам, ки таъриф натавонам кард, гушрову чону дилро аҷаб хабар медиҳад, агар тавфиқ рафиқ гардад. Харрару Ҷахоноро, муриди ҳазрати шайх Хоҷа Муъинаддини Чистӣ».

Тақрибан 400 метр берунтар, дар қисми ҷанубии ин мақбараҳо оромгоҳи шоири шаҳир Асадуллохон Ғолиб дар зери чортоқи кӯчак аз санги мармари сафед ҷой гирифта аст. Калимаи «ғариб» моддаи таърихи валодаи Ғолиб буда, аз он санаи 1212 ҳиҷрӣ (1797-1798 милодӣ) ҳосил мешавад. Шоир дар соли 1285 ҳиҷрӣ (1868-1869 милодӣ) вафот карда аст. Дар рӯи мазори Ғолиб яке аз шогирдонаш, ки Маҷрӯҳ тахаллус дошт, ин байтро гуфтааст, ки он ба рӯи санги мармар сабт шудааст:

*«Рашки урфиву фахри толиби мард,*
*Асадуллохон Ғолиби мард».*

Чуноне, ки маълум аст Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, ки дар шаҳри Кӯлоб мадфун аст, дар Ҳиндустон, махсусан дар Кашмир, шӯҳрати бузург дорад. Меҳмоне, ки аз Кашмир ба Тоҷикистон меояд, кӯшиш мекунад, ки ба зиёрати оромгоҳи ӯ расад.

